




ҚОДИРОВ Ф.С.

# ЗАХИРАҲОИ ТУРИСТӢ: ЁДГОРИҲОИ ФАРҲАНГӢ-ТАЪРИХӢ ВА ТАБИӢ



ББК 75.82я 73
Қ- 75

Қ - 75 ҚОДИРОВ Ф.С. ЗАХИРАҲОИ ТУРИСТӢ: ЁДГОРИҲОИ ФАРҲАНГӢ-ТАЪРИХӢ ВА ТАБИӢ (ВАСОИТИ ТАЪЛИМӢ БАРОИ ДОНИШҶӮЁН) – ДУШАНБЕ : «ИРФОН», 2012 – 128С.

Маводи таълимии «Захираҳои туристӣ: ёдгориҳои фарҳангӣ-таърихӣ ва табиӣ» ба масъалаҳои мақоми ёдгориҳои фарҳангӣ-таърихӣ ва табиӣ дар туризм, азхудкунии онҳо бо мақсади рушди туризм, ҳифз, тармим ва истифодаи ёдгориҳо, таҳкими заминаҳои ҳуқуқии ёдгориҳои фарҳангӣ – таърихӣ ва табиӣ, шарҳи баъзе ёдгориҳо бахшида шудааст. Он кӯшиши нахустин ҷиҳати ошно сохтани донишҷӯён бо асосҳои назариявии ёдгориҳои фарҳангӣ-таърихӣ ва табиӣ ҳамчун захираи туристӣ, махсусиятҳои истифодаи ин захираҳо барои рушди туризм дар мамлакат, ташкили пешниҳоди захираҳои мазкур ба ҳайси маҳсулоти милиц туристӣ ва ғайраҳо маҳсуб меёбад.

Маводи таълимӣ барои омӯзгорон ва донишҷӯёни тахассусҳои туризми макотиби таҳсилоти олии касбӣ пешбинӣ гардидааст.

Қ 4205000000 – 66 – 2012
М501(12) – 2012
ISBN 978 - 99 947- 0-620-4

© Қодиров Ф.С., 2012

# МУҚАДДИМА

Омӯзиши амиқ ва истифодаи ҳамаҷониба аз ёдгориҳои меросӣ бо назардошти таҳаввулоти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ дар солҳои охир аҳамияти аввалиндараҷа касб намудааст. Ҳифз, тармими ёдгориҳои мероси фарҳангӣ-таърихӣ ва идомаи пайвастаи пажӯҳишҳои таърихӣ, бостоншиносӣ, биологию зоологӣ ҷиҳати бозёфтҳои тоза дар самтҳои мероси таърихӣ-фарҳангӣ ва табиӣ шароити мусоиди пешгирии раванди харобшавии ин боигарии миллии мамлакат мебошад. Азхудкунии мероси фарҳангӣ-таърихӣ ва табиӣ омили беҳдошти маънавиёт буда, дар акси ҳол фарҳанги ғайр метавонад фазои онро тира созад.

Тоҷикистон дорои ҳудудҳои нодири фарҳангӣ-таърихӣ ва табиӣ, аз қабили шаҳрҳои қадима, шаҳракҳо, ансамблҳо ва маҷмааҳои меъмории таърихӣ, маҷмааҳои фарҳангӣ-таърихӣ, мавзеъҳои нодири табиӣ, обҳои шифобахш, олами нотакрори ҳайвоноту наботот буда, миёни кишварҳои ҷаҳон бо таърихи кӯҳанбунёд, мардуми тамаддунсоз ва ҷойгиршавии ҷуғрофӣ ба куллӣ фарқ мекунад. Ин дастовардҳои миллӣ ифодакунандаи мероси давраҳои гуногуни таърихии рушди ҷомеа ба ҳисоб меравад. Онҳо заминаи муҳими ташкили шаклҳои фарҳангӣ-маърифатӣ, экологии туризм ва машғулиятҳои фароғатӣ буда, вазифаи муҳими тарбиявӣ доранд.

Таваҷҷӯҳи ҷомеаи чаҳонӣ аз нигоҳи туризм ба кишварҳое равона гардидааст, ки мероси бою пурғановати фарҳангӣ-таърихӣ ва табиӣ, инчунин инфрасохтори рушдкардаи туристӣ доранд. Тоҷикистон дар ин миён бо дастовардҳои беандоза зиёди мероси фарҳангӣ-таърихӣ ва табиияш набояд дар канор монад. Тавҷҷӯҳи бештар зоҳир намудан ба омӯзиш, ҳифз ва барқарорсозии мероси фарҳангӣ-таърихӣ ва табиӣ, азхудкунии ҳарчӣ бештари

онҳо ва бунёди инфрасохтори муосири туристӣ, тарбияи кадрҳои баландихтисоси соҳа метавонад туризмро ба яке аз аз манбаъҳои боэътимоди даромади миллӣ табдил диҳад.

Воситаи таълимии «Захираҳои туристӣ: ёдгориҳои фарҳангӣ-таърихӣ ва табиӣ» ба масъалаҳои нақши мероси фарҳанги-таърихӣ ва табиӣ дар туризм, азхудкунии онҳо бо мақсади рушди туризм дар мамлакат, ҳолат ва дурнамои омӯзиш, хифз ва истифодаи ёдгориҳо, таҳкими заминаҳои ҳуқуқии ёдгориҳои фарҳангӣ-таърихӣ ва табиӣ, шарҳи баъзе аз ёдгориҳои минтақаҳои гуногуни мамлакат бахшида шудааст. Он кӯшиши нахустин ҷиҳати ошно сохтани донишҷӯён бо асосҳои назариявии ёдгориҳои фарҳангӣ-таърихӣ ва табиӣ ҳамчун захираи туристӣ, махсусиятҳои истифодаи ин захираҳо барои рушди туризм дар мамлакат, ташкили пешниҳоди захираҳои мазкур ба ҳайси маҳсулоти милии туристӣ ва ғайраҳо маҳсуб меёбад.

Муаллиф ва мураттиб ба сардори Шӯъбаи ҳифз ва истифодаи мероси таърихӣ-фарҳангии Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон Азизов Музаффар Давлатович барои  кӯмак ва дастгирӣ дар таълифи васоити таълимӣ изҳори сипос менамояд.

# БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ҲИФЗ, БАРҚАРОРСОЗӢ ВА ИСТИФОДАИ ЁДГОРИҲОИ ФАРҲАНГӢ-ТАЪРИХӢ ВА ТАБИӢ.

## 1.1. МАФҲУМИ ЁДГОРӢ. ХУСУСИЯТҲОИ ФАҚКУНАНДАИ ЁДГОРИҲО.

„Ёдгорӣ", „ёддошт", „ёдгор" ва дигар калимаҳои ҳаммонанд дар „Фарҳанги забони тоҷикӣ" ба маънои чизе ба хотира мондан омадааст. Ёдгорӣ мафҳумест, ки ифодакунандаи ашё, чиз, асар, хат, тасвир ва ё чизи дигареро барои хотира ба касе ё ба маҷмӯи одамон боқӣ гузоштан мебошад. Ёдгориҳо гуногунанд. Масалан, ёдгории зеҳнӣ: кори ҳамарӯза, эҷодиёт, муносибати байниҳамдигарӣ, бозӣ ва ғайраҳо. Ҳамаи ин зуҳурот тасодуфӣ набуда аз насл ба насл ба мерос гузашта дар мавриди мо ҳамчун ёдгорӣ шинохта мешавад. Ёдгориҳо метавонанд хусусӣ ва ҷамъиятӣ бошанд. Ёдгориҳо хусусӣ моликияти шахси алоҳида буда метавонанд барои истифодаи умум пешниҳод гарданд. Ёдгориҳои ҷамъиятӣ – коллективона моликияти ҷамъиятӣ ва ё давлат ҳисобида шуда он низ мавриди истифодаи умум қарор мегирад. Дар ҳарду маврид, яъне ҳарду намуди моликият тибқи қонунгузории ҳуқуқи муаллиф ҳифз карда мешавад.

Ёдгорӣ сарчашмаест, роҷеъ ба зуҳуроти муайяни таърихӣ – фарҳангӣ маълумот медиҳад. Мероси фарҳангӣ дар ҳар шакли зоҳиршавӣ (адабиёт, санъати тасвирӣ, мусиқӣ, созҳои миллӣ, муҷассама, меъморӣ, урфу одат ва анъанаҳои миллӣ в.ғ.) ҳамчун ёдгорӣ шинохта мешавад. Ёдгориҳои бостоншиносӣ, меъморӣ, , санъати тасвирӣ, ҳайкалтарошӣ ва ғайраҳо дар маҷмӯи мероси фарҳангӣ мақоми арзишманд доранд. Дар ин маврид ёдгориҳои

табиат низ вуҷуд доранд, ки аз тарафи давлату ҳукумат ҳифз гардида мавриди истифодаи умум қарор мегиранд. Ин гуна ёдгориҳо маҳсули зуҳуротҳои физиологӣ ва биологии табиат мебошанд: шаршараҳо, қуллаҳо, дарахтони кӯҳансол, кӯлҳо, ҷангалзорҳо, олами ҳайвоноту набототи нодир ва ғайраҳо.

Ёдгориҳои фарҳангу таърих ва табиат сарчашмаи эътимодноки таърихианд, ки аз рӯи онҳо гузаштаи ҷамеаи инсониро то пайдоиши хат ва минбаъд, инчунин эволютсияи Замин муайян намудан мумкин аст. Ба ёдгориҳои таъриху фарҳанг инҳо мансубанд: олоти меҳнат, яроқу аслиҳа, лавозимоти рӯзғор, сарулибос, маснуоти зебу зиннат, харобаи шаҳрҳо, истеҳкомҳои бостонӣ, боқимондаи иншооти гидро – техники қадимӣ, роҳҳо, устохонаҳо, қабрҳои қадима, ибодатгоҳҳо, тасвиру навиштаҷоти рӯи санг ва харсангҳо (петроглифҳо) маҷмааҳои меъморӣ; қалъаҳо, масҷиду мадрасаҳо, оромгоҳҳо, мақбараҳо, манораҳо ва ғайраҳо.

Ёдгориҳо арзиши (қимати) фарҳангӣ, илмӣ, техникӣ, таърихӣ, эстетикӣ ва ғайра дошта, метавонанд дар як вақт тамоми паҳлӯҳои маърифати инсониро ташаккул диҳанд.

Ёдгориҳои фарҳангу таърих ҷавҳари асосии фаъолияти осорхонаҳоро ташкил медиҳанд. Кулли ёдгориҳое, ки ба феҳрасти ёдгориҳои осорхона ворид шудаанд ва ҳифз карда шуда пешкаши истеъмолкунандагон мегарданд, экспонати осорхона ҳисобида мешаванд. Ёдгориҳои қиматашон баланд ва нодир аз қабили зару зевар, сангҳои қиматбаҳо, дастнависҳо, мусавварахо (нусхаи асл) антиквариат хисобида мешаванд.

Ёдгориҳое вуҷуд доранд, ки арзиши фарҳангии худро гум кардаанд. Онҳоро ашёи қадима ном мебаранд.

Ёдгориҳои табиат ва ёдгориҳое, ки маҳсули дасти инсонанд аз якдигар ба куллӣ фарқ мекунанд. Ёдгориҳои

маҳсули дасти инсон бо истифодаи нерӯи ҷисмонӣ ва зеҳнӣ ҳосил мешаванд. Ёдгориҳои табиат бошанд натиҷаи зуҳуроти биологию физиологӣ дар табиат мебошанд.

## 1.2. МАФҲУМ ВА МОҲИЯТИ ҲИФЗ ВА ИСТИФОДАИ ЁДГОРИҲОИ ФАРҲАНГӢ-ТАЪРИХӢ ВА ТАБИӢ.

Иборои „ҳифз" ва „истифодабарӣ" дар системаи донишҳои гуманитарӣ ба маънои муҳофизат намудани арзишҳо, мероси фарҳангӣ ва табиии тамаддуни ҷаҳонӣ, инчунин истифодабарии ин арзишҳо ба хотири пешрафти минбаъдаи тамаддуни ҷаҳонӣ вомехӯрад. Ҳифз ва истифодабарии ёдгориҳо дар мавриди омӯзиш ва барқарорсозию истифодабарии ёдгориҳои таърихи фарҳанг ва табиат ба маънои беҳдошти маҷмӯи ёдгориҳо аз қабили оромгоҳҳо, масҷиду мадрасаҳо, харобаҳои шаҳрҳои қадима, манораҳо, қалъаҳо, деворнигораҳо, олоти меҳнат, яроқу аслиҳа, лавозимоти рӯзгор, сарулибос, лавозимоти ороишӣ, манзараҳои дилфиреби табиат, паркҳо ва мамнуъгоҳҳои табиӣ, кӯлу чашмаҳо, дарёҳо ва ғайраҳо меоянд. Ҳифз ва истифодаи ёдгориҳои таъриху фарҳанг ва табиат намуди алоҳидаи фаъолияти зеҳнӣ ва ҷисмонӣ буда ба беҳдошти арзишҳои фарҳангии халқҳо ва табиати нотакрор нигаронида шудааст.

Муассисаҳо ва ташкилотҳое, ки фаъолияташон ба ҳифз, пешкаши мардум намудан ва тарғиби ёдгориҳои фарҳангӣ-таърихӣ ва табиӣ нигаронида шудааст ин осорхонаҳо, паркҳо, мамнӯъгоҳҳо мебошанд. Рисолати асосӣ ва аз ҳама муҳими ин муассисаву ташкилот пеш аз ҳама ҳифзу барқарорсозӣ ва ба мардум пешкаш намудани мероси бою пурғановати фарҳангӣ, таърихи ва табиӣ мебошад. Дар ҷумҳурии мо маҷмӯи зиёди осорхонаҳо ва мамнӯъгоҳҳо фаъолият менамоянд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маҷмӯи

осорхонаҳо ва мавзеъҳои табиии ҳифзшаванда амал менамоянд: Осорхонаи миллии ба номи К.Беҳзод, Осорхонаи миллии бостонии Тоҷикистон, Муҷтамаи ҷумҳуриявии осорхонаи ш. Кӯлоб, Осорхонаи ҷумҳриявии ш. Панҷакент ба номи А. Рӯдакӣ, Осорхона-мамнӯъгоҳи ҷумҳуриявии Данғара, Осорхонаҳои вилоятӣ дар маркази вилоятҳо, инчунин Мамнӯъгоҳҳои «Бешаи палангон», «Ромит», «Даштиҷум», «Зоркӯл», як зумра ҳудудҳои махсус муҳофизатшаванда ва ғайраҳо.

Ёдгориҳои фарҳангу таърих ва табиат экспонати асосии осорхонаҳо ба ҳисоб рафта тавассути ташкили экспозитсияҳо, намоишҳои мавзӯӣ, намоишҳои сайёр ба тамошобинон – истеъмолкунандагон, меҳмонони ватанию хориҷӣ пешкаш мегардад. Ёдгориҳои фарҳангу таърих ва табиат заминаҳои ҳуқуқии ҳифз ва истифодбариро доранд. Дар ҷумҳурии мо маҷмӯи зиёди санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ба тасвиб расидаанд, ки онҳо ба таҳкими ҳифзи ҳуқуқии ёдгориҳо нигаронида шудаанд. Ёдгориҳои фарҳангу таърих ва табиат, ки ба хайси экспонати осорхона мавриди истифода қарор мегиранд, инчунин ҷисман низ ҳифз карда мешаванд. Ин ёдгориҳо вобаста ба махсусияташон дар ҳолатҳои гармӣ, сардӣ, намнокӣ, рутубат, рӯшноӣ, ҳавои кушод, торикӣ нигоҳ дошта мешаванд. Дар ҳолатҳои фарсудашавӣ, харобшавӣ, норасоии ҷисмӣ ёдгориҳо аз тарафи мутахассисон дубора мавриди омӯзиш ва барқарор қарор мегиранд.

Мақоми ёдгориҳо дар ҳифзи миллатҳо, ягонагӣ ва манзалати таърихии халқҳо хело назаррас мебошад. Халқу миллатҳоро бо арзишҳо ва мероси миллию фарҳангиашон мешиносанд. Ёдгориҳои фарҳангу таърих ва табиат инъикосгари воқеии арзишҳо ва мероси миллию фарҳангӣ буда тавассути онҳо воқеити халқу миллатҳо ба ҷаҳониён муаррифӣ мешавад.

Дар ҷомеаи муосири ҷаҳонӣ маҷмӯи тадбирҳо ва чорабиниҳои умумибашарӣ тарҳрезӣ ва доир мегарданд, ки ба ҳифз ва истифодабарии мақсадноки ёдгориҳои фарҳангу таърих ва табиат нигаронида шудаанд. Ин гуна чорабиниҳо асосан бо ибтикори созмонҳои байналмилалӣ дар ҷодаи фарҳанг, экология, илм, таҳсилот, бахусус ЮНЕСКО доир мегарданд. Аз ҷумла дар Конфронси умумиҷаҳонӣ оид ба туризм ҳуҷҷат бо номи Декларатсияи Манил (Филиппин-10.10.1980) қабул гардид. Дар он омадааст: «…Таъмини талаботи истеъмолкунандагон бояд ба рағбатҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ…, муҳити атроф, бахусус захираҳои табиии ҳамчун омили асосии таваҷҷӯҳи сайёҳон, инчунин мавзеъҳои таърихию фарҳангӣ зиёновар набошад ».

Дар Кодекси глобалии ахлоқи туристӣ омадааст: «Сиёсат дар ҷодаи туризм ва фаъолият дар асоси эҳтиром нисбат ба мероси бадеӣ, бостонӣ ва фарҳангӣ бо мақсади ҳифз ва барои ояндагон мерос гузоштан ба роҳ монда мешавад».

Дар ин миён инчунин Низомномаи байналмилалӣ доир ба Нигоҳдорӣ ва Барқароркунии Ёдгориҳо ва Мавзеъҳо машҳур бо номи «Низомномаи Венетсия» (1968)-ро ёдовар шудан мумкин аст. Дар Низомномаи мазкур масъалаҳои мафҳумҳо, ҳадафҳо, нигоҳдорӣ, барқароркунӣ, мавзеъҳои таърихӣ возеҳу равшан баён карда шудааст.

## 1.3.ТАНЗИМИ РАВАНДИ ҲИФЗ ВА ИСТИФОДАИ ЁДГОРИҲОИ ФАРҲАНГӢ-ТАЪРИХӢ ВА ТАБИӢ.

Ёдгориҳои фарҳангӣ- таърихӣ ва табиии бо назардошти талабот ва принсипҳои хос мавриди ҳифз ва истифода қарор мегиранд. Онҳо намудҳои гуногуни моликият аз қабили давлатӣ, маҳаллӣ, хусусӣ ва ҷамъиятӣ буда метавонанд.

Ёдгориҳои давлатӣ – маҷмӯи ёдгориҳои фарҳангу таърих ва табии, ки аз тарафи давлат ба ҳайси ёдгории аҳамияти давлатидошта ба қайд гирифта шуда барои истеъмолкунандагон пешкаш мешавад мебошанд: ёдгориҳои ғайриманқул (беҳаракат) – масҷидҳо, мадрасаҳо, кӯшкҳо, қалъаҳо, манораҳо, шаҳрҳои қадима, шаҳракҳо, димнаҳо, девораҳо; ёдгориҳои бостонӣ – тангаҳо, аслиҳа, лавозимоти рӯзгор, олоти меҳнат, сарулибос, созҳои миллии мусиқӣ, аксҳо, катибаҳо, санъати ороишию амалӣ ва ғайраҳ; ёдгориҳои табиат-кӯлҳо, мамнӯъгоҳҳои табиии, боғҳои миллӣ, чашмаҳо, обҳои шифобахш, дарёҳо, ҷангалҳо, манзараҳои табиии, ҳайвоноти нодир ва ғайраҳо. Ин ёдгориҳо асосан аз тарафи давлат ва ҳукумат ҳифз карда шуда, ташкилотҳои махсуси давлатӣ, бахусус соҳаи фарҳанг ҷиҳати барои истифодаи умум пешкаш намудан шароит муҳайё мекунанд. (Осорхонаҳо, намоишгоҳҳо, выставкаҳои сайёр, мамнӯъгоҳҳои таърихӣ – фарҳангӣ, мамнӯъгоҳҳои табиӣ, фарҳангӣ-табиии).

Ёдгориҳои аҳамияти маҳаллидошта ифодагари ҳаёти фарҳангӣ, таърихӣ ва ягон воқеаи фараҳбахши сиёсӣ – фарҳангии маҳалли алоҳида мебошанд. Ин гуна ёдгориҳо низ аз тарафи давлат ба қайд гирифта мешаванд.

Ёдгориҳои хусусӣ моликияти шахси алоҳида ба ҳисоб меравад ва дар ташкилотҳои марбутаи давлатӣ ба қайд гирифта мешавад: кӯзаҳои кулолӣ, тангаҳо, олоти меҳнат, ярок, либос, китоб (дастнависҳо) ё ашёи дигар, ки аз авлод ба авлод мерос омадааст ва шахси алоҳида молики он мебошад.

Ёдгориҳои ҷамъиятӣ мавриди истифодаи умум буда аҳамияти таърихӣ – фарҳангӣ доранд: чархофалакҳо (атраксион), қаиқҳои обӣ, дучархаҳо, тракторҳо, майдончаҳои варзишию бозигӣ бо таҷҳизоташ, техника ва ғайраҳо. Ин гуна ёдгориҳо моликияти ҷамъиятӣ ҳисобида

мешаванд ва дар феҳрасти ёдгориҳо аз тарафи ташкилотҳои давлатӣ ба қайд гирифта мешаванд.

Ёдгориҳои фарҳангӣ-таърихӣ ҳангоми бозёфт гардиданашон аз назари илмӣ мавриди таҳқиқ қарор мегиранд. Пас аз муайян намудани арзиши илмӣ, фарҳангӣ ё таърихӣ онҳо ба феҳрасти ёдгориҳои таъриху фарҳанг дохил гардида ёдгории расман ба қайд гирифташуда ҳисобида мешаванд. Ёдгориҳои ба қайд гирифташудаи манқул (ҳаракаткунанда) экспонати хазинаи ин ё он осорхона (вобаста ба самти фаъолияти осорхона) ҳисобида мешаванд ва мавриди истифодаи умум қарор мегиранд.

Принсипи бунёди шароит барои беҳдошти ёдгориҳо низ аҳамияти муҳим дорад. Низоми махсуси ҳифз ва истифодаи ёдгориҳо вуҷуд дорад, ки он аз хусусияти худи ёдгориҳо бармеояд: низоми рӯшноӣ, намнокӣ, рутубат, торикӣ, химиявӣ ва ғайраҳо. Низоми истифодаи ёдгориҳо вобаста ба талаботҳои марбут ба ҳифзи ёдгориҳо сурат мегиранд. Яъне дар мавриди ташкили экспозитсияҳо (намоишҳо) талаботҳои ҳифзи ёдгориҳо бояд ба назар гирифта шавад.

Бақайдгирӣ ва ҳифзи мамнӯъгоҳҳои таъриху фарҳанг ва табиӣ хусусияти хоси худро дорад. Дар ҷумҳурӣ айни ҳол ду мамнӯъгоҳи таърихӣ – фарҳангӣ- Мамнӯъгоҳи таърихӣ – фарҳангии Ҳисор, Мамнӯъгоҳи таърихӣ – фарҳангии Ҳулбук, инчунин Маҷмааи ҷумҳуриявии таърихию фарҳангии Панҷрӯд ва Осорхона-мамнӯъгоҳи ҷумҳуриявии Данғара амал мекунад. Ин мамнӯъгоҳҳо ва мачмааҳо дорои маҷмӯи ёдгориҳои таъриху фарҳанг ва табиат мебошанд, ки ба феҳрасти ёдгориҳо дохил гардида аз тарафи давлат муҳофизат мешаванд.

Дар радифи ёдгориҳои таъриху фарҳанг ёдгориҳои табиат: мавзеъҳои зебои табиӣ, шаршараҳо, кӯҳҳо, кӯлҳо, қуллаҳо, ҷангалзорҳои нодир, ҳайвоноти нодир ва ғайраҳо

дар феҳрасти ёдгориҳо ба қайд гирифта шуда аз тарафи давлат ҳифз карда мешаванд.

Барои танзими раванди ҳифз ва истифодаи мероси табии дар ҷумҳурӣ мамнӯъгоҳҳои табии, Боғи миллӣ ва якчанд мавзеъҳои махсус муҳофизатшаванда вуҷуд доранд. Инҳо Боғи миллӣ бо фарогирии баландкӯҳҳои Файзобод то баландкӯҳҳои Помир (2,6 млн. га), Боғи таърихӣ-табиии «Ширкент» (3000.га), Боғи табиии «Сари Хосор» (3805 га), Мамнӯъгоҳҳои «Бешаи палангон» (49700 га), «Ромит» (16100 га), «Даштичум» (19700 га), «Зоркӯл» (87700 га) ва парваришгоҳҳо мебошанд.

## 1.4. ИДОРАКУНӢ ВА НАЗОРАТИ РАВАНДИ ҲИФЗ ВА ИСТИФОДАИ ЁДГОРИҲОИ ФАРҲАНГӢ-ТАЪРИХӢ ВА ТАБИӢ.

Ҳифз ва истифодаи ёдгориҳои фарҳангу таърих ва табиат дар сиёсати давлатӣ роҷеъ ба фарҳанг ва муҳити зист мақоми арзишманд дорад. Сохторҳои марбутаи давлат ва ҳукумат  пайваста кӯшиш менамоянд, ки ёдгориҳои фарҳангу таърих  ва мероси табии ҳамчун арзиши  миллӣ ва омили муҳими тақвияти ҷаҳонбинию дониши таърихӣ – фарҳангии ҷомеа аҳамияти худро гум накарда баръакс минбаъд такмил дода шаванд.

Айни ҳол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷамъ 2020 ёдгории таърихию фарҳангӣ ба қайд гирифта шудааст. Аз ин ҳисоб 442- то ёдгории таърихӣ-монументалӣ (аз ҷумла 160 ҳайкалу нимпайкараҳо), 1278 ёдгории бостонӣ ва 300 тояш ёдгории меъморӣ мебошад.

Ҳукумати иҷроияи мамлакат дар ташкилотҳои идоракунии соҳа секторҳо, шӯъбаҳо ва раёсатҳои махсуси самти фаъолияташон ба ҳифз ва беҳдошту истифодаи ёдгориҳои фарҳангу таърих ва табиат нигоронидашударо

доро мебошад. Идоракунии раванди ҳифз ва истифодабарии ёдгориҳои фарҳангу таърих бар дӯши Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ва идоракунии раванди ҳифз ва истифодабарии меоси табии бар дӯши Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Дар радифи ташкилоту муассисаҳои давлатии ҳифз ва истифодаи ёдгориҳо инчунин маҷмӯи ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва ҷамъиятӣ вуҷуд доранд, ки ба кори ҳифз ва нигоҳдорию истифодаи ёдгориҳои таъриху фарҳанг машғуланд.

Дар назди Вазорати фарҳанг Муассисаи давлатии «Иттиҳодияи илмию истеҳсолӣ оид ба муҳофизат ва таъмини истифодаи ёдгориҳои таъриху фарҳанг» амал мекунад. Ин муассиса рафти сифати корҳои тармиму таъмири ёдгориҳоро назорат намуда, онҳоро ба қайд мегирад ва раванди ҳифзу истифодаи мақсадноки онҳоро танзим менамояд. Муассисаи мазкур инчунин ташхиси бадеии ёдгориҳоро доир намуда содирот ва воридоти боигариҳои фарҳангиро дар ҷумҳурӣ назорат мебарад.

Мақсади Муассисаи давлатии «Иттиҳодияи илмию истеҳсолӣ оид ба муҳофизат ва таъмини истифодаи ёдгориҳои таъриху фарҳанг» ташкили корҳои ҳифз, тамим ва истифодаи ёдгориҳо, такмили усулҳои тармим, гузаронидани тадбирҳои бавуҷудории заминаҳои моддӣ – техникии тармими ёдгориҳои таърихӣ – фарҳангӣ мебошад. Муассисаи мазкур инчунин ба фаъолияти илмӣ – методӣ бо мақсади тармим ва истифодаи ёдгориҳо роҳбарӣ менамояд.

Тарғиби арзишҳои фарҳангӣ таърихӣ ва табии дар шакли ёдгориҳои фарҳангу таърих бар дӯши кормандони муассисаву ташкилотҳои фарҳангӣ меистад. Ташкил ва баргузории экспозитсияҳо, намоишгоҳҳо, выставкаҳои сайёр, вохӯриҳо бо ҳунармандон, косибон, таърихнигорон,

воқеанигорон дар фаъолияти осорхонаҳо, коху хонаҳои фарҳанг, марказҳои фарҳангу фароғат мамнӯъгоҳҳои таърихӣ – фарҳангӣ дар кори истифодаи ёдгориҳои таъриху фарҳанг аҳамияти хоса дорад.

Ҳукумат ва давлат кафили беҳдошт, ҳифз ва истифодаи мақсадноки ёдгориҳои таъриху фарҳанг ба ҳисоб меравад. Назорати иҷроиши вазифаҳои ҳифз ва истифодаи ёдгориҳо аз тарафи давлат ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ, ҳолати беҳдошт ва истифодаи ёдгориҳоро ба танзим медорад.

Масъалаи ҳифзи ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ яке аз масъалаҳои муҳими сиёсати фарҳангии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, солҳои охир дар ин ҷода силсилаи корҳои намоён ба сомон расонида шуданд. Назорати давлатӣ ва роҳбарӣ ба танзиму ва манфиати ҷомеа истифода намудани ёдгориҳо аз тарафи Вазорати фарҳанг сурат мегирад.

Солҳои охир барои тармими як зумра ёдгориҳо аз буҷаи давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағ ҷудо шуда тармими ёдгориҳо таъмин гардиданд. Масалан барои тармими ёдгориҳо аз қабили ёдгории меъмории «Хоҷаахмади Бузург» (ш.Панҷакент), «Қалъаи Ӯрда» (ш.Исфара), «Мавлоно Чархӣ» (ш.Истаравшан), «Қалъаи Ҳисор» (н.Ҳисор), Оромгоҳи «Шоҳи Хомӯш» (н.Мӯъминобод), «Мавлоно Обиддин» (н.Дангара), «Қалъаи Вамар» (н.Рӯшон), «Қасри шоҳони Ҳулбук» (н.Восеъ), Оромгоҳи «Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ» (ш.Кӯлоб), Оромгоҳи «Абуабдулои Рӯдакӣ» (н.Панҷакент) ва ғайраҳо аз тарафи давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағгузорӣ шуда тармими онҳо таъмин гардид. Ин нишондиҳандаҳо гувоҳ бар он аст, ки назорати беҳдошт, хифз ва истифодаи ёдгориҳо дар сиёсати фарҳангии кишвар мақоми арзишманд дорад.

Назорати ҷамъиятӣ ҷиҳати пешгирии харобкориҳо нисбати ёдгориҳои фарҳангӣ-таърихӣ низ дар ҷумҳурӣ тақвият ёфта истодааст. Айни ҳол Ҷамъияти ҷумҳуриявии ҳифзи ёдгориҳои фарҳангӣ-таърихӣ амал мекунад. Ин ҷамъият нашрияи махсусеро бо номи „Мероси ниёгон" нашр менамояд, ки дар он оиди ҷанбаҳои гуногуни беҳдошт, ҳифз ва истифодабарии ёдгориҳо, бозёфтҳои тозаи бостоншиносӣ, ҳафриёту ковишҳои бостонӣ, ҳунарҳои мардумӣ тадқиқотҳои илмӣ дар мавриди ёдгориҳои фарҳангу таърих маводи ҷолиб нашр карда мешавад. Маводи нашрияи мазкур дар баланд бардоштани ҳисси ифтихори миллӣ, ватандӯстӣ, эҳтиром нисбати мероси ниёгон, муаррифӣ намудани дастовардҳои нави бостонӣ аҳамияти арзишманд дорад.

Дар назди шӯъбаҳо ва раёсатҳои фарҳанги шаҳру ноҳияҳо воҳидҳои кории нозирони ҳифзи ёдгориҳо, инчунин ҷамъиятҳои гуногуни ҳифзи ёдгориҳо амал мекунанд. Ин воҳидҳои корӣ ва ҷамъиятҳо дар кори ҳифз ва истифодаи ёдгориҳо дар шаҳру ноҳияҳо масъул буда назорати ҳолат ва истифодаи мақсадноки ёдгориҳоро таъмин менамоянд.

Шаҳрвандони ватанию хориҷӣ ҳуқуқи конститутсионии дастрасӣ ба арзишҳои фарҳангӣ- таърихӣ ва табиии дошта иштирокчии фаъоли раванди назорат оиди беҳдошт, ҳифз ва истифодабарии ёдгориҳо мебошанд.

## 1.5. ЗАМИНАҲОИ ҲУҚУҚИИ ҲИФЗ ВА ИСТИФОДАИ ЁДГОРИҲОИ ФАРҲАНГӢ- ТАЪРИХӢ ВА ТАБИӢ.

Ёдгориҳои фарҳангу таърих ва табиат ҷузъи ҷудонопазири ҳаёти фарҳангии ҷамеа буда он тибқи қонунгузории байналмиллалӣ ва ватанӣ ҳифз, барқарор ва

истифода мешавад. Омӯзиши ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқи ҳифзи ёдгориҳо бо истифода аз усулҳои таърихӣ, аналитикӣ, муқоисавӣ, систематикӣ ва мантиқӣ сурат мегирад.

Ҷамеаи ҷаҳонӣ дар кори ҳифз, беҳдошт ва истифодаи ёдгориҳо як қатор санадҳои меъёрии байналмиллалиро сармашқ менамояд. Аз ҷумла Конвенсияи истифодаи мероси умумиҷаҳонии фарҳангӣ ва табиии аз 16 ноябри с 1972 муҳимияти барои рушди фарҳанги халқҳо ва миллатҳо истифода намудани мероси фарҳангию табиии халқу миллатҳои сайёраро таъкид менамояд. Ин ҳуҷҷати меъёрӣ бо назардошти ҳамоиши халқҳо ва кишварҳои курраи замин дар кори беҳдошт, ҳифз ва истифодаи мероси фарҳангию табиии қабул гардидааст.

Хартияи байналмиллалии ҳифзи шаҳрҳои таърихӣ (1987) низ ҳуҷҷати меъёриест, ки ба тарбияи мардум дар рӯҳияи муносибати дуруст, ватандӯстона ва эҳтиром нисбати мероси фарҳангию таърихӣ равона гардидааст. Дар сайёраи мо шаҳрҳои зиёде вуҷуд доранд, ки бозгӯи давраҳои мухталифи ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангию таърихии қавму миллатҳо мебошанд. Ҳифзу нигоҳдорӣ ва барқарорсозии онҳо ба хотири истифода дар раванди рушди ҷаҳонбинӣ, ифтихори миллию ватандӯстӣ, дустии байни халқҳо ба мақсад мувофиқ аст.

Конвенсияи ҳифзи мероси меъмории Аврупо (1985), Конвенсияи аврупоии ҳифзи мероси бостонӣ (1992), Хартияи умумиҷаҳонии ҳифзи табиат (1982), Конвенсияи гуногунии биологӣ (1992) ва ғайраҳо ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқиеанд, ки барои ҳифзу истифодаи мероси фарҳангию табиии аз қабили меъморию шаҳрсозӣ, бостоншиносӣ, олами ҳайвоноту наботот, манзараҳои ҷолиби табиии; кӯлҳо, пиряххо, қуллаҳо ва ғайраҳо аз тарафи ҷамеаи инсонӣ пешбинӣ шудаанд.

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавриди беҳдошт ва истифодаи ёдгориҳои таъриху фарҳанг ифодагари сиёсати оқилонаи фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Солҳои истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикстон дар ҷодаи танзими раванди беҳдошт ва истифодаи ёдгориҳои фарҳангу таърих ва табиат дар асоси санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ корҳои шоён ва назаррас амалан иҷро шуда истодаанд.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон „Дар бораи фарҳанг" (1997), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон „Дар бораи берун баровардан ва дохил кардани сарватҳои фарҳангӣ " (2001), Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон „Дар бораи таъсиси Мамнӯъгоҳи таърихӣ- фарҳангии Ҳулбук" (2002), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби эътироф намудани объектҳои об ҳамчун ёдгориҳои табиат ё фарҳанг» (2002), Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон „Дар бораи танзими лоиҳакашӣ ва эъмори ҳайкалҳо, муҷассамаҳо, нимпайкараҳо ва сутунҳои ёдбуд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" (2004), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон „Дар бораи осорхонаҳо ва фонди осорхонаҳо" (2004), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон „Дар бораи ҳифз ва истифодаи объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ" (2006), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифз ва истифодаи объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ » (2006), Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъсиси мавзеъҳои муҳофизатии объектҳои ғайриманқули мероси таърихию фарҳангӣ» (2008), Қарори Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қоидаҳои ташкил ва низоми нигаҳдории ҳудудҳои таърихию фарҳангии махсус ҳифзшаванда» (2008), ва ғайраҳо аз қабили ҳуҷҷатҳои меъёрие мебошанд, ки раванди беҳдошти мероси таърихию фарҳанги ва табииро ба низом дароварда истифодаи мақсадноки онро таъмин менамоянд. Санадҳои меъёрию

ҳуқуқии мазкур тамоми паҳлӯҳои ҳолати беҳдошт, ҳифз, тармим, истифодабарӣ, бунёди имконият ҷиҳати маъруфият пайдо намудани ёдгориҳо миёни мардуми кишвар ва ҷаҳониён, инчунин ба манбаи даромади миллӣ табдил додани онҳо заминаи мақсаднок маҳсуб меёбад.

Масъалаи рушди қонунгузории муосир дар ҷодаи ҳифзи ёдгориҳо дар маркази диққати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад. Мусоидат ба танзими фаъолият оид ба ҳифзи муҳити зист, объектҳои табиӣ, олами ҳайвоноту наботот, истифодаи оқилонгаи захираҳои табиӣ, таъмини амнияти экологӣ, рушди иқтисодиёт дар ин замина тавассути такмил ва таҳкими қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад. Дар даврони истиқлолият дар соҳаи ҳифзи муҳит, табиат ва экология маҷмӯи санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ аз қабили Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи табиат» (1994), «Дар бораи ҳудудҳои махсус муҳофизатшавандаи табиӣ» (1996), «Дар бораи ҳудудҳо ва объектҳои махсус муҳофизатшаванда» (2011), Консепсияи ҳифзи муҳити атроф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (2008), Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маърифати экологии аҳолӣ» (2010) ва ғайра ба тасвиб расиданд.

Дар ин ҳуҷҷатҳо ҳуқуқҳо ва вазифаҳои асосии муассисаву ташкилотҳои назораткунандаи раванди ҳифзи табиат, истифодаи мақсаднок ва бидуни зиёноварӣ ба мероси табиӣ мушаххас гардидаанд.

## 1.6. ТАСНИФОТИ ЁДГОРИҲОИ ФАРҲАНГӢ-ТАЪРИХӢ ВА ТАБИӢ

Ёдгориҳои таърихи фарҳанг аз рӯи мазмун, моҳият, сохт, мавзеи ҷойгиршавӣ, ҳолат, намуд ба гурӯҳҳо ҷудо карда мешаванд. Беҳдошти ёдгориҳо ҳамчун мероси фарҳангии

дорои арзиши маънавӣ, нерӯи илмӣ, таърихӣ, услубӣ ва тарбиявӣ вазифаи авалндарача буда дарки воқеии гурӯҳбандии онҳо аз тарафи мутахассис зарур мебошад. Бо дарки танифоти ёдгориҳои таъриху фарҳанг масъалаҳои татбиқи Амалии рисолати онҳо дар ҳаёти ҷамеа муайян мегардад.

Ба ёдгориҳои фарҳангу таърих дохил мешаванд: иншоотҳои сохтмонӣ, мавзеъҳо ва иншоотҳои сохтмонии арзиши таърихӣ, фарҳангӣ, иҷтимоӣ ва маишидошта (ёдгориҳои динӣ: масҷидҳо, мадрасаҳо, оромгоҳҳо, ибодатгоҳҳо, мазорҳо), истиқоматгоҳҳо, асарҳои санъати монументалӣ, мавзеъҳое, ки тамаддуни ҷамъияти инсониро (аз пайдоиш то имрӯз) таҷассум менамоянд, объектҳои мероси бостонӣ, манораҳо, қалъаҳо, кӯшкҳо, харобаҳо, бозёфтҳои бостонӣ: тангаҳо, лавозимоти рӯзғор, лавозимоти (олоти) меҳнат, сарулибос ва ғайраҳо.

Ансамбл ва ё маҷмааҳои фарҳангӣ-таърихӣ ба ҳайси мерос ва арзиши фарҳангӣ дар ҷамеа мақоми махсус доранд: маҷмӯи ёдгориҳои таъриху фарҳанг, иншоотҳои меъмории аҳамияти манзилӣ, ҷамъиятӣ, маъмуридошта; маҷмӯи ёдгориҳои характери динидошта: маҷмааҳои (комплексҳои) динӣ – зиёратӣ; ансамблҳои меъмории шӯҳрати ҷангӣ, инқилобӣ, боғҳо, паркҳо, гулгаштҳо ва ғайраҳо.

Мавзеъҳои ҷолиби таваҷҷӯҳ ва диққатангез офаридаҳои инсон ва ё офаридаҳои инсон дар ҳамҷоягӣ бо табиат, аз ҷумла мавзеъҳое, ки ҳунарҳои дастии мардумӣ ривоҷ ёфтаанд; мавзеъҳои таърихии сукунати аҳолӣ ва ё қитъаҳои фарҳанги шаҳрсозии қадима; мавзеъҳои ёдбуд, мавзеъҳои диққатангези таърихию табиии (Қалъаи Ҳисор, Саразм, Ҳулбук, Чилдухтарон, Чилучорчашма, Искандаркӯл ва ғайраҳо).

Ёдгориҳои фарҳанги-таърихӣ инчунин аз рӯи мазмун, моҳият, даврабандии таърихӣ ва намуд ба чунин гурӯҳҳо ҷудо мешаванд:

***Ёдгориҳои манқул ва ғайриманқул.***

Ба ёдгориҳои манқул (ёдгориҳое, ки аз ҷое ба ҷое кӯчонидан мумкин) чунин гурӯҳи ёдгориҳо дохил мешаванд: лавозимоти рӯзғор, аслиҳа, сарулибос, нақшу нигори ороиши, маснуоти заргарӣ, кулолгарӣ, оҳангарӣ, боқимондаҳои ашё ва лавозимоти дар натиҷаи ковишҳои бостонӣ ошкоргардида ва ғайраҳо. Ин ёдгориҳо бояд аҳамияти таърихӣ, илмӣ, фарҳангӣ ва эстетикӣ дошта бошанд. Ёдгориҳои манқул асосан дар осорхонаҳо, намоишгоҳҳо ҳифз гардида тавассути экспозитсияҳо ба маърази тамошо гузошта мешаванд. Бо истифода аз ёдгориҳои манқул намоишҳои сайёр дар таълимгоҳҳо, муассисаҳои фарҳанг, корхонаву ташкилотҳо ташкил намудан мумкин аст.

Ба ёдгориҳои ғайриманқул (ёдгорихое, ки аз ҷое ба ҷое кӯчонида намешавад) чунин намуди ёдгориҳо дохил мешаванд: Объектҳо, мавзеъҳои хотиравӣ, ансамблҳои меъморӣ (маҷмааҳои меъморӣ – Қалъаи Ҳисор, Маҷмааи меъмории Сомониён (Душанбе), Қасри шоҳони Ҳулбук ва ғайраҳо) мавзеъҳои зебои табиӣ (Чилдухтарон, Чилучорчашма, кӯлҳо, дарёҳо ва ғайра), ки аҳамияти таърихӣ, илмӣ, фарҳангӣ, эстетикӣ доранд. Ин гуна ёдгориҳо аз тарафи давлат дар шакли мамнӯъгоҳҳои таърихӣ – фарҳангӣ, мамнӯъгоҳ – осорхона, маҷмааи табиӣ-фарҳангӣ ҳифз карда мешаванд.

***Ёдгориҳои таърих.***

Ёдгориҳои таърих- ёдгориҳое , ки аз тарафи одамон бино шуда ва ба воқеаҳои гуногуни таърихӣ алоқамананд, мебошанд. Масалан ёдгориҳои бахшида ба Ҷанги Бузурги Ватанӣ - „Майдони Ғалаба", ёдгории ёдбудии „Қабри

аскари номаълум” дар Боғи Ғалаба, сангҳои ёдбудии шаҳидони ҷанг, танку тӯпҳо ва ғайраҳо. Ёдгориҳои таърих ба тарбияи мардум дар татбиқи амалии сиёсати давлат таъсири амиқ боқӣ мегузоранд.

***Ёдгориҳои эҷодиёти инфиродии мардумӣ.***

Ин маҷмӯи ёдгориҳое мебошанд, ки аз натиҷаи фаъолияти зеҳнӣ (интеллектуалии) инсон дарак медиҳанд. Офаридаҳои инсон дар шакли натиҷаи таҳлили илмӣ, таткиқоти илмӣ ва ё амалӣ, ва эҷодӣ ҳифз ва ба мардум пешкаш мешаванд. Масалан, натиҷаи таҳқиқот дар шакли ашё - аввалин радио, телевизион, лавозимоти меҳнат, аслиҳа, навъҳои маҳсулоти хоҷагии қишлоқ, техника, компютер ва ғайраҳо.

***Ёдгориҳои эҷодиёти мардумӣ.***

Ин маҷмӯи ёдгориҳое мебошад, ки тавассути малакаву маҳорати одамон тавлид мешавад, тули таърих такмил меёбад ва аз насл ба насл мерос мегузарад. Ёдгориҳои эҷодиёти мардумӣ ҷузъи таркибии фарҳанги миллии халқу миллатҳо ба шумор меравад. Масалан, ҳунари кулолгарӣ, заргарӣ, кашидадӯзӣ, кандакорӣ, ҳайкалтарошӣ, гаҷкорӣ, зардӯзӣ ва ғайраҳо. Маҳсули ин намудҳои ҳунар дар давраҳои гуногуни таърихӣ аз содда ба мураккаб такмил ёфтааст ва ёдгориҳои дар натиҷаи ковишҳои (ҳафриётҳои) бостоншиносӣ пайдогардида ва ин қабил ёдгориҳое, ки дар осорхонаҳо маҳфуз нигоҳ дошта мешаванд ба такмилёбии онҳо тӯли таърих гувоҳ мебошанд.

***Ёдгориҳои ҳуҷҷатӣ.***

Ба ёдгориҳои ҳуҷҷатӣ санадҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идорӣ, ҳуҷҷатҳои хаттӣ, кино- фото-ҳуҷҷатҳо, сабтҳои овозӣ, катибаҳои қадима (дастнависҳо), маводи бойгониҳо, сабти фолклор ва мусиқӣ ва ғайраҳо дохил мешаванд.

*Ёдгорихои табиат.*

Ин маҷмӯи ёдгориҳое мебошанд, ки дар натиҷаи рушди эволютсионии табиат пайдо ва ошкор гардидаанд. Ин гуна ёдгориҳо аз тарафи одамон ҳамчун ёдгории аҳамияти таърихӣ, илмӣ, фарҳангӣ ва эстетикидошта эътироф гардидаанд: масалан мавзеъҳои табиии Чилдухтарон, Искандаркӯл, кӯли Сарез, Чилучорчашма, Сари Хосор, Ҳафткӯл ва ғайраҳо. Роҷеъ ба ҳар яке аз ин ёдгориҳо ривоятҳо ҷой доранд, ки онҳо аҳамияти илмӣ, таърихӣ, фарҳангӣ, эстетикӣ ва тарбиявӣ доранд. Ин гуна мавзеъҳо макони сайёҳӣ буда диққати сайёҳонро бештар ҷалб месозанд.

Дар маҷмӯъ ёдгориҳои таърихӣ, фарҳангӣ ва табии ифшогари таърих, тамаддун, фарҳанг ва симои халқу миллатҳо мебошанд. Беҳдошт, ҳифз ва истифодаи ёдгориҳо дар рушди тафаккури таърихӣ, фарҳангӣ, эстетикӣ , хештаншиносӣ, ифтихор аз ватану миллат таъсири амиқ боқӣ мегузорад.

## 1.7. ОМӮЗИШ ВА АЗХУДКУНИИ ЁДГОРИҲОИ ФАРҲАНГӢ- ТАЪРИХӢ.

Ёдгорихои фархангӣ- таърихӣ ҷузъи таркибии ҳаёти фарҳангии ҷамеа буда раванди ошкорсозии онҳо аз масъалаи муҳими фаъолияти бостоншиносон ба ҳисоб меравад. Объектҳои аз тарафи бостоншиносон ошкоргардида дар сурати тариқи омӯзиш муайян гардидани арзиши фарҳангӣ - таърихӣ доштанашон ҳамчун ёдгории таъриху фарҳанг шинохта мешаванд. Объектҳое, ки дар сурати ошкор гардидан молики ҳуқуқии худро надоранд дар асоси қонунгузорӣ моликияти давлатӣ ҳисобида мешаванд.

Омӯзиш ва азхудкунии ёдгориҳо се давраро дар бар мегирад:

- ошкорсозии ёдгориҳо;
- ташхиси ёдгориҳо;
- муайян намудани арзиши таърихӣ, илмӣ, бадеӣ ва ё дигар ҷанбаҳои фарҳангӣ.

Бо мақсади ошкорсозии ёдгориҳои таъриху фарҳанг корхонаву ташкилотхо, шаҳрвандоне, ки дар ихтиёри худ ин ё он ёдгории арзиши таърихию фарҳангироштаро доранд, бояд органҳои идории фарҳангӣ, бойгониҳо ва дигар ташкилотҳои дахлдорро огоҳ созанд.

Ёдгориҳои ба тозагӣ ошкоргардида то муайян намудани арзиши таърихӣ, фарҳангӣ, бадеӣ ва илмиашон ҳамчун манбаи омӯзиш ба феҳристи объектҳои омӯзишӣ дохил мегарданд.

Гирдоварии ёдгориҳои қадимаи ҳуҷҷатӣ, асарҳои санъати тасвирӣ, санъати қадимаи ороишию амалӣ, эҷодиёти шифоҳии мардум танҳо бо иҷозатномаи махсус аз тарафи ташкилотҳои махсуси соҳавӣ (Вазорати фарҳанг, муассисаҳои илмӣ – таҳқиқотӣ) сурат мегирад.

Факту далелҳо доир ба маводи гирдовардашудаи таърихӣ, фарҳангӣ, бадеӣ, илмӣ аз тарафи шаҳрвандони алоҳида, корхонаву ташкилотҳо ва дигар субъектҳо бояд ба ташкилотҳои маҳаллии ҳифзи ёдгориҳои таъриху фарҳанг пешниҳод карда шавад. Дар ҳолати қонунвайронкунӣ нисбати ошкорсозии ёдгориҳо ва дигар арзишҳои фарҳангӣ аз тарафи корхонаву ташкилотҳо ва субъектҳои дигар иҷозатномаи онҳо бекор карда мешавад ва арзишҳои гирдовардаи онҳо тибқи қонунгузорӣ ба моликияти давлатӣ ворид карда мешавад.

Ёдгориҳои ба тозагӣ ошкоргардида то ба қайди давлатӣ гирифтан тибқи қонунгузорӣ ҳифз карда мешаванд. Пас аз муайян гардидани арзиши фарҳангӣ, таърихӣ, илмӣ, бадеӣ

ёдгорӣ расман ба қайд гирифта шуда масъалаи беҳдошт ва ҳифзи он тибқи қонун амалӣ мегардад.

Ҳафриёти бостоншиносӣ ва ҷустуҷуии ёдгориҳо танҳо дар сурати вуҷуд доштани иҷозатномаи махсуси ташкилотҳои дахлдор амалӣ мегардад.

Ташкилотҳо ва шаҳрвандоне, ки корҳои ҷустуҷӯи – бостоншиносиро доир месозанд бояд ҳифзи ёдгориҳои бозёфтгардидаро таъмин созанд.

Дар ҳолати дарёфт гардидани далелҳо роҷеъ ба ёдгориҳои ба тозагӣ ошкоргардида ташкилотҳои давлатии ҳифзи ёдгориҳоро зарур аст, ки экспертизаи ин ёдгориҳоро фавран доир намуда, дар сурати муайян гардидани арзиши фарҳангӣ, таърихӣ, илмӣ, бадеияшон онҳоро ба қайд гиранд ва раванди ҳифзу истифодаи онҳоро таъмин намоянд. Барои муайян намудани арзиши фарҳангӣ, таърихӣ, илмӣ, бадеии объектҳои ба тозагӣ ошкоргардида ва экспертизаи онҳо ташкилотҳои давлатии ҳифзи ёдгориҳо мутахассисони ташкилотҳои лоиҳасозӣ, илмӣ – таҳқиқотӣ ва дигар муассисаҳои дахлдорро ҷалб месозанд.

Ҳамаи ёдгориҳо ва объектҳои ошкоргардида ҳатман ба феҳристи „Объектҳои ба тозагӣ ошкоргардида" дохил мешаванд. Ин объектҳо дар ҳоли муайян гардидани арзиши фарҳангию таърихиашон ба қайд гирифта мешаванд.

Объектҳои ошкоргардида дар сурати арзиши таърихӣ, илмӣ, бадеӣ ва ё фарҳангӣ доштанашон ҳамчун ёдгории фарҳангӣ-таърихӣ шинохта гардида ба феҳристи давлатии ёдгориҳои таъриху фарҳанг дохил карда мешавад

Пас аз расман омӯхта гардидани ёдгориҳои ошкоргардида онҳо барои истифода умум ба осорхонаҳо ворид мегарданд ва ё дар мавзеъҳои таърихию фарҳангӣ, мамнӯъгоҳҳои таърихию фарҳангӣ, ансамблҳои меъморӣ боқӣ мемонанд.

# БОБИ 2. НАҚШИ ЗАХИРАҲОИ ФАРҲАНГӢ-ТАЪРИХӢ ВА ТАБИӢ ДАР ТУРИЗМ

## 2.1. ЁДГОРИҲОИ ФАРҲАНГӢ-ТАЪРИХӢ ВА ТАБИӢ ҲАМЧУН ЗАХИРАИ ТУРИСТӢ.

Маҷмӯи объектҳои табиӣ ва меъморию шаҳрсозӣ, ки омилҳои таркибии марбут ва фарҳанг, тандурустӣ, варзишӣ, фароғатӣ ва ё дигарро дошта, хоси тавачҷӯҳи сайёҳон мебошанд ҳамҷун захираи туристӣ – мероси миллӣ шинохта гардиданд. Чунин тарзи тарҳрезии мафҳуми объектҳои табиӣ ва антропогенӣ дар санади тавсияҳои қонунгузорӣ «Дар бораи принсипҳои асосии ҳамкории давлатҳои аъзои ИДМ дар соҳаи туризм » (с.1994) омадааст. Ин гуна тарҳрезии мафҳуми объектҳои табии ва антропогенӣ хоси ҳамаи кишварҳои дунё буда метавонад.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи туризм» омадааст, ки захираҳои туристӣ – ин маҷмӯи захираҳои экологӣ, табиию иқлимӣ, фарҳангию таърихӣ, солимгардонӣ ва захираҳои дигари истироҳатию фароғатӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба қонеъ сохтани маҷмӯи талаботи гуногуни туристон мувофиқанд, мебошанд.

Ба захираҳои туристӣ на танҳо объектҳо, балки зуҳуроти гуногун, воқеаҳо, шароитҳо, зуҳурот, ки тавачҷӯҳи сайёҳонро ба худ ҷалб месозанд, аз қабили фестивалҳо, идҳои миллӣ, мусобиқаҳои варзишӣ, анъанаҳо ва ғайра дохил мешаванд.

Захираҳои туристӣ ба се гурӯҳи асосӣ ҷудо мешаванд:
- захираҳои табиӣ-иқлимӣ (ҷойгиршавии ҷуғрофӣ, иқлим, олами ҳайвоноту наботот, манзараҳои табиӣ);

- захираҳои мардумшиносӣ ( фарҳанг, анъанаҳои миллӣ, менталитет, меҳмоннавозӣ, урфу одат);
- захираҳои антропогенӣ ( объектҳои аҳамияти фарҳангӣ-таърихидошта, объектҳои меъмории муосир, ҳафриёти бостоншиносӣ, ёдгориҳои таърихӣ ва ҳайкалҳо, дастовардҳои нодиртарини меъморию шаҳрсозӣ, осорхонаҳо, театрҳо, галереяҳо ва ғайра).

Захираҳои туристӣ имконият медиҳанд, ки сайёҳон минтақаи сайру саёҳати худро вобаста ба завқу рағбаташон интихоб намоянд.

Ҳар яке аз кишварҳои ҷаҳон захираҳои туристии худро дошта, таваҷҷӯҳи сайёҳон нисбат ба онҳо муайянкунандаи арзиши туристиашон мебошад. Шаҳрҳо ва кишварҳои дорои захираҳои бои туристӣ ва инфрасохтори рушдкардаи туристиро марказҳои туристӣ ном мебаранд.

Нақши асосиро дар мутамарказонӣ ва стандартикунонии фаъолияти фарҳангӣ ва туристӣ дар миқёси ҷаҳон Созмони умумиҷаҳонӣ оид ба фарҳанг, маориф ва илм (ЮНЕСКО) ва Созмони умумиҷаҳонии туристӣ (СУТ) мебозанд. Ба масъалаҳои беҳдошт ва истифодаи мақсадноки захираҳои табиӣ ва объектҳои мероси фарҳангӣ Конвенсияҳо ва тавсияҳои махсуси ЮНЕСКО бахшида шудаанд. Пояи асосии рушди туризми фарҳангӣ дар миқёси ҷаҳон санадҳои меъёрии ЮНЕСКО оид ба мероси табиӣ ва фарҳангӣ маҳсуб меёбад. Дар доираи Конфронси умумиҷаҳонӣ доир ба сиёсати фарҳангӣ тавсияҳои махсус роҷеъ ба туризми фарҳангӣ қабул шуданд. Конвенсия дар бораи ҳифзи мероси фарҳангӣ ва табиии умумиҷаҳонӣ ҳанӯз дар сессияи XVII Конфронси генералии ЮНЕСКО 16 ноябри соли 1972 қабул гардида 17 декабри соли 1975 татбиқи расмии он эълон гардид. Мақсади асосии Конвенсияи мазкур ин ҷалби нерӯи ҷомеаи ҷаҳонӣ

ҷиҳати ҳифзи объектҳои нодири фарҳанг ва табиат махсуб меёбад. Конвенсияро ибтидо 21 давлат маъқул шуморид ва тӯли 37 соли татбиқи амалии он зиёда аз 160 давлат онро маъқул шуморида дар татбиқи амалии он ҳиссаи хешро гузошта истодаанд. Ҷиҳати баланд бардоштани самара ва нуфузи кори Конвенсия соли 1976 Кумита ва Хазинаи мероси умумиҷаҳонӣ ташкил ёфт. Пас аз ду соли таъсиси сохторҳои мазкур аввалин объектҳои фарҳангӣ ва табиӣ ба Феҳристи мероси умумиҷаҳонӣ – хазинаи махсуси ёдгориҳои шинохтатарини фарҳанг ва табиат шомил карда шуданд. Принсипҳои ҳамкорӣ дар соҳаҳои фарҳанг ва туризм дар Декларатсияҳои Манил (соли 1980) ва Мехико (соли 1981) инъикоси худро ёфтанд.

Мероси фарҳангии халқро асарҳои рассомон, меъморон, мусиқачиён, нависандагон, олимон, косибон – маҷмӯи арзишҳое, ки моҳияти ҳаёти инсониро таҷассум менамоянд, ташкил медиҳанд. Мерос тамоми зуҳуроти мартуб ва моддиёт ва маънавиёте, ки эҷодиёти халқ, забон, анъана, афкор ва ғайраро таҷассум менамояд дарбар мегирад.

Дар асоси принсипҳои Хартияи туризми фарҳангӣ ки дар семинари байналмиллалӣ оид ба туризм (соли 1976) қабул гардидааст, таснифоти зерини истифодаи мероси фарҳангӣ оварда шудааст:

- меросе, ки асосан сайёҳон аз он баҳрабардорӣ менамоянд (фестивалҳо, намоишҳо, ёдгориҳо ва ғайра)
- мероси мавриди истифодаи омехта (ёдгориҳои таърихӣ,осорхонаҳо, театрҳо, ҷойҳо барои экскурсия, мамнӯъгоҳҳо ва ғайра) ;
- мероси мавриди истифода аз ҷониби аҳолии муқимӣ (объектҳои динӣ, иншооти шаҳрвандӣ, кинотеатрҳо, китобхонаҳо ва ғайра.).

Ҷанбаҳои асосии мероси фарҳангӣ ва табииро дар туризм чунин табақабандӣ намудан мумкин аст: зуҳуроти мухталифи илм ва фарҳанг, объектҳо ва зуҳуроти меросӣ, алоқамандии мероси фарҳангӣ ва табиӣ; вазифаҳои экологӣ ва иҷтимоии мерос; гуногунии биологӣ ва манзараҳои табиат ҳамчун мерос, омилҳои таваккал, алоқамандии ҳифз ва истифодабарӣ, туризми экологӣ; фарҳанг ҳамчун омили инсон; мероси табиӣ – фарҳангӣ ва зоҳиршавии он, манзараҳои фарҳангӣ, истифодабарии ҳифз ва истифодаи мерос; идоракунии мерос, қонунгузорӣ доир ба мерос.

Аз ҳудудҳои табиӣ нахустин бор дараҷаи объекти мероси умумиҷаҳониро ҷазираҳои Галапагос, паркҳои миллии «Йеллоустон» (ШМА), «На-ханни» (Канада) ва «Симэн» (Эфиопия) соҳиб гардиданд. Солҳои охир Феҳристи мазкур ҳам аз нигоҳи минтақабандӣ ва ҳам аз нигоҳи шумораи объектҳо васеъ гардид: ибтидои солҳои 2000 – ум дар Феҳрист 128 объекти табиӣ, 480 объекти фарҳангӣ ва 22 объекти табиӣ – фарҳангӣ аз 118 кишвари ҷаҳон шомил гардида буд. Шумораи бештари объектҳо мансуб ба Италия ва Испания (ҳар кадоме 30 - тогӣ) мебошанд. Таҳти ҳимояи Конвенсия ёдгориҳои шинохтаи табиӣ аз қабили шаршараи Ниагара, ҷазираҳои Гавай, Гранд – Канён, кӯҳи Килиманҷаро ва ғайраҳо қарор доранд. Ба ҳисоби миёна ҳамасола аз 30 то 50 объектҳои гуногуни табиӣ ва фарҳангӣ ба Феҳристи мероси умумиҷаҳонӣ шомил карда мешаванд.

Барои ба Феҳристи мероси умумиҷаҳонӣ шомил гардидан объектҳо ба Кумитаи мероси умумиҷаҳонӣ пешниҳод карда мешаванд ва пас аз экспертиза аз ҷониби мутахассисон онҳо дар ҳоли ҷавобгӯ будан ба меъёрҳо ба ин Феҳрист шомил карда мешаванд. Меъёрҳо чунинанд:

-маҷмааи ҷолиби диданӣ будан;
-таъсири амиқ доштан ба таъриху фарҳанги мамлакат;
-ҳамчун гувоҳи тамаддуни фаношуда хизмат кардан;
-намунаи тарзии ҳаёти анъанавӣ будан;
-бо афкор ва боварҳо алоқамандӣ доштан.

Ҳамзамон ҳудудҳои ҷолиби таърихӣ – фарҳангиро чунин матраҳ намудан мумкин аст. «Ҳудудҳое, ки арзиши махсуси ҷаҳонӣ, ватанӣ, минтақавӣ доранд, ҷое, ки ёдгориҳои таърих, фарҳанг маҷмааи ягона ташкил дода бо фарҳанги зиндаи халқ зич алоқамандand, ҳудудҳои ҷолиби таърихӣ- фарҳангӣ ҳисобида мешаванд».

Бояд тазаккур дод, ки айни ҳол аз Тоҷикистон ёдгориӣ бостонии «Шаҳраки Саразм» дар Феҳристи мероси умумиҷаҳонӣ расман шомил карда шудааст. Ҳоло аз ҷониби Ҳукумати Тоҷикистон барои ба Феҳристи мероси умумиҷаҳонӣ шомил сохтан боз якчанд ёдгориҳо аз қабили «Қалъаи Ҳисор» (асрҳои V то милод X м.), Мадрасаи Хоҷа Машҳад (асрҳои XI- XII), Шаҳри Ҳулбук (асрҳои IX- XI) ва ғайраҳо пешниҳод гардидаанд.

Объектҳои табиӣ бояд инъикоскунандаи ин ё он давраи эволютсияи Замин, равандҳои муосири геологӣ, таҷассумгари зебоии табиат бошанд. Ҷиҳати таъмини ҳамкории самарабахши ташкилоту муассисаҳои соҳаҳои фарҳанг ва туризм мавҷуд будани робитаи иттилоотӣ роҷеъ ба самтҳои асосии фаъолияти дуҷониба зарур аст. Сиёсати рушди туризм бояд чунин ҷанбаҳоро инъикос созад:

- омода сохтани рӯйхати захираҳои туристӣ бо тасниф намудан ба мероси фарҳангӣ, таърихӣ, табиӣ ва муайян сохтани объектҳои муҳимтарин ҷиҳати рушди туризм;
- муайян намудани минтақаҳои асосии туристӣ ва мавзеъҳои аҳамияти туристидошта, ҳамчунин таъмин

намудани тадбирҳо ҷиҳати ҳифзи ёдгориҳои фарҳангӣ, таърихӣ ва табиии маҳал;

- истифодаи мақсадноки дастовардҳои миллӣ: ҳунарӣ, табиии, объектҳои моддӣ ва ғайримоддӣ, инчунин эҷодиёти сокинони маҳалӣ;

- доир намудани чорабиниҳо дар самти тарбияи сокинони маҳаллӣ ва сайёҳон дар рӯҳияи эҳтиром гузоштан нисбат ба арзишҳои фарҳангии минтақа.

Қайд бояд намуд, ки дар доираи 730 объектҳои мероси фарҳангӣ ва табиии ЮНЕСКО дар ҳудуди Тоҷикистон танҳо 1 – то қарор дорад. Ин ҳолат барои кишвари мо, ки дорои захираҳои бои табиӣ, таърихӣ – фарҳангӣ, ҷойгоҳи он дар самои фарҳангии ҷаҳон басанда буда наметавонад. Дар ҳудуди Тоҷикистон объектҳои ниҳоятдараҷа қадима вуҷуд доранд, ки дар муқобили ёдгориҳои нисбатан нави Дунёи нав қарор мегиранд. Манзараҳои зебои табиии мамлакат арзишмандтар аз объектҳои амрикоӣ, ки дар рӯйхати ЮНЕСКО қарор доранд, мебошанд. Ба вуҷуди ин объектҳои таърихӣ – фарҳангӣ ва табиии Тоҷикистон метавонанд шумораи ҳарчи бештари сайёҳонро чалб созанд. Мероси фарҳангӣ-таърихӣ ва табиии Тоҷикистон ба рушди туризми экологӣ, маърифатӣ, кӯҳнавардӣ, кӯҳӣ созгор буда метавонад. Ҷойгиршавии пайдарҳами объектҳо имконияти ташкили хатсайрҳои бою пурмазмун ва ҷолиброфароҳам месозад. Аз ҷониби дигар ҳар як минтақаи Тоҷикистон метавонад объектҳои фарҳангӣ-таърихӣ, табиӣ, мероси ҳунарии худро барои сайёҳон дар шакли хатсайрҳои алоҳида пешниҳод намояд. Ҳудуди Тоҷикистонро бо назардошти имкониятҳо ва объектҳои туристиашон шартан ба 6 минтақаи туристӣ тақсим намудан мумкин аст:

1. Суғд (Истаравшан, Хуҷанд, Обанбори Қайроқум, Исфара, Конибодом, Зафаробод, Мастчоҳ ва ғайра) ;
2. Водии Зарафшон (Панҷакент, Айнӣ, Мастчоҳи кӯҳӣ, Яғноб) ;
3. Води Ҳисор (Дараи Варзоб, Ҳисор, Ромит, Ваҳдат, н.Рӯдакӣ,н. Шаҳринав, н. Турсунзода) ;
4. Водии Рашт (Роғун, н.Нуробод, Рашт, Тоҷикобод, Ҷиргатол, Тавилдара) ;
5. Водии Вахш (Қурғонтеппа, Шаҳритуз, Қубодиён, Норак, Ёвон) ;
6. Минтақаи Кӯлоб (Данғара, Балҷувон, Ховалинг, Шӯробод, Кӯлоб, Восеъ, Фархор, Ҳамадонӣ) ;
7. Минтақаи Бадахшон (Дарвоз, Ванҷ , Рӯшон, Ишкошим, Хоруғ, Мурғоб).

Тақсимбандии мазкур шартӣ буда, ҳар кадоме аз инҳо метавонанд вобаста ба объектҳои фарҳангӣ, таърихӣ ва табиии мавҷудбуда занҷираи ягонаи хатсайри туристиро ташкил диҳанд.

Минтақаи туристии Суғд (Ёдгориҳои фарҳангӣ-таърихии н. Конибодом, ёдгориҳои фарҳангӣ- таърихӣ ва табиии шаҳри Исфара, ҳунарҳо ва эҷодиёти мардумии сокинони шаҳраки Қистакӯз, ёдгориҳои фарҳангӣ-таърихии шаҳри Хуҷанд, шаҳри Қайроқум, Обанбори Қайроқум, ёдгориҳои фарҳангӣ- таърихии шаҳри Истарафшан, н. Шаҳринав ва ҳудудҳои табиии он.)

Минтақаи туристии водии Зарафшон (ёдгориҳои таърихӣ – фарҳангии шаҳри Панҷакент, шаҳраки Саразм, Оромгоҳи Муҳаммад Башоро (д.Мазори Шариф), Оромгоҳи Абуабдулло Рӯдакӣ (д. Панҷрӯд), Ҳафткӯл, кӯлҳои Аловуддин, базаи туристии «Артуч», кӯҳҳои Фон, Искандаркӯл, Айнӣ, ҳунарҳо ва эҷодиёти мардумии сокинони деҳаи Яғноб, Мастчоҳи Кӯҳӣ)

Минтақаи туристии водии Ҳисор (дараи Варзоб, базаи лижаронии Сафедорак, Осоишгоҳи Хоҷаобигарм, мавзеъҳои табиии дараи Варзоб, ш. Душанбе, Қалъаи Ҳисор, ҳунарҳо ва эҷодиёти мардумии сокинони Ҳисор, шаҳри Турсунзода, Корхонаи алюминий, дараи Қаратоғ, Кӯли Париён, Ширкент, ҳунарҳо ва эҷодиёти мардумии сокинони Қаратоғ, Осоишгоҳи Шоҳамбарӣ, дараи Ромит, Истироҳатгоҳи Зайрон, Ваҳдат).

Минтақаи туристии водии Рашт (Осоишгоҳи Оби Гарм, шаҳраки Роғун, ИБО Роғун, ҳунарҳо ва эҷодиёти мардумии сокинони Нуробод, Рашт, ҳунарҳо ва эҷодиёти мардумии н. Тавилдара, Оромгоҳи Ҳазрати Бурхи Валӣ, Тоҷикобод, ҳунарҳо ва эҷодиёти мардумии сокинони н. Ҷиргатол, сарҳади Қирғизон).

Минтақаи туристии водии Вахш (ш. Қурғонтеппа, Мамнӯъгоҳи табиии «Бешаи палангон», шаҳраки Тахти сангин, Аҷинатеппа, Мадрасаи Хоҷа Машҳад н.Шаҳритус, Чилучорчашма, Қалъаи Бешкент, Оромгоҳи Имом Зайналобиддин, Шаҳраки теппаи Шоҳ, мавзеъҳои табиӣ).

Минтақаи туристии Кӯлоб (оромгоҳҳои н. Данғара, қалъаи Сангтӯда, Шаҳри Ҳулбук, Маҷмааи меъмории Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, Оромгоҳи Хоҷа Исҳоқи Хатлонӣ, н. Фархор, шаҳраки Саксонохур, н. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, шаҳраки Сайёд, ҳунарҳо ва эҷодиёти мардумии сокинон, н. Ховалинг, Оромгоҳи Ҳазрати Султон, мавзеъҳои табиии, н. Балҷувон, Оромгоҳи Шоҳ Неъматуллои Зарробӣ, мавзеи табиии Сарихосор ва ғайраҳо).

Минтақаи туристии Бадахшон (Мавзеъҳои табиии Дарвозу Ванҷ, Қалъаи Вамар, Қалъаи Сиҷ ва Деруҷ, н. Ишкошим, Осоишгоҳи Гармчашма, Қалъаҳои Қааҳқа ва Ямчун, н. Мурғоб, шаҳраки Бозордара, тасвирҳои рӯи

санг, кӯлҳои Сарез, Қарокӯл, Шӯркӯл, Рангкӯл, мамнӯъгоҳи табиии «Зоркӯл», сарҳади Хитой).

Бояд тазаккур дод, ки дар минтақаҳои шартии туристии зикршуда на ҳамаи имкониятҳои туристӣ оварда шудаанд.

Ҷойгиршавии имкониятҳои туристии минтақаҳои зикршуда дар муқобили кишварҳои хориҷии аврупоӣ ва осиёӣ аз нигоҳи ҷуғрофӣ ва соддагӣ хуб буда ба ташкили саёҳат созгор мебошад. Мушкилӣ дар он аст, ки захираҳои фарҳангӣ- таърихӣ ва табиии мамлакат аз нигоҳи инфрасохтори ба меъёрҳои байналмиллалии туристӣ мувофиқ нокифоя аст.

Барои он ки ин захираҳои туристӣ таваҷҷӯҳи ҳарҷӣ бештари сайёҳони ватанӣ ва хориҷиро ба худ ҷалб созанд корҳои зиёдеро ба сомон расонидан зарур аст. Ибтидо барои ба Феҳристи мероси умумиҷаҳонӣ ворид сохтани ёдгориҳои шинохтатарини ҷумҳурӣ онҳоро ба талаботи меъёрҳои аз ҷониби мутахассисони Кумитаи мероси умумиҷаҳонӣ коркардшуда мутобиқ сохтан зарур аст.

Дуюм, маблағгузориро ҷиҳати барқарорсозии ёдгориҳои – фарҳангӣ- таърихӣ бештар намудан ба мақсад мувофиқ аст.

Сеюм, доир намудани силсилаи корҳо оид ба таҳкими инфрасохтори туристии мавзеъҳо: бунёди роҳҳо, иншооти маишию- фароғатӣ, хонаҳои меҳмонпазироӣ, таъмини техники объектҳои сайёҳӣ, таъмини кадрии объектҳои сайёҳӣ, нақлиёт, таҷҳизот ва ғайраҳо.

Чорум, ташкили фаъолият дар ҷанбаи тарғиби объектҳои туристии мамлакат, рекламаи ҷолибияти объектҳои туристӣ ва захираҳои бои туристии мамлакат тариқи воситаҳои иттилоотӣ, бахусус шабакаи ҷаҳонии Интернет.

## 2.2. МЕРОСИ ФАРҲАНГӢ- ТАЪРИХӢ ОМИЛИ РУШДИ ТУРИЗМИ ФАРҲАНГӢ

Дар ҳамбастагӣ ва стандартикунонии фаъолияти туристӣ ва фарҳангии ҷаҳон ташкилотҳои байналмилалӣ аз қабили ЮНЕСКО ва UNWTO нақши боризро мебозанд. Тадбирҳои баргузоршавандаи сатҳи ҷаҳонӣ аз қабили ассамблеяҳои генералӣ, конфронсу симпозиумҳо, ки аз ҷониби ин ташкилотҳо доир мешаванд ба ҳайси механизмҳои фаъоли ҳамкориҳои байналмиллалӣ баромад намуда, сармашқи фаъолият дар ҷодаи коркарди тавсияҳои амалӣ дар сатҳи миллӣ маҳсуб меёбанд. Тавсияҳо ва конвенсияҳои ЮНЕСКО оид ба ҳифзи мероси фарҳангӣ, таърихӣ ва табиӣ муҳимияти ин меросро дар рушди минбаъдаи туризм таъкид менамоянд.

Мероси бою пурғановати фарҳангӣ- таърихӣ ба рушди туризм таъсири мусбат расонида ҷиҳати ҷалби ҳарҷӣ бештари сайёҳон имконияти ниҳоятдараҷа мусоид ба ҳисоб меравад. Бо назардошти он, ки соҳаи туризм ба яке аз соҳаҳои пешрафти иқтисодиёти ҷаҳонӣ табдил ёфтааст, бисёре аз кишварҳои ҷаҳон кӯшиш ба он доранд, ки тамоми имкониятҳои барои рушди туризм мусоидро фаъол гардонида бо ин васила иқтисодиёт ва некӯаҳволии сокинонашонро беҳтар намоянд. Ёдгориҳои фарҳангӣ- таърихӣ ҷузъи ҷудонопазири мерос буда ҳамчун объектҳои экскурсионӣ – намоишӣ, ҷои баргузории барномаҳои мухталифи фарҳангӣ аз қабили фестивалу ҷашнвораҳо, идҳои миллӣ, осорхонаҳо дар ҳавои кушод маълум гардидаанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои шумораи зиёди ёдгориҳои меъморӣ, мавзеъҳои фарҳангӣ- таърихӣ,



шаҳрҳои таърихи кӯҳандошта буда, ин объектҳоро метавон ба ҳайси захираи беҳтарини туристӣ – рекреатсионӣ истифода намуд. Таҷрибаи таърихии рушди туризм, бахусус, туризми фарҳангӣ гувоҳ бар он аст, ки пеш аз ҳама таваҷҷӯҳи сайёҳонро мавзеъҳои ғайриоддии фарҳангӣ – таърихӣ ба худ ҷалб месозанд.

Дар «Луғати мухтасари калимаву ибороти соҳаи туризм» омадааст, ки туризми фарҳангӣ ин шакли саёҳати байналмиллалиест, ба шиносоии сайёҳон бо фарҳанг, урфу одат, мероси меъморӣ, таърихӣ, анъанаҳои халқу миллатҳои кишвари ташрифоварӣ нигаронида шудааст.

Тоҷикистон кулли нишондиҳандаҳои ба рушди туризми фарҳангӣ марбутро доро буда истифодаи мақсадноки ин имкониятҳо метавонад онро ба яке аз кишварҳои пешрафтаи туристӣ мубаддал созад. Захираҳои ҷолиби туристӣ – рекреатсионӣ аз қабили мероси табиӣ, фарҳангӣ- таърихӣ, гуногунии ҳайати этникӣ, ҷойгиршавии барои туризм мувофиқи ҷуғрофӣ, шумораи зиёди объектҳои динӣ, ҷашну маросимҳои миллӣ кафили рушди босуръати туризми фарҳангӣ буда метавонад.

Шумораи зиёди мероси пурғановати миллӣ, бахусус мероси фарҳанги меъморию шаҳрсозии тоҷикон пайваста вуҷуди сайёҳонро дар ҳар давру замон ба тасхир меоварад. Шаҳракҳои қадимаю бостонии Панҷакенти қадим, (асрҳои V - VII), Бунҷикати қадим (асрҳои VI - IX), дайри буддоии Аҷинатеппа (асрҳои VIII), Шаҳраки Тахти Сангин (асрҳои IV то милод – III милод), Қалъаи Ямчун (асрҳои II то милод – VII милод), Шаҳри Ҳулбук (асрҳои IX -XI), мадрасаву оромгоҳҳо қалъаҳо, шаҳрҳои қадимаи Кӯлоб, Истаравшан, Хуҷанд, Панҷакент ва ғайраҳо барои ҷӣ сайёҳони ватанӣ ва ҷӣ хориҷӣ

диданиву ҷолибанд. Ин мерос, ки имрӯз побарҷост, месазад, ки аз он ҳамчун ҷавҳари асосии рушди туризми фарҳангӣ истифода намоем.

Аз ҷониби дигар мавҷуд будани захираҳои бои мероси таърихӣ – фарҳангӣ худ аз худ ба рушди туризм мусоидат намекунад. Туризми муосирро бидуни инфрасохтори хадаматӣ тасаввур кардан ғайриимкон аст. Омода намудани мавзеъҳои дорои мероси таърихӣ – фарҳангӣ барои намоиши туристӣ – экскурсионӣ, таъмини объектҳо бо нақлиёт, инфрасохтори ҳамлу нақли сайёҳон, таъмини маишию фароғатии сайёҳон дар ҳудуди мавзеъҳои дорои мероси фарҳангию таърихӣ аз муҳимтарин вазифаҳо дар ин ҷода ба ҳисоб меравaнд.

Бо мақсади таъмини ин вазифаҳо дар мавзеъҳои дорои мероси фарҳангию таърихӣ ташкил намудани ҳудудҳои туристӣ – фарҳангӣ, бо назардошти имкониятҳои ҳифзу барқарорсозӣ ва бунёди шароитҳои мухталифи хизматрасонӣ ба сайёҳон зарур аст.

Атрофи ҳар кадоме аз мавзеъҳои дорои мероси фарҳангӣ- таърихӣ ташкил намудани ҳудудҳои фарҳангӣ – туристӣ бо назардошти чунин имкониятҳо бояд сурат гирад:

- арзишҳои фарҳангӣ- таърихӣ ҳамчун объектҳои намоиши туристӣ – экскурсионӣ бо мавҷуд будани шароитҳои ҳифзи онҳо мавриди истифода қарор мегиранд ;
- объектҳои хизматрасонӣ ба сайёҳон – мавҷуд будани имкониятҳо барои қонеъ намудани талаботҳои мухталифи фароғатӣ, маишии сайёҳон;
- имкониятҳои таъминкунандаи раванди ҳифозат ва нарасидани зиён ба муҳити ҳудуди фарҳангӣ – туристӣ.

Зарурати ташкили ҳудудҳои фарҳангӣ – туристӣ дар мавзеъҳои дорои мероси фарҳангӣ- таърихӣ тақозои замон мебошад.

Аз ҷониби дигар ҳангоми босуръат ташкил намудани инфрасохтори туристӣ симои таърихии мавзеъ бояд ҳатман нигоҳ дошта шавад. Ҳар як иншоот ё объекти туристие, ки дар мавзеи дорои мероси фарҳангӣ- таърихӣ бунёд мешавад бояд ифодакунандаи махсусиятҳои миллӣ, анъанаҳои меъмории миллӣ, инчунин симои нотакрори худро дошта бошад. Бунёди мавзеъҳои таърихӣ – табиӣ бояд ба талаботҳо нисбати ҳифзи ёдгориҳои арзишмандтарини таъриху фарҳанг ҳамчун маҷмааи меъморӣ – фарҳангӣ ва табиӣ мувофиқат кунанд.

Ҳангоми эҳёи маҷмааҳои фарҳангӣ – таърихӣ бояд принсипи ягонагӣ ва пайдарҳамии объектҳо, пайдарҳамии хати тамошои ёдгориҳо, пайдарҳамии ҷойгиршавии объектҳо ва воситаҳои хизматрасонӣ ба назари эътибор гирифта шавад.

Ҷанбаи аз ҳама муҳими рушди туризм, пеш аз ҳама туризми фарҳангӣ ин таҳия ва коркарди хатсайрҳои мазмуни фарҳангидошта мебошад. Дар ин хатсайрҳо диққати асосиро ба шинос намудани сайёҳон бо мавзеъҳои ҷолиби диққат, объектҳои меъморӣ, анъанаҳои фарҳанги халқ, забон, рӯзғору маишати сокинони гирду атроф равона намудан зарур аст.

Туризми фарҳангӣ айни ҳол зиёда аз 10 % - и кулли гардиши туризми ҷаҳониро ташкил намуда, миёни намудҳои дигари туризм мақоми арзишманд касб намудааст. Пас, бешубҳа он яке аз омилҳои даромади минтақа ва инчунин боиси ифтихори сокинони маҳал аз мероси нодиру нотакрори ниёгонашон буда метавонад. Дар ҳоли ба назари эътибор гирифтани ифтихормандии

сокинон аз арзишҳои фарҳангиашон, онҳо метавонанд сохтори истифодаи мақсадноки захираҳоро барои рушди туризм дар минтақа ташкил намоянд. Рушди устувори туризми фарҳангӣ ва ҷалби ҳарҷӣ бештари сайёҳон аз чигунагии фаъолиятҳои барои ҳифзу истифодабарии ёдгориҳои мероси таърихӣ, фарҳангӣ ва табиӣ равонагардида, инчунин муносибати мардуми маҳал нисбати дастовардҳои фарҳангии халқ вобастагии ногусастанӣ дорад.

## 2.3. НАҚШ ВА ВАЗИФАҲОИ МЕРОСИ ФАРҲАНГӢ - ТАЪРИХӢ ВА ТАБИӢ ДАР СИЁСАТИ МИНТАҚАВӢ.

Ҷанбаҳои асосии стратегияи рушди устувор сиёсати экологӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, қонунгузорӣ буда ҳангоми коркарди онҳо нақши мероси табиӣ ва фарҳангӣ бамаротиб меафзояд.

Мерос ду вазифаи асосиро иҷро мекунад: аз як тараф вазифаи тарбиявӣ ва фарҳангӣ (ташаккули менталитети миллӣ, ҳифзи худшиносии аҳолӣ, тарбияи эҳсоси ватандорӣ), аз ҷониби дигар вазифаи иқтисодӣ (рушди ҳудуд, бунёди ҷойҳои корӣ). Ин ду вазифа таҳкимбахши рушди иҷтимоиву маънавии аҳолӣ буда, дар ҳалли мушкилоти экологӣ, беҳдошти объектҳои мерос, рушди туризм ва рекреатсия нақши арзишмандро мебозад. Ҷолибияти рекреатсионии объектҳои мерос ҳангоми дуруст ба роҳ мондани фаъолият дар самти реклама, фароғату вақтхушӣ, инфрасохтор, саноати армуғон, технологияҳои муосири иттилоотӣ таъмин карда мешавад.

Нақш ва ҷолибияти объектҳои мерос аз арзиш ва нодирият, инчунин сатҳи ҳифозати он вобастагӣ дорад. Дар ҳолати нокифоягии маблағгузорӣ аз буҷа ба



беҳдошти объектҳои мерос сиёсати инвеститсионӣ, бахусус маблағгузориҳои хайриявӣ ва тиҷоратӣ нақши бориз мегузоранд.

Назорати иҷрои қонунгузорӣ роҷеъ ба ҳифзи мерос дар ҳоли ҳавасмандии ҳокимияти иҷроияи маҳаллӣ самара дода метавонад. Дар шароити имрӯза объектҳои мерос, ки аҳамияти нодир будан ва тиҷоратӣ доранд бештар мавриди ҳифз ва барқароршавӣ қарор доранд. Мушкилот дар беҳдошти ёдгориҳое мебошад, ки танҳо аҳамияти илмӣ доранд. Аз ин ҷо масъалаи муайян сохтани молики ёдгориҳо ҷиҳати роҳандозии раванди барқарорсозӣ, беҳдошти шакл ва сохти берунаи ёдгориҳо тавассути доир намудани мониторинги экологӣ зарурат пайдо мекунад. Ин ҳолат имконият медиҳад, ки объектҳои дар ҳолати харобӣ қарор дошта ошкор гардида барномаи барқарорсозӣ, беҳдошт ва таъмини ҷолибияти онҳо, таъминоти нақши онҳо дар рушди туризм коркард ва амалӣ гардад: таъмини тарғибот (реклама) инфрасохтори мувофиқ, саноати армуғон, технологияҳои иттилоотии навтарин ва ғайрҳо.

Коркарди барномаи мушаххас ҷиҳати беҳдошти ҳолати ёдгориҳо бояд бо назардошти симои нодир ва экзотикӣ додан ба онҳо сурат гирад. Танҳо дар ин ҳол омили истифода аз объектҳо бо мақсади рекреатсия ва арзиши тиҷоратии онҳоро таъмин намудан мумкин аст. Ҷиҳати татбиқи амалии барномаҳо дар минтақа чунин корҳо бояд анҷом дода шавад:

- рекламаи мунтазам ва фаъол ;
- пурзӯр намудани нақши васоити ахбори умум дар рушди фарҳанги минтақа;
- омӯзиши илмии мерос ва таъмини ҳифзи он;
- паҳн намудани иттилоот дар асоси технологияҳои иттилоотии навин ;

Беҳдошти ҳолати объектҳои фарҳангӣ- таърихӣ ва таъмини онҳо бо шароитҳои инфрасохторӣ, ҷолибият ва нодирият имконият медиҳад, ки шаклҳои мухталифи туризм дар минтақа рушд кунад:

- туризми фарҳангӣ ;
- туризми этникӣ ;
- туризми конгрессӣ ;
- туризми экологӣ ва гайра;

Мақомоти маҳаллӣ бояд кӯшиш ба харҷ диҳанд, ки дар ҳудуди объектҳои меросӣ баргузории чорабиниҳои оммавӣ – фарҳангӣ, намоишҳои мухталифи миллӣ, бозиҳои оммавӣ – ширинкорӣ мунтазам таъмин карда шаванд. Дар ҳудуди объектҳои мероси миллӣ ташкил намудани осорхонаҳо дар ҳавои кушод, шаҳраки ҳунармандону косибон, дӯконҳои намоиш ва фурӯши армуғон ба мақсад мувофиқ аст.

Муайян намудани объектҳои махсусан арзишманд ва ба онҳо додани аҳамияти минтақавӣ, ҷумҳуриявӣ ва ҳатто байналмиллалӣ бояд пайваста дар мадди назари сохторҳои давлатӣ дар минтақа бошад. Сохторҳои давлатӣ дар минтақа ҷиҳати ворид намудани объектҳои мероси фарҳангӣ- таърихӣ ва табиӣ ба хатсайрҳои туристӣ бояд ҳавасмандии ҳамешагӣ зоҳир намоянд. Аз ҷониби дигар ташаббусҳои сокинони муқимии маҳал ва минтақа дар ҷодаи эҳёи деҳаҳо бо назардошти урфу одат, анъанаҳои миллӣ, бунёди иншоотҳои маишӣ, хонаҳои меҳмонқабулкунӣ бо тамоми шароитҳои будубоши меҳмонони хориҷӣ, марказҳои фароғатӣ барои ба хориҷиён намоиш додани расму оин, анъанаҳои сокинони маҳал, бунёди намоишгоҳҳои хурди ҳунарҳои косибон, таъмири роҳҳои нақлиёт ва ғайраҳо боиси дастгирист.

Ҷиҳати ба мавзеи туристӣ табдил додани минтақа на танҳо аз объектҳои анъанавӣ – ёдгориҳои фарҳангӣ-таърихӣ, манзараҳои зебои табиат балки аз дигар зухуроти мерос – фарҳанги халқӣ, анъанаҳо, ҳунарҳои косибӣ, забон, адабиёт, фарҳанги мусиқию бадеӣ, муҳити таърихии шаҳру деҳот, муҳити этникӣ, муҳити табиӣ ва ғайра васеъ ва мақсаднок истифода намудан зарур аст.

## 2.4. ИҚТИДОРИ ФАРҲАНГӢ-ТАЪРИХӢ ВА ТАБИӢ ДАР СИСТЕМАИ ТУРИЗМИ БАЙНАЛМИЛЛАЛӢ.

Таваҷҷӯҳи махсуси сайёҳонро пеш аз ҳама мероси шинохтатарини фарҳангӣ, таърихӣ ва табиӣ ба худ ҷалб месозад. Бештари чунин ёдгориҳои меросӣ шомили Феҳристи махсуси ЮНЕСКО мебошанд, ки шумораи онҳо ҳамасола афзоиш ёфта истодааст.

Барои ворид сохтан ба Феҳристи мероси умумиҷаҳонӣ маҷмӯи шароитҳо ва меъёрҳо вуҷуд доранд. Ин талабот ва меъёрҳо дар баробари шаклҳо, намуди объектҳои фарҳангӣ ва табиӣ дар Конвенсия дар бораи ҳифзи мероси фарҳангӣ ва табиии умумиҷаҳонӣ, ки соли 1972 қабул шудааст мушаххас гардидаанд. Тавсияҳо роҷеъ ба масъалаҳои ёдгориҳои мероси фарҳангӣ ва табиӣ инчунин аз ҷониби ИКОМОС (Шӯрои байналмиллалӣ оид ба масъалаҳои ёдгориҳо ва мавзеъҳои ҷолиб) (соли 1965 созмон дода шудааст) роҳандозӣ шудаанд.

Тибқи мушаххасоти Конвенсия зери мафҳуми мероси фарҳангӣ се намуди объектҳо: ёдгориҳо, ансамблҳо (маҷмӯи ёдгориҳо, ки дар як макон ҷойгиранд) ва мавзеъҳои ҷолиб фаҳмида мешавад.

Ба гурӯҳи ёдгориҳо иншооти меъморӣ, ҳайкалсозӣ, элементҳо ва сохтори характери бостоншиносидошта,

катибаҳо, ғорҳо, мавзеъҳои бостонӣ ва ғайраҳо, ки аз нуқтаи назари таърих, илм ё санъат арзиш доранд, дохил мешаванд.

Ансамблҳо иборат аз гурӯҳи иншоотҳои меъморӣ, ки бо ҳам алоқамандаанд ва ё бо табиат рабт дошта, аҳамияти илмӣ, фарҳангӣ ё ҳунарӣ доранд, мебошанд.

Ба мавзеъҳои ҷолиби диққат объектҳои антропогенӣ ё бо таъсири якҷояи табиат ва инсон тавлидшуда, инчунин ҷойҳои зебою ҷолиби бостонӣ, ки аз назари таърих, мардумшиносӣ, бостоншиносӣ ва эстетикӣ арзишмананд дохил мешаванд.

Таҳти мафҳуми мероси табиӣ дар Конвенсия се гурӯҳи объектҳо муайян карда шудаанд:

- ёдгориҳои табиат, зуҳуроти ҷисмию биологӣ, ки аз нигоҳи эстетикӣ ва илмӣ арзишманд мебошанд ;
- зуҳуроти ҷисмию геологӣ ва мавзеъҳои махсуси мамнӯъ эълоншуда, ки аз назари илмӣ арзишманд мебошанд;
- мавзеъҳои ҷолиби диққати табиӣ ва мавзеъҳои табиии мамнӯъгоҳ эълон шуда, ки аз нигоҳи зебоии табиӣ ва илмӣ аҳамияти арзишманд доранд.

Ба ҷуз ёдгориҳои мероси фарҳангӣ ва табиӣ боз ёдгориҳои омехтаи мероси фарҳангӣ – табиӣ низ вуҷуд доранд.

*Маҷмӯи меъёрҳои баҳодиҳӣ ба объектҳои мероси фарҳангӣ ва табиӣ.*

Ҳар кадоме аз объектҳои фарҳангӣ, ки барои ба Феҳристи меросӣ умумиҷаҳонӣ ворид кардан пешниҳод мешаванд бояд ҷавобгӯи чунин талабот бошанд:

1. Ифодакунандаи қобилияти эҷодии инсон бошад;
2. Муҳимияти раванди ба ҳайси мерос боқимондаи арзишҳои умумиинсониро дар бахшҳои фарҳанг, меъморӣ, санъати монументалӣ, шаҳрсозӣ, ороиши

муҳит дар давраи таърих, ҳудуди фарҳангию ҷуғрофӣ нишон дода тавонад:

3. Гувоҳи мавҷудият ва ё аз байн рафтани ин ё он тамаддун ва ё анъанаи фарҳангӣ бошад;
4. Намунаи шинохтатарини ансамбли меъморӣ ё табиии хоси яке аз давраҳои таърихи рушди инсоният бошад;
5. Намунаи аз ҷониби инсон бунёд ёфтан ва нодир будан, ифодакунандаи фарҳангҳо, бахусус фарҳангҳои тӯли таърих бо сабаби таҳаввулотҳо бидуни ҳимоямонда будан;
6. Бо воқеот, анъанаҳо, афкор, боварҳо, эҷодҳои аҳамияти ҷаҳонидошта қисман ва ё бевосита алоқамандӣ доштан.

Ҳар кадоме аз объектҳои мероси табиӣ, ки барои ба Феҳрасти мероси умумиҷаҳонӣ ворид кардан пешниҳод мешаванд бояд ҷавобгӯи чунин талабот бошанд:

1. Намунаи олии яке аз давраҳои рушди Замин, равандҳои геологии ташаккули манзараҳои табиат, зуҳуроти муҳими физиографӣ ва геоморфологӣ бошад.
2. Намунаи олии рушди ин ё он раванди экологӣ ё биологӣ бошад: экосистемаҳои қитъавӣ, оби тоза, соҳилӣ, баҳрӣ, инчунин бактерияҳо, гурӯҳҳои ҳайвонҳо;
3. Дар худ таҷассум намудани зуҳуроти аҷиби табиӣ ва ё ҷойҳои зебоманзари табиӣ, ки аҳамияти эстетикӣ дошта бошанд;

Омӯзиши фарҳангӣ- таърихии ҳудудҳои алоҳида (кишвар, ноҳия,шаҳр) якчанд давраҳои ҳатмии татбиқро дарбар мегирад:

1. Омӯзиши таърихи ҳарбӣ ва шаҳрвандии объект, муайян намудани таъсири омили таърихӣ дар ташаккули объект;
2. Омӯзиши ҷанбаи таърихӣ – меъмории рушди объекти туристӣ;
3. Муайян намудани сабкҳои асосии меъморӣ дар ҳудуди объект, ки бо таърихи гузаштаи кишвар, ноҳия, шаҳр алоқамандӣ дорад;
4. Омӯзиши ёдгориҳои меъмории барои рушди туризм нисбатан ҷолиб ва муҳимтар;
5. Омӯзиши раванди рушди фарҳанги маънавӣ (аз ҷумла тамоми ҷанбаҳои алоқамандӣ бо дигар фарҳангҳо) ;
6. Тавсифи давраҳои асосии рушди фарҳанги маънавӣ ва осори муҳимтарини он (фолклор, мероси адабӣ ва мусиқӣ, санъати тасвирӣ ва ғайраҳо.) ;
7. Омӯзиши осори намояндагони шинохтатарини фарҳанг ва санъати кишвар, ноҳия, шаҳр.

## 2.5. ЗАХИРАҲОИ РЕКРЕАТСИОНИИ ФАРҲАНГӢ- ТАЪРИХӢ. МОҲИЯТ, ТАСНИФОТ ВА БАҲОДИҲӢ.

Дар маҷмӯи захираҳои рекреатсионӣ мероси таърихӣ – фарҳангӣ мақоми арзишманд доранд. Мероси таърихӣ – фарҳангӣ таҷассумгари давраҳои гуногуни таърихи

рушди ҳаёти ҷомеа мебошад. Онҳо сарчашмаи ташкили шаклҳои фарҳангӣ – маърифатии машғулиятҳои рекреатсионӣ буда вазифаи мушаххаси тарбиявиро иҷро мекунанд. Муҳите, ки объектҳои фарҳангӣ – таърихӣ созмон медиҳанд барои татбиқи самтҳои хати экскурсионӣ мувофиқ буда метавонад.

Объектҳои фарҳангӣ – таърихӣ ба моддӣ ва маънавӣ тақсимбандӣ мешаванд.

Объектҳои фарҳангӣ- таърихии моддӣ ифодакунандаи маҷмӯи воситаҳои истеҳсолот ва дигар арзишҳои моддӣ дар давраҳои мухталифи таърихии рушд буда, объектҳои таърихӣ – фарҳангии маънавӣ бошад маҷмӯи дастовардҳои ҷомеа дар бахшҳои таҳсилот илм, санъат, адабиёт ва нақши онҳо дар ташкили ҳаёти давлатию ҷамъиятӣ, меҳнат ва рӯзгори одамон ба ҳисоб меравад.

Ба захираҳои фарҳангӣ – таърихӣ на ҳамаи зуҳуроти меросӣ шомил буда метавонад. Захираҳои фарҳангӣ-таърихӣ оне шуморида мешавад, ки тибқи усулҳои илмӣ таҳқиқ шуда аҳамияти ҷамъиятӣ дошта бошанд, имкониятҳои техникӣ ва моддии онҳо мавриди истифода бошанд ва талаботи рекреатсионии одамонро қонеъ сохта тавонанд.

Миёни объектҳои фарҳангӣ – таърихӣ ёдгориҳои таърих ва фарҳанг мақоми махсус доранд. Ёдгориҳои фарҳанг ва таърих воситаи асосии таъмини талаботҳо нисбат ба рекреатсияи маърифатӣ – фарҳангӣ мебошанд. Ёдгориҳои таърих ва фарҳанг аз нигоҳи аҳамияти рекреарсионӣ-турисиашон ба 5 намуди асосӣ ҷудо мешаванд ; таърих, бостонӣ, шаҳрсозӣ ва меъморӣ, санъат, ёдгориҳои ҳуҷҷатӣ.

Ёдгориҳои таърих: иншоот, биноҳо, ҷойҳо ва ашёҳои ёдгорӣ, ки бо воқеаҳои муҳимтарини таърихӣ дар ҳаёти мардум, инчунин бо рушди илм, техника, фарҳанг ва маишати халқҳо, бо ҳаёту рӯзгори шахсони шинохтаи халқу миллат алоқамандӣ доранд.

Ёдгориҳои бостонӣ: Шаҳракҳо, қурғонҳо, боқимондаҳои мавзеъҳои аҳолинишини қадима, қитъаҳои таърихӣ ва ғайраҳо.

Ёдгориҳои шаҳрсозию меъморӣ: маҷмааҳо ва ансамблҳои меъморӣ, марказҳои таърихӣ, маҳалаҳои аҳолинишин, кӯчаҳо, боқимондаҳои сохтмонҳои қадимаи шаҳру деҳот, иншооти саноати шаҳрвандӣ, ҳарбӣ, динӣ, меъмории халқӣ, асарҳои ба инҳо алоқаманди монументалӣ, тасвирӣ, санъати амалӣ, манзараҳои наздишаҳрӣ ва дохилишаҳрӣ.

Ёдгориҳои санъат: асарҳои дар жанрҳои монументалӣ, тасвирӣ, ҳунари дастии мардумӣ ва ғайраҳо офаридашуда. Ёдгориҳои ҳуҷҷатӣ: санадҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идорӣ, ҳуҷҷатҳои хаттӣ, кино- фото- ҳуҷҷатҳо, сабтҳои овозӣ, катибаҳои қадима (дастнависҳо), маводи бойгониҳо, сабти фолклор ва мусиқӣ.

Ба сарчашмаҳои фарҳангӣ- таърихии самти рекреатсионидошта инчунин объектҳои дигари ба таърих, фарҳанг ва ҳаёти имрӯзаи одамон вобаста буда, аз қабили корхонаҳои намунавии муосири саноатӣ, хоҷагии қишлоқ, нақлиёт, театрҳо, муассисаҳои илмӣ, таҳсилотӣ, иншооти варзишӣ, боғҳои ботаникӣ, боғи ҳайвонот, ёдгориҳои мардумшиносию фолклорӣ, намунаҳои истеҳсолоти кадима, анъанаҳои халқӣ, маросимҳои идона ва ғайраҳо дохил мешаванд.

Ҳамаи объектҳое, ки ҷиҳати ташкили фаъолияти рекреатсионии самти маърифатӣ – фарҳангидошта истифода мешаванд ба 2 гурӯҳ: манқул ва ғайриманқул ҷудо мешаванд.

Гурӯҳи аввалро ёдгориҳои санъат, бозёфтҳои бостоншиносӣ, минералогӣ, коллексияҳои ботаникӣ ва зоологӣ, ёдгориҳои ҳуҷҷатӣ, ашё, чизҳое, ки аз ҷое ба ҷое ба осонӣ бурда мешаванд, ташкил медиҳанд. Истифодаи онҳо ба ҳайси захираи рекреатсионӣ

одатан дар осорхонаҳо, китобхонаҳо, марказҳои дастнависҳо, бойгонӣ сурат мегирад.

Ба гурӯҳи дуюм ёдгориҳои таърих, шаҳрсозӣ ва меъморӣ, бостоншиносӣ, санъати монументалӣ ва дигар иншоот, аз ҷумла ёдгориҳои санъат, ки ҷузъи меъморианд дохил мешаванд. Махсусияти ин гурӯҳ ёдгориҳо дар он аст, ки онҳо алоҳида – алоҳида ва ё ҷамъ – ҷамъ дар минтақаҳои алоҳида ҷойгир шудаанд.

Таҳлили шумораи зиёди объектҳои гуногун, ки қисми таркибии воситаи захираҳои рекреатсияи фарҳангӣ – таърихиро ташкил медиҳанд бояд ҳатман расмияти бақайдгирӣ, тавсиф ва намудшиносиро дошта бошанд. Ҳангоми бақайдгирӣ ва тавсифнамоии объектҳои фарҳангӣ – таърихӣ бояд номи объект, харитаи ҷойгиршавӣ, молик, сарчашмаҳои адабӣ – илмӣ роҷеъ ба объект, тавсифи кӯтоҳи объект ишора шавад.

Давраи муҳимтари баҳодиҳӣ ба объектҳои фарҳангӣ – таърихӣ ин намудбандӣ ва аҳамияти рекреатсионии онҳо мебошад. Асоси намудбандии объектҳоро моҳияти иттилоотии онҳо: нодир будан, намуди хос доштан, аҳамияти маърифатӣ – тарбиявӣ доштан, зоҳиран ҷолиб будан ташкил медихад.

Дар объектҳои фарҳангӣ – таърихӣ созмон додани хати соддаи намоиши экскурсионӣ ба максад мувофиқ аст. Мавҷудияти хати сайр барои баргузории экскурсия бо назардошти моҳият ва мазмуни объект нишондихандаи муташаккилии фаъолиятҳо дар ин самт мебошад.

## 2.6. ПРИНСИПҲОИ АСОСИИ АЗХУДКУНИИ РЕКРЕАТСИОНИИ МЕРОСИ ФАРҲАНГӢ-ТАЪРИХӢ ВА ТАБИӢ

Ёдгориҳои таърих, фарҳанг ва манзараҳои атрофи онҳо дастоварди бузурги миллӣ маҳсуб меёбанд. Азхудкунии ҳудуд муносибати нозукро аз рӯи принсипи «ҳифз намо – барқарор намо – зиён нарасон» талаб менамояд.

Ҳар як мавзеъ ё минтақа дорои худудҳои нодири таърихӣ: шаҳракҳои дорои ғановати таърихӣ, маҷмааҳо, паркҳо, зиёратгоҳҳо, ибодатгоҳҳо мебошад.

Ташкили ҳудудҳои таърихии нодир дар ҳамбастагӣ бо эҳё ва рушди шаклҳои анъанавии фаъолият ва усулҳои наву замонавӣ – туризм, истеҳсолоти хоҷагии деҳот ва саноат сурат мегирад. Шаклҳои муосири фаъолият бояд равандҳои сарчашмаи қадимидоштаи табиат, хоҷагидорӣ ва иҷтимоӣ – фарҳангиро пурратар созанд. Асоси азхудкунии муосири худудҳои нодири таърихиро принсипҳои таърихӣ, экологӣ ва манзаравӣ ташкил медиҳанд.

Бисёре аз шаҳрҳо дар иҳотаи ёдгориҳои шинохтаи таърихӣ – фарҳангӣ, инчунин объектҳои арзишманди табиӣ қарор доранд. Ин ҳолат имконият медиҳад, ки дар шаҳрҳо ва марказҳои туристӣ фаъолияти рекреатсиониро дучанд беҳтар ба роҳ монанд.

Ҳангоми рушди инфрасохтори туристӣ фазои таърихӣ – меъмории шаҳрҳо набояд зиён бинад. Ҳар кадоме аз объектҳои нави бунёдшаванда бояд аз нигоҳи таърихӣ – эстетикӣ дар ҳамбастагӣ бо фазои таърихӣ – меъморӣ сурат гирад. Иншооти бунёдшаванда ифодакунандаи анъанаҳои миллӣ,

минтақавӣ буданаш зарур аст. Дар ҳудуди ҷойгиршавии маҷмааҳои таърихӣ – фарҳангӣ, зиёратгоҳҳо, созмон додани мамнӯъгоҳҳо ва паркҳои табиӣ – таърихӣ ба мақсад мувофиқ аст.

Бунёди паркҳои табиӣ – таърихӣ имконият медиҳад, ки арзишмандтарин объектҳои фарҳангӣ, таърихӣ, табиӣ муҳофизат ва мақсаднок истифода шаванд.

Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон барои омӯзиш, беҳдошт ва мавриди истифода қарор додани объектҳои фарҳангӣ – таърихӣ ва табиӣ зарурати коркард ва татбиқи амалии Консепсияи азхудкунии ҳудудҳои нодири таърихӣ ҳамчун шакли махсуси бунёди муҳити фарҳангӣ – табиӣ ба миён омадааст. Консепсияи мазкур ҳатман бо назардошти аҳмияити илмӣ – маърифатӣ, туристӣ – экскурсионӣ ва хоҷагидорӣ доштани объектҳои фарҳангӣ – таърихӣ ва табиӣ тарҳрезӣ ва татбиқ бояд шавад.

Дар доираи тадбирҳо доир ба рушди мавзеъҳои таърихӣ имконияти тарҳрезии барномаҳои махсуси таҳсилотӣ, бахусус метавонад гурӯҳҳои омӯзишии амиқи экологӣ, барномаҳои махсусгардонидашудаи таърихӣ, мардумшиносӣ ва ғайра амалӣ карда шавад. Ин ҳолат на танҳо ба рушди донишу ҷаҳонбинии насли наврас таъсири мусбӣ мерасонад, балки барои дар оянда тайёр намудани кадрҳои соҳаҳои ҳифзи муҳит, роҳбаладӣ, туризм заминаи мусоид фароҳам месозад.

## 2.7. ЁДГОРИҲОИ ФАРҲАНГӢ- ТАЪРИХӢ ВА ТАБИИИ ТОҶИКИСТОН ҲАМЧУН АСОСИ РУШДИ ТУРИЗМ

Тоҷикистон аз кишварҳои афсонавии дорои захираҳои бои туристӣ буда, метавонад ҳамчун кишвари рушдкардаи туристӣ дар миқёси ҷаҳон манзалати махсус пайдо кунад. Таърихи куҳанбунёд, табиати нотакрор, шинохтатарин шахсиятҳои олами адабу фарҳанг, ҳунар ва илм, ёдгориҳои бостонии фарҳангӣ-таърихӣ, фарҳанги меҳмонпазирой пойгоҳи асосии рушди туризм дар мамлакат буда метавонад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қисмати ҷанубу шарқии Осиёи Марказӣ байни 36° 41 арзи шимолӣ ва 75° 14 тӯли шарқӣ воқеъ гардидааст. Сарзамини тоҷикон, ки 93% ҳудуди онро кӯҳсор ташкил медиҳад, чн кишвари дорои пиряхҳои бузург, дарёҳои пуроб, табиати зебо, ёдгориҳои зиёди таърихию фарҳангӣ, ки дар арзи ҳазорсолаҳо эъмор ёфтаву шоҳиди бевоситаи инкишофу инқирози фарҳангу тамаддунҳои гузошта гаштааст, шӯҳрат дорад. Бояд гуфт, ки мардуми тоҷик дар масири таърих дар рушду камоли фарҳанги бисёр манотиқи Осиёи Марказӣ, Ҳиндустону, Афғонистон ва Эрон саҳм гузоштаанд.

Қисмати кӯҳистони кишвар тибқи пажӯҳишҳои бостоншиносон аз ҷиҳати таърихӣ дар радифи қадимтарин минтақаҳои маскунии дунё қарор дошта, он ҳамчун «гаҳвораи насли башар» таваҷҷӯҳи муҳаққиқини бостоншиноси ҷаҳонро ба худ ҷалб намудааст. Дар ин ҷо бошгоҳҳои одамоне кашф гардидаанд, ки ба давраҳои моқабли таърихӣ мансуб буда, дар қадимтарини онҳо – Кулдара ҳанӯз 850 ҳазор сол муқаддам одамони ибтидоӣ сукунат доштанд.

Дар миёнаҳои ҳазорсолаи IV пеш аз милод, яъне 5,5 ҳазор сол муқаддам, аҷдоди тоҷикон – қавмҳои ориёӣ тамаддунҳои худро офариданд, ки яке аз онҳо бо номи «Тамаддуни Саразм» машҳури дунё гаштааст. Ин макон аввалин маскани кишоварзони аҳди бостон дар Осиёи Марказӣ мебошад, ки бо мавҷудияти гуногунии бунгоҳҳои зист, ашёву олоти зиёди косибӣ ва кишоварзӣ, парастишгоҳҳои оташи муқаддас, оини хеш ва тарзу усули дафнии мурдагон мадорики нодир буда, дар таҳқиқи бисёре аз паҳлӯҳои таърихи қавмҳои Ориёни бостон сарчашмаи нотакрор ва боэътимод хоҳад гашт.

Дар миёнаҳои ҳазорсолаи II қабл аз милод сарзамини паҳновари Ориён – Осиёи Марказиро қабоили зиёди ориёии кишоварзу чорводор фаро гирифта буданд. Кашфи фулузи биринҷӣ барои инкишофи ҳаёти иқтисодиву фарҳангии онҳо таъсири мусбат расонида, имкон дод, пешаи фулузгудозӣ ва дар ҳамин замина ривоҷ ёфтани ҳунарҳои косибӣ ба пайдоиши шаҳракҳои бостонӣ боис гарданд. Дар ҳудуди Тоҷикистон ёдгориҳои ин давра дар шакли бошгоҳҳо – Теғузак, Кунғуртут, Қайроқум ва қабристонҳои чорводорон – Вахш, Бешкент, Макони мор ва ғайра кашф гардиданд, ки ҳар яке фарҳангу ҳунари хоси худро доро мебошад. Ба ҳамин давра ҳамчунин, инкишофи оинҳои меҳрпарастӣ ва оташпарастӣ ва вобаста ба он расму анъанаҳои ориёӣ ташаккули худро ёфт.

Кашфи оҳан марҳилаи нав дар тараққиёти ҷомеаи инсонӣ ба шумор меравад. Маҳз дар ҳамин давра – ибтидои ҳазорсолаи аввали қабл аз милод, рушду такомули иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангии ҷомеаи инсонӣ ва бахусус, ривоҷи ҳунармандӣ ва шаҳрсозию шаҳрдорӣ сабабгори пайдоиши аввалин тамаддунҳои ориёӣ дар ин кишвар гаштаанд. Тамаддунҳои Бохтари қадим,Суғд ва сакоиҳо на танҳо дар инкишофу равнақи тамаддуни ниёгони тоҷикон,

балки ба фарҳанги дигар қавму қабилаҳои сокини ин сарзамин таъсири созандае расонидаанд. Ёдгориҳои бостони Макони мор, Каримбердӣ, Кӯлоб ва бахусус димнаи шаҳраки Байтудашт, ки асрҳои VI-IV қабл аз милодро дар бар мегиранд, шоҳиди зуҳури Зардушт ва оини Маздоясно, ташаккули аввалин давлатдориҳо, омезиши гуногуни ориёӣ, таъсиси империяи бузурги Ҳахоманишиҳо ва осори таърихии аҳди қадими халқи тоҷик мебошанд.

Баъди шикасти давлати ҳахоманишиҳо ва истилои Осиёи Марказӣ аз ҷониби Искандари Мақдунӣ, дар сарзамини як давлати бузурги ҷаҳонӣ муттаҳид гаштани фарҳангу тамаддунҳои Шарқу Ғарб сабаби инқилоби бузурги фарҳангӣ гардид. Дар натиҷа, тамаддунҳои Юнон, Ҳиндустон, Эрон, бахусус, дар давлати Юнону Бохтар ба ҳам омезиш ёфта, дар Осиёи Марказӣ як тамаддуни беҳамторо тавлид намуданд, ки то имрӯз бостоншиносону таърихшиносон ва фарҳангшиносону санъатшиносонро ба шигифт меоварад. Дар ҳудуди Афғонистон ёдгории беназире чун димнаи Искандарияи Омӯӣ (Ойхонум) ва дар Тоҷикистон – Искандарияи Канорӣ (шаҳри Хуҷанди имрӯза), димнаи Фархори антиқа ва димнаи маъбади Тахти сангин намунае аз чунин тамаддунҳо мебошанд.

Маъбади Тахти сангин, ки бо шоҳкорҳои меъмории хеш мумтоз аст, харобаҳои Тахти Ҷамшедро (дар Эрон) мемонад. Дар ин ҷо – назди гузаргоҳи дарёи Омӯ дар асри IV қабл аз милод маъбади худои ин дарё бино гардида, баъдан он ба шаҳраки маъмурӣ табдил ёфт.

Бозёфтҳои фарҳанги моддӣ ва маънавӣ, ки зиёда аз 5 ҳазор ададро ташкил медиҳанд, гувоҳи ба ҳам пайванд хӯрдани (синтези) фарҳангҳои Юнону Бохтар буда, аз дараҷаи баланди касбу ҳунарҳои гуногун дар ин давра шаҳодат медиҳанд. Дар замони Кӯшониён низ маъбади мазкур муддате фаъолият доштааст.

Дар манотиқи ҷануби Тоҷикистон бостоншиносон якчанд сангтӯдаҳоеро кашф кардаанд, ки асрори пайдоиши онҳо то ҳанӯз пӯшида мондааст. Баъзеҳо чунин тахмин мекунанд, ки гӯё ин шумораи сарбозони лашкарҳои замоне аз ин мавзеъ гузашта мебошад ва эшон барои дақиқ кардани сафҳои худ чунин сангтӯдаҳоро ба вуҷуд овардаанд.

Дар ҳудуди ноҳияи Ховалинг 5 адад чунин сангтӯдаҳо мавҷуд аст, ки қутри ҳар яке то 35 м ва баландии онҳо 10 м буда, сангҳои хурду бузург бино ёфтаанд. Ҳангоми таҳқиқи яке аз ин сангтӯдаҳо аз зери он сиккаи нуқрагине ёфт шуд, ки мансуби асри II пеш аз милод мебошад.

Дар асрҳои I – II милодӣ дар шимоли ҷанубии Осиёи Марказӣ ва Ҳиндустон империяи Кирпанд таъсис ёфта, то ибтидои асри VIII милодӣ арзи вуҷуд кардааст. Ин давлати бузург аз қисмати Туркистони Шарқӣ, Ҳиндустони ҷанубӣ то сарзамини имрӯзаи Афғонистону Тоҷикистон ва хориҷи онҳоро дар бар мегирифт. Дар ҳудуди империяи Кирпанд муддати зиёда аз 700 сол сулолаҳои гуногун, мисли Кирпандшоҳон, Кушониён, Хиониён, Кидориҳо, Ҳайтолиён ва ғайра ҳукмронӣ кардаанд.

Бо шарофати оромӣ дар кишвар, дар радифи қисмати шимолии Роҳи Бузурги Абрешим, ки аз Туркистони шарқӣ тавассути водии Фарғона ва шаҳри Хуҷанд то ба Самарқанду Бухоро ва дигар мамолик мерасид, инчунин, шохаи ҷанубии он низ таъсис дода шуд, ки он аз ҳудуди Вахони Бадахшон гузошта, то Толиқони Афғонистон ва ҳудуди Эрону дигар манотиқ идома меёфт. Барои таъмини бехатарии роҳи ҷанубӣ дар имтидоди он якчанд қалъаҳо, ўрдугоҳҳои низомӣ таъсис шуданд, ки аксари онҳо ҳоло ҳамчун мероси таърихии ниёгони тоҷикон ҳифозат мешаванд. Бузургтарини ин ёдгориҳо қалъаҳои Қааҳқа ва

Ямчун дар ноҳияи Ишкошими Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахашон ба ҳисоб мераванд.

Қалъаи Қааҳқа дар соҳили сангистони дарёи Панҷ, назди деҳаи Наматгути поёни ноҳияи Ишкошим ҷой гирифтааст. Шакли қалъа дарозрӯя буда, қисмати ғарбию шарқии он 675 м. шимолу ҷануби он 220 м-ро ташкил медиҳад. Ду қабат деворҳои мустаҳками аз хишти хом сохташуда бо 56 манори мудофиавӣ таҳким дода шудаанд. Дар девору манорҳо тиркашҳои зиёд барои набард бо душманон мавҷуд аст.

Қалъаи Қааҳқа аз асри III қабл аз милод то асри VII милодӣ вуҷуд дошта, бехатарии Роҳи Бузурги Абрешимро таъмин намудааст.

Ёдгориҳои асри миёнаи барвақтӣ – асрҳои V- VIII аз ҳудуди Тоҷикистон дар шакли шаҳрҳои бузург, бошгоҳҳо ва кӯшку қасрҳои феодалӣ хеле зиёд кашф гардиданд. Онҳо дар замони салтанати юнониён, кидориҳою хиониҳо ва ҳайтолиёну хоқонати турк бино ёфта, ҳар яке шоҳиди бевоситаи асру замони худ мебошанд.

Дар байни даҳҳо ёдгориҳои давраи номбурда, машҳуртаринашон шаҳри Панҷакенти бостонӣ, шаҳри Бунҷикат ва дайри буддоии Аҷинатеппа ба шумор меравад. Маҳз бо шарофати таҳқиқоти чандинсола ин ёдгориҳо нисбатан пурра омӯхта шуда, бисёр паҳлӯҳои таърихи халқи тоҷикро дар давраи тоисломӣ равшан намуданд.

Панҷакенти қадим дар масофаи 1,5 км ҷанубу шарқии шаҳри кунунӣ воқеъ буда, аз чор қисми алоҳида – шаҳристон, куҳандиз, работ ва қабристон иборат аст. Ҳудуди шаҳристон, ки қисмати сеюми шаҳр ҳисоб мешавад, 14 гектарро ташкил дода, бо деворҳои мудофиавӣ иҳота шуда буд. Дар радифи хонаҳо, кӯчаҳо, дӯконҳои косибӣ, бозор ва дигар биноюю иншоот, ки аксаран дуошёна буданд, дар шаҳристон 2 маъбади бузург низ кашф гардид, ки яке аз

онҳо ба оини маҳаллии зардуштӣ ва дигаре ба парастиши дарёи Зарафшон мансуб буданд. Маҳз аз ҳамин маъбади дуюм ҳайкалҳои зиёди одаму махлуқот ёфт шуданд. Аз байни ҳазорҳо бозёфтҳое, ки ҳангоми ҳафриёт аз шаҳристон ёфт шудаанд, махсусан, кашфи алифбои суғдӣ иборат аз 20 ҳарф ва осори санъати тасвирӣ хеле ҷолибанд. Деворнигораҳои рангини Панҷакент то ҳанӯз бинандаро ба ҳайрат мееоранд. Онҳо аз қисмҳои гуногун – саҳнаҳои қаҳрамонӣ, маросимӣ, эътиқодҳои динӣ ва анъанаҳои хоси сокинони шаҳр, саҳнаҳои базму бозиҳо, лаҳзаҳои фолклорӣ ва ғайра иборат мебошанд. Умуман, дар ин нигораҳо қариб тамоми фарҳанги моддиву маънавии халқи тоҷик то асри VIII таҷассуми худро ёфтааст. Чунин саҳнаҳо дар кандакориҳои болои чӯб, ки то замони мо расидаанд ва ҳайкалҳои гилини маъбадҳои номбурда низ дида мешаванд.

Дар димнаи шаҳри Бунҷикати бостонӣ – маркази Истаравшани (Сурушани) қадим, ки ҳоло маркази ноҳияи Шаҳристон аст, бостоншиносон ҳангоми ҳафриёт бо нишонаҳои санъати баланди тасвирии тоҷикон дар асрҳои VII- VIII дучор шуданд.

Шаҳр аз шаҳристон, кухандиз ва работ иборат буд. Атрофии шаҳристон деворҳои баланд ва ду дарвоза дошта, работ низ бо девор иҳота шуда, чор дарвоза дошт. Дар баробари бозёфтҳои нодири ҳунарҳои косибони шаҳр, аз ин ҷо намунаҳои барҷастаи санъати тасвирӣ низ пайдо шуданд. Тасвири модагурги римӣ бо ду кӯдак, худоёну олиҳаҳо, муҳорибаҳои девҳо, фариштаҳо, ҷанговарони болдор, дуҷархасавор, лавҳаи кандакорӣ дар мавзӯи муборизаи бадиву некӣ аз ҷаҳонбинии васеъ ва донишҳои амиқи сокинони шаҳр дарак медиҳанд. Шаҳр дар масири Роҳи Бузурги Абрешим ҷой гиифта, тӯли асрҳо ба дараҷаи баланди инкишофи фарҳанги моддиву маънавии замонаш расида буд.

Аз асри VII сар карда дар ҳудуди Тахористони ҷанубӣ (Афғонистон) оини нав, яъне дини буддоӣ паҳн мешавад, ки баъдтар ба соҳили рости дарёи Ому нуфуз пайдо карда, қисмати шимолии Тахористонро низ фаро мегирад. Тибқи таҳқиқоти олимон дар ин сарзамин мазҳаби хинаяна (дучархаи хурд) бештар ривоҷ ёфта буд. Якчанд димнаҳои бутхонаҳои ин давра дар ҳудуди Тоҷикистони ҷанубӣ (бахусус Хатлон) аз ҷониби муҳаққиқон мавриди омӯзиш қарор гирифт, ки бузургтарини онҳо дайри Аҷинатеппа (воқеъ дар ноҳияи имрӯзаи Вахш) мебошад. Дар омӯзиши ҳаёти маънавии тоҷикон дар ибтидои асри VIII, яъне пеш аз зуҳури ислом дар ин сарзамин ёдгории Аҷинатеппаи ноҳияи Вахш аҳамияти муҳим дорад.

Дайри буддоии Аҷинатеппа дар масофаи 3 км самти шарқии шаҳраки Вахш ҷой гирифтааст. Он бинои росткунҷаи 100 x 50 м бо баландии 6 м буда, аз ду қисми мутаносиби бо роҳрав пайваста иборат аст, ки шартан «дайр» ва «маъбад» номида шудаанд. Тарзи иморатсозӣ чорайвона мебошад. Бино аз пахса, хишти хом ва таҳкурсии он аз хишти пухта сохта шудааст. Фарши дайр ба пуррагӣ аз хишти пухта рӯйкаш гардидааст. Дар маркази нимаи «дайр» ҳавлии чоркунҷа (19 x 19 м) вуҷуд дорад, ки дар атрофии он ҳуҷраҳо, ибодатгоҳ, толор ва анборҳо ҷой гирифтаанд. Дар натиҷаи ҳафриёт ғайр аз бозёфтҳои зиёди санъати косибӣ, аз ин ҷо ҳайкалҳои зиёди аз гаҷ ва гили рангуборёфта сохташударо пайдо кардаанд. Дар яке аз роҳравҳо муҷассамаи 13 метраи Буддо ва дар тоқчаҳо муҷассамаҳои хурди ӯ ёфт шудаанд. Деворнигораҳои Аҷинатеппа низ ҷолибанд. Онҳо дар асоси сабки суратгарии ҳамондавраи Осиёи Марказӣ ба ҷо оварда шуданд. Симои роҳиб, иблис, одамони оддӣ хело ҷолибу диданиянд.

Ачинатеппа аввалин ёдгории дини буддоӣ дар Осиёи Марказӣ мебошад, ки ба пуррагӣ таҳқиқ гардидааст.

Асрҳои IX – X барои халқҳои Осиёи Марказӣ ва махсусан барои халқи тоҷик ҳамсон бо Эҳёи аврупоии асри XV дониста шудааст. Маҳз дар ҳамин давра баъди воридшавии тағйироти куллӣ дар маънавиёти халқҳои сокини ин кишвар, яъне дини ислом, дар тамоми ҷабҳаҳои ҳаёти мардум, баъди саъю кӯшишҳои чандинсола, Оли Сомон давлати навбунёди худро таъсис дод, ки он ба ташаккулёбии халқияти тоҷик ва илму фарҳанги он сабаб гардид.

Аҳди Сомониён барои тоҷикон «асри тиллоӣ» маҳсуб мешавад. Дар ин замон дар худуди Осиёи Марказӣ давлати мутамарказе таъсис ёфт, ки дар тамоми ҷабҳаҳо аз дигар кишварҳои минтақа хеле пеш меистод.

Рушду пешрафти иқтисодии кишвар ва бо шарофати оромию осоиштагии дар он ба амал омада ба пайдоиши шаҳру рустоҳои нав ба нав сабаб гардид. Дар онҳо як усули нави санъати меъморие ба вуҷуд омад, ки он натиҷаи омезиши сабку усулҳои меъмории пеш аз исломии тоҷикон, идроку ҷаҳонбинӣ ва талаботи хоси вобаста ба мафкураи навзуҳур мебошад.

Маъхазҳои хаттӣ ва иттилои ровиёни асрҳои IX - XI роҷеъ ба рушди илму фарҳанг ва иқтисодиёт, шаҳрдорию шаҳрсозии он давра ахбори зиёд ироа мекунанд. Вале пажӯҳишҳои бостоншиносӣ, ки дар ёдгориҳои давраи номбурда сурат гирифтаанд, бисёр паҳлӯҳои тозаи таърихи онро кашф намуда, маълумоти маъхазҳоро собит ва хеле ҳам ғанӣ гардониданд.

Мутаассифона, аз замони сомониён то имрӯз мероси меъмории начандон зиёд боқӣ мондааст. Машҳуртарини онҳо мақбараи Исмоили Сомонӣ дар шаҳри Бухоро мебошад. Ин мақбара чи аз ҷиҳати сифати сохтмон, чи аз

лиҳози санъати меъморӣ ва содагии худ дар ҷаҳон ҳамто надорад. Зиёда аз ҳазор сол аст, ки ин муқаддасоти Оли Сомон бо тамоми шукӯҳу шаҳомати нотакрори худ бинандаро ба ваҷд меорад.

Аз шаҳрҳо ва осори давраи Сомониён дар Осиёи Марказӣ дар Тоҷикистон чанд ёдгории беназири он – ёдгории шаҳраки Сайёд дар ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ва димнаи қасри шоҳони Хатлон дар собиқ пойтахти он – шаҳри Ҳулбук, ёдгории Лағмон дар ноҳияи Колхозобод ва шаҳраки кончиҳои Бозордара дар ноҳияи Мурғоб мавриди омӯзиши чандинсола қарор гирифтанд.

Дар шаҳраки Сайёд манзили шахси сарватманд таҳқиқ шуд, ки шакли мураббаъ дошта, масоҳати он 50 х 50 м-ро ташкил медиҳад. Ҳуҷраҳо дар чор тарафи ҳавлии 25 х 25 м қарор дошта, шумораи онҳо ба 40 адад мерасад. Аксари ҳуҷраҳо ва девори берунии онҳо гаҷкорӣ шуда буданд. Дар гаҷкориҳо санъати тасвирӣ, бахусус, тасвири ҷонварон (мор, парранда, моҳӣ) хеле васеъ истифода шудаанд. Ҳамчунин ҳар яке аз онҳо бо рангҳои хос оро ёфтаанд.

Машҳуртарин ёдгории асрҳои IX-XI ин димнаи пойтахти Хатлонзамин – шаҳри Ҳулбук мебошад. Таҳқиқот нишон доданд, ки қаср бо масоҳати 50 х 50 м аз ду қисмат – ҷанубӣ ва шимолӣ иборат аст. Қисмати ҷанубӣ нисбатан баландтар буда, дар он толори асосӣ бо тахти шоҳ, биноҳои кори амалдорон, масҷиди қаср ва дигар хонаҳои хизматӣ воқеъ мебошанд. Қисми шимолӣ аз ҳарамсарой, ҳуҷраҳои хизматгорон, саҳнаи мутрибон, ҳавзи қаср ва хонаҳои таъминоти хоҷагӣ иборат аст. Дар бунёди сохтмон бештар похса истифода шудааст, вале фарши хонаву толорҳо, даромадгоҳи қаср, майдону ҳавзи он аз хишти пухта бино шудаанд. Дар дохили қаср шабакаи густардаи бо об таъминкунии қубурӣ ва зерифаршии гармидиҳӣ вуҷуд дошт. Қалъаро аз берун ду қабат девори мустаҳками мудофиавӣ

иҳота менамуданд. Девор ва бурҷҳои доирашаклу чоркунҷаи он қисман аз хишти пухта сохта шудаанд ва қисман бо чунин хишт рӯйкаш гардидаанд. То имрӯз девори берунӣ хеле камтар, вале девори дохилӣ аксаран ба баландии 1-3,5 м маҳфуз мондааст. Даромадгоҳи қалъа аз тарафи офтобнишин буда, пештоқи онро ҳарфҳои калони аз гил пухташудаи катибаҳо оро медоданд.

Тарзи сохтмон ва ҷойгиршавии биноҳо бостоншиносонро ба хулосае оварданд, ки дар ин ҷо бинокорони хатлонӣ бештар суннати меъмории тоисломиро истифода кардаанд.

Бозёфтҳои зиёд аз қабили гаҷкориҳои мусаввар, деворнигораҳо, ҳунарҳои кулолӣ, шишагарӣ, заргарӣ ва ғайраҳо собит менамоянд, ки қасри Ҳулбук бо шаҳомат ва санъату ҳунари сокинонаш аз шаҳрҳои марказии давлати Сомониён – Бухоро ва Самарқанд мондание надошт.

Аз охири асри IX ба баъд, дар меъмории монументалӣ ба ҷойи хишти хом ва похса масолеҳи нави нисбатан мустаҳкам – хишти пухта истифода мешавад. Ин хишт зоҳиран зебо буда, имкон медод, ки ҳангоми чидан бино ба шаклҳои гуногуни нақшҳо ороиш шавад. Беҳтарин ёдгориҳои ин давра дар Тоҷикистон мақбараҳои Хоҷа Машҳад, Хоҷа Дурбод, Хоҷа Нақшрон, Муҳаммади Башоро, Масҷиди Сангин ва ғайра мебошанд. Аз охири асри XII дар ороиши мақбараҳо истифодаи кошӣ ба мушоҳида мерасад, ки намунаи аввалини онро мо дар мақбараи Муҳаммади Башоро дар ноҳияи Панҷакент мебинем. Намунаи нодиртарини кандакории чӯб, ки ба ин давра мансуб аст, сақфи масҷиди Ҳазрати Шоҳ дар ноҳияи Исфара мебошад. Ин ёдгории таърихӣ зиёда аз 800 сол дошта, то имрӯз арзиши таърихию фарҳангии худро нигоҳ доштааст.

Истилои муғул ва харобкориҳои он ба таназзули тамоми ҷабҳаҳои ҳаёти мадумони Осиёи Марказӣ оварда расонид. Аксари шаҳрҳо комилан несту нобуд гардида, илму фарҳанг, аз ҷумла санъати меъморӣ низ рӯ ба харобӣ овард. Бинобар ин аз асри XIII дар ин сарзамин тақрибан ҳеҷ ёдгорие боқӣ намондааст.

Асрҳои XIV- XV дар натиҷаи андаке суббот ёфтани вазъи шаҳрҳои Осиёи Марказӣ, бахусус Самарқанд, Бухоро, Истаравшан, Хуҷанд ва Кӯлоб рӯ ба тараққӣ оварданд. Санъати меъмории халқӣ асолати тоҷикии худро дар ин давра инкишоф дода, ба он тағйиротҳои ҷиддӣ ворид гардид. Хусусияти хоси меъмории ин давра он аст, ки бештар иншооти калонҳаҷм бо ороишоти зебо сохта мешуданд. Дар радифи мадрасаи Бибихонум, Гӯри Мир ва дигар иншоотҳо шаҳрҳои марказии императории темуриҳо, ҳамчунин, мадрасаи Абдулатиф Султонов (Кӯк Гунбаз) бо гумбази кабуди кошинкоришуда дар шаҳри Истаравшан, мақбараи Оқмазор дар ноҳияи Қубодиён, мақбараи Мир Сайид Алӣ Ҳамадонӣ дар шаҳри Кӯлоб, мақбараҳои Бобо Таға ва Сари Мазор дар шаҳри Ҳисор ва ғайраҳо дар ҳудуди Тоҷикистон қомат афрохтанд.

Ба ёдгориҳои мутааллиқи асри XVI мақбараи Мавлоно Яъқуби Чархӣ, ки аз хишти пухта сохта шудааст, дохил мешавад.

Таназзули минбаъдаи иқтисодӣ ва сиёсӣ дар Осиёи Марказӣ, ки сабабгори он ҷангҳои феодалии қабоили узбекҳо буд, ба санъати меъморӣ низ таъсири худро расонид. Сохтори биноҳо ҳаҷман хурд гашта, ороиш фақат дар иншоотҳои нисбатан бузург мушоҳида мегардад. Мақбараи Халифа Нурмаҳмад дар ноҳияи Кофарниҳон, Мадрасаи кӯҳна дар шаҳри Ҳисор ва ғайра ба ин давра мансубанд.

Асрҳои XVIII –XIX дар бисёр ноҳияҳои Тоҷикистон сохтмони қалъаҳо ва қасрҳои феодалӣ, масҷидҳо хеле ривоҷ мегиранд. Нишонаҳои онҳо Қалъаи Вамар дар ноҳияи Рӯшон, Қалъаи Панҷ дар ноҳияи Рошткалъа ва масҷиди Олим Додхоҳ дар шаҳри Панҷакент мебошанд.

Яке аз ёдгориҳои нодири асри XIX, ки дар Осиёи Марказӣ ҳамто надорад, ин Қалъаи Бешкент дар ноҳияи Бешкент аст. Ёдгорӣ мураббаъшакл буда, вусъати он 144 х 144 м мебошад. Дар дохили қалъа ба ғайр аз ҳуҷраҳои бек ва аҳли оилаи ӯ, инчунин даҳлез, чойхона, масҷид, зиндону саисхона низ мавҷуд буд. Масолеҳи сохтмон аслан аз хишти хом ва похса иборат аст. Деворҳои атроф бо манораҳои мудофиавӣ ва қисман ҳуҷраҳои қалъа то ҳанӯз боқӣ мондаанд.

Ёдгориҳои табиии Тоҷикистон амсоли мероси фарҳангию таърихӣ аз нигоҳи илмиву эстетикӣ ва аҳамияти таърихӣ як ҷузъи ҷудонопазири дастоварди маънавии халқи тоҷик маҳсуб мешаванд. Ҷумҳурии Тоҷикистонро осорхонаи зери осмони мусаффо меноманд, ки барои ин ҳама гуна асос мавҷуд аст.

Шаршараҳо, кӯлу дарё ва чашмасорони мусаффо, дараву горҳо, харсангу пиряхҳо, чаманистони зебоманзару обҳои маъданиву шифобахш, бешазорони сарсабзу водиҳои обшори нотакрор, нигораҳои арзишманди ин осорхонаи биҳиштосоянд.

Ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ ва табиии сарзамини тоҷикон тақрибан, пеши назар чунин ҳувайдо мешавад ва дар натиҷаи шиносоӣ бо онҳо роҷеъ ба саҳми ин мардуми кӯҳанбунёд дар рушди тамаддуни ҷаҳон, кам ҳам бошад, тасаввуроте пайдо кардан мумкин аст.

Маълум аст, ки ҳифз, эҳё ва эҳтироми таърих ва ёдгориҳои фарҳангӣ як заминаи боэътимоди бақои давлату миллат ва воситаи муҳими муаррифии дастовардҳои миллӣ

миёни ҷаҳониён мебошад. Бо дарки ин маънӣ ва бархӯрдорӣ аз таҷрибаи пешқадами кишварҳои ҷаҳон ҷиҳати ба маҳсулоти миллии туристӣ табдил додани дастовардҳои фарҳангӣ-таърихӣ ва табиии зарурати коркард ва татбиқи амалии барномаҳои миёнамӯҳлат ва дарозмӯҳлати давлатӣ вуҷуд дорад.

## 2.8. ҲИФЗ ВА ИСТИФОДАИ ЁДГОРИҲОИ ФАРҲАНГӢ-ТАЪРИХӢ ВА ТАБИӢ ДАР ФАЪОЛИЯТИ ОСОРХОНАҲО.

Осорхонаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли муассисаи махсуси пешбар бо мақсади амалӣ кардани вазифаҳои ҷамъоварӣ, ҳифзнамоӣ, илмию таҳқиқотӣ ва истифода аз ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ дар ҳаёти фарҳангии ҷомеа таъсис дода мешаванд. Дар соҳаи фарҳанг, илму маориф, тарбия осорхонаҳо вазифаҳои махсусеро ҳал менамоянд, ки ҷомеа пеши онҳо гузоштааст. Барои муайян кардани мавқеи осорхонаҳо дар ҷомеа дарки вазифаҳои иҷтимоии онҳо, ки аз самти фаъолияташон вобаста ба талаботи ҷомеа пеш меояд, зарур мебошад.

Барои ҳифз намудани ёдгориҳои фарҳангӣ-таърихӣ ҷои нигоҳдории онҳо ва бинои фонднигоҳдорӣ нақши муҳимро мебозад. Фонди осорхона бояд ба талаботи муайяни ҳифзу ҳимояи ёдгориҳо ҷавобгӯ бошад.

Нигоҳдорӣ – яке аз намудҳои асосии фаъолияти осорхонаҳо буда ташкили шароитҳои моддӣ ва ҳуқуқиро дар назар дорад ва таввасути онҳо нигоҳдории ёдгориҳои осорхона ва коллексияҳои осорхона таъмин мегардад.

Ёдгориҳои осорхона гуфта сарватҳои таърихию фарҳангиеро меноманд, ки сифат, таърих ва нишонаҳои махсус дошта, харидорӣ, ҳифз, омӯзиш ва ба омма пешниҳод намудани онҳо барои ҷамъият зарур мебошад.

Осори фарҳангӣ-таърихӣ ва ёдгориҳо ҷавҳари асосии танзимкунандаи фаъолияти осорхонаҳо ба ҳисоб меравад. Дар шароити имӯза осорхонаҳо аз паҳнгаштатарин муассисаҳои илмӣ ва маърифатӣ буда кори гирдоварӣ, омӯзиш, нигоҳдорӣ, ташвиқу тарғиби осори таърихию фарҳангӣ ва моддиву маърифатиро ба роҳ мемонад.

Паҳлӯи аз ҳама муҳимтарини фаъолияти осорхонаҳо – ин таъмини раванди ташаккули ҷаҳонбинӣ, шуурнокӣ ва маърифати ҷомеа ба ҳисоб меравад. Осорхона оинаи миллат аст, зеро кулли осори таърихию фарҳангии халқ, ки инъикосгари давраҳои гуногуни таърихию фарҳангии ҷомеа ба ҳисоб мераванд, маҳз дар осорхона ҳифз ва тарғиб карда мешавад. Аз тарафи дигар осорхонаҳо муассисаи илмӣ – фарҳангӣ Буда, дар доираи фаъолияти онҳо раванди бехдошти осори таърихию фарҳангӣ аз нигоҳи илм таҳқиқ мегардад ва паҳлӯҳои норавшани мероси фарҳангӣ дақиқ омӯхта пас он пешкаши ҷомеа мегардад. Осорхона бе таъмини раванди ҷамъоварии ёдгориҳои таърихиву фарҳангӣ амал карда наметавонад. Истифода аз ёдгориҳо дар раванди фаъолияти осорхонаҳо имкон медиҳад, ки осори таърихи гузаштаву имрӯза пешкаши мардум карда шавад. Мақсади асосии фаъолияти осорхонаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат аст аз:

- нигоҳдории ёдгориҳои осорхонаҳо ва коллексияҳои осорхонаҳо;
- пурра гардонидани ёдгориҳои осорхонаҳо бо роҳи харид;
- ташкил кардани экспозицияҳо;
- омӯзиши нигораҳои таърихию фарҳангии осорхонаҳо ва коллексияҳои онҳо;
- омӯзиш ва таҳқиқи осори ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ берун аз осорхонаҳо..

Ҳифз намудани ёдгориҳои фарҳангию таърихӣ яке аз самтҳои муҳимтарини фаъолияти осорхонаҳо мебошад. Таъмини татбиқи амалии ин раванд ба ҷамъ овардани осори фарҳангию таърихӣ пайвастагии зич дорад. Сонияи ҳар осорхона барои ҳифзи осори фарҳангию таърихӣ бояд шароити махсуси нигоҳдории ашёҳоро муҳайё намуда онҳоро зери назорати қатъӣ гирад. Дар ин раванд дуруст ба роҳ мондани корҳои нигоҳдории осори таърихӣ дар осорхонаҳо рисолати муқаддаси кормандони илмии он ба ҳисоб меравад. Айни ҳол на ҳамаи осорхонаҳо шароити мусоиди нигоҳдории арзишҳои таърихӣ – фарҳангиро доранд. Қариб дар ҳамаи осорхонаҳо шабакаи гармидиҳӣ аз фаъолият бозмондааст, ки ин барои фарсудашавии ёдгориҳо замина ба вуҷуд меорад, инчунин воситаҳои техникии танзимкунандаи ҳарорату ҳаво вуҷуд надорад ва ин дар кори ҳифзи осори фарҳангию таърихӣ мушкилиҳоро эҷод менамояд. Дар осорхонаҳо воситаҳо ва шароитҳои мавҷуд будаи тармими ёдгориҳои ютаърихи фарҳангию таърихӣ басанда нестанд. Зарурияти ташкили тармимгоҳ ва тарбияи тармимигарон хоса барои фаъолияти муваффақонаи осорхонаҳо ба миён омадааст. Айни ҳол аз нигоҳи мо чунин омилҳои рушди раванди ҳифзи ёдгориҳои фарҳангӣ-таърихӣ вуҷуд доранд:

- таҳкими пойгоҳи моддиву техникии марбут ба ҳифзу нигоҳдории ёдгориҳои осорхонаҳо;
- танзими услубҳои идоракунӣ ва бақайдгирии мероси фарҳангӣ-таърихӣ;
- истифода аз таҷхизоти муосири техникӣ;
- тармиму таҳкими таҷҳизоти осорхонавӣ (кондиционер, ҳавокашҳо, дараҷасанҷ…);
- тарбияи кадрҳои баландихтисоси соҳа;
- ба роҳ мондани алоқаҳои корӣ бо бостоншиносон, мутахассисони соҳаҳои гуногуни таъриху фарҳанг;

- бунёди муҳити мусоид барои муҳокимаи масъалаҳои ҳаёти фарҳангӣ ва дурнамои рушди фарҳанг;

- инкишофи нақши илм дар раванди навгониҳои фаъолияти муассисаҳои фарҳанг;

- боло рафтани фаъолият ва ташаббусҳои шаҳрвандон, бахусус наврасону ҷавонон барои иштирок дар ҳаёти фарҳангии кишвар;

- системаи пешқадами хизматрасонии фарҳангии кишвар;

- имиҷи диққатҷалбкунандаи муассисаҳои фарҳангу фароғат ва шаҳру деҳоти кишвар;

- истифодаи самараноки захираҳои мавҷуда дар соҳаи фарҳангу санъат (нерӯҳои эҷодӣ, иншоот, базаи моддӣ – техникӣ).

Ҷанбаи дигар ва ниҳоятдараҷа муҳими фаъолияти осорхонаҳо ин бунёди шароити мусоид ҷиҳати ҷалби ҳарчи бештари сайёҳон барои муаррифии дастовардҳои фарҳангӣ-тахрихии миллӣ маҳсуб меёбад. Таъмини ин раванд аз чигунагии муҳити меъмории осорхона, толорҳо, таҷҳизот, экспонатҳо, экспозицияҳо ва усулҳои муосиртарини пешниҳоди онҳо ба тамошобинон, дараҷаи тахассусии кормандон ва ғайра вобастагӣ дорад.

Тарҳи меъмории бинои осорхона бояд ифодакунандаи анъанаҳои меъмории миллӣ буда, толорҳои намоишӣ пайдарҳам ҷойгир ва якдигарро пурра созанд. Таҷхизоти муосири техникӣ, воситаҳои овозӣ, рангу рӯшноӣ, сабку услуби хоси экспозиционӣ ва маҳорати баланди роҳбаладӣ метавонад ба тамошобин таассуроти хуб боқӣ гузорад.

# БОБИ 3. ЗАХИРАҲОИ ФАРҲАНГӢ-ТАЪРИХӢ ВА ТАБИИИ ТОҶИКИСТОН

## 3.1. МАҚБАРАИ ШАЙХ МУСЛИҲИДДИН ВА ЁДГОРИИ ТАЪРИХӢ-МЕЪМОРИИ ҲАЗАРАТИ ШОҲ.

Ёдгории меъмориест, ки чун мақбараи Шайх Муслиҳиддин маъруф аст ва дар маркази шаҳри Хуҷанд, дуввумин шаҳри Тоҷикистон воқеъ дар шимоли кишвар ҷойгир шудааст.

Мақбара ба шарафи Муслиҳиддини Хуҷандӣ-шоир, ҳокими шаҳр номгузорӣ шудааст, ки дар асри XII зиндагӣ кардааст. Асари тарҷумаи- ҳолии ӯ бо номи «Манокиб» то ба мо омада расидааст. Аз рӯйи ривоятҳои мардумӣ, Шайх Муслиҳиддин шахси соҳибкаромот будааст. Пас аз вафот ӯ аввал дар Унҷӣ (дар атрофи Хуҷанд) гӯронида шуда, пас аз чанд вақт муридонаш турбати ӯро ба ин ҷо оварда, дар сари қабри ӯ мақбара бунёд кардаанд.

Мақбараи асри XII аз гӯрхонае, ки бо хишти пухта сохта шудааст ва сағонаи чӯбини кандакоришуда иборат аст. Дар давраи тохтутози муғулҳо ин мақбара вайрон карда шуд. Мақбара бори дуввум, ҳангоми бӯҳрони иқтисодии Мовароуннаҳр дар асри XIII ба харобӣ гирифтор шуд.

Дар асри XIV мақбара бо тарзи нав сохта шуд, ки он аз ду хона иборат буд, вале бо сабабҳои номаълум ин мақбара боз вайрон карда шуд.

Дар асри XVI дар ҷойи мақбара бинои наве сохта шуд, ки аз тарҳи пешина фарқ мекард. Ин бино таъиноти дигареро пайдо намуда, ба мақбара-хонақо табдил ёфт. Яъне мақбара ба биное табдил ёфт, ки дар он ҷо намозу маросим мегузориданд.

Баъдтар ин ёдгорӣ боз чандин маротиба аз нав сохта, борҳо таъмир шуд ва тарҳи Мақбара-хонақои асри XVI аз байн рафт.

Дар нимаи дуввуми асри XX дар бинои мақбара муддати дурру дароз осорхонаи таърихӣ-кишваршиносии вилоят ҷойгир буд. Солҳои 90-уми асри гузашта осорхона дар бинои мақбара корашро қатъ кард ва маводи намоиши он ба ҷойи дигар кӯчонида шуд.

Дар асри XIX дар шафати ин мақбара масҷиди бошукӯҳе бино ёфт, ки толорҳои зебо, айвонҳои серсутун, наққошиву кандакориҳояш то имрӯз қиммати худро гумм накардаанд. Дар байни ин ҳама ҷойи марказиро мақбараи Шайх Муслиҳиддин ишғол менамояд. Мақбара аз зиёратхона, гӯрхона ва ҳуҷраҳои зиёде иборат аст. Дар маркази он сағонаи чӯбини кандакорӣ маҳфуз мондааст.

Даромад ба ин маҷмаа озод аст.

Дар рӯ ба рӯйи маҷмааи мазкур, дар он тарафи майдон яке аз калонтарин бозорҳои пӯшидаи Осиёи Марказӣ – бозори Панҷшанбе воқеъ гаштааст. Бинои бозор бо усули миллӣ бунёд карда шудааст. Бозор ҳар рӯз аз пагоҳӣ то шаб кушода буда, дар он тамоми навъҳои меваю сабзавоти дар Тоҷикистон тӯидаро дарёфт кардан мумкин аст. Дар тамоми қаҳвахонаю чойхонаҳои дар атрофи бозор ҷойгиршуда ҳама вақт таомҳои бомазаи миллиро бо нархи арзон дастрас намудан мумкин аст.

**Ҳазрати Шоҳ**

Ёдгории таърихӣ-меъмории Ҳазрати Шоҳ дар қисмати шаҳри кӯҳнаи Истравшан воқеъ буда, аз се бино – мақбараи Ҳазрати Шоҳ, мақбараи Худоёри Валъамӣ ва масҷиди Ҳазрати Шоҳ (масҷиди Намозгоҳ низ мегӯянд) иборат аст. Мақбараи Ҳазрати Шоҳ дар гирди чашма ба шакли нимдоира ҷойгир шудааст.

Ҳазрати Шоҳ номи валӣ ё авлиёест, ки ин ҷо дафн шудааст. Мувофиқи ривоятҳои мардум, ӯ бародарзодаи Қусам ибн Аббос аст, ки дар асри XI дар мақбараи Шоҳи Зиндаи шаҳри Самарқанд дафн шудааст ва писари амаки пайғамбар Муҳаммад (с) ба ҳисоб меравад.

Дар гузашта дар паҳлӯи мақбара қабристони шаҳр, мадраса, қорихона ва нигорхона ҷойгир будааст. Мувофиқи маълумотҳои мавҷуда, дар 6 ҳуҷраи мақбара 12 хонандаи қуръон зиндагӣ мекардаанд, ки ҳамеша дар ибодату тиловат будаанд.

Дар назди мақбара чашмае вуҷуд дорад, ки оби он муқаддас ва шифобахш دониста мешавад. Тибқи ривоятҳо, оби чашма, пас аз он ки иммом Алӣ асои худро ба кӯли баландкӯҳи Ойкӯл (кӯли Ойдинкӯл, қаторкӯҳҳои Туркистон) партофт, аз пеши пойи Ҳазрати Шоҳ, ки дар Ӯротеппа гӯронида шуда буд, фаввора зад.

Дар паҳлӯи мақбара пештар майдони бозор воқеъ будааст, ки дар рӯзҳои иди Рамазон ва иди Қурбон сокинони шаҳр ва деҳоти гирду атроф ин ҷо барои намози ид ҷамъ меомадаанд. Номи масҷид ва маҳаллаи шаҳр Гузари Намозгоҳ аз ҳамин ҷо пайдо шудаст. Пас аз адои намоз дар қарибии мақбара иди умумихалқӣ бо савдои идонаву хурӯсҷанг, гӯсфандҷанг, бедонаҷанг, асптозӣ, дорбозӣ ва гӯштингирӣ доир мегаштааст.

Ба ақидаи олимон, таърихи мақбараи Ҳазрати Шоҳ чунин аст. Ҳанӯз то барқарории Ислом чашма дар байни аҳолии таҳҷойӣ ҳамчун манбаи зиндагӣ муқаддас ҳисобида мешуд. Баъдан, пас аз қабули Ислом дар назди чашма қабри ходими соҳибкироми динӣ пайдо шуд (мазор). Баъдтар ба ин қабр мақбара сохта шуд – мақбараи якхона, сипас духона ва боз баъдтар бино шакли ҳарфи «Г»-ро гирифт. Дар асрҳои XVII-XVIII ба мақбара боз айвону сутунҳои чӯбин ҳамроҳ карда шуд.

Мақбара - дахмаҳое, ки болои қабрҳо бино карда мешуданд, яке аз ёдгориҳои меъмории аҷиб дар Осиёи Марказӣ ба шумор меравад ва асосан дар ҷое сохта шудааст, ки қисми асосии аҳолӣ мусулмононанд. Сухан дар бораи он меравад, ки мувофиқи таълимоти ислом дар сари қабри мусулмони обид, мӯъмин, боимон набояд ягон бино ва ё хонае сохта шавад. Ҳатто пайғамбар Муҳаммад (с) васият карда буд, ки дар куҷое вафот кунад, он ҷо гӯронанд ва ягон ёдгорие сари қабри ӯ нагузоранд. Олимон бар он ақидаанд, ки сохтмони мақбараҳо ба урфу одатҳои тоисломии мардум вобастагӣ дорад ва он ҳама аз динҳои пешина омадаанд, ба мисли бунёди иборатхонаҳо, маъбадҳои оташ ва амсоли ин.

Вобаста ба ин бозёфти соли 1940, ки дар наздикии мазор, аз дахма пайдо карда шудааст, ҷойи дафн ва ё қабрҳо ёфта шудааст, ки хеле мароқангез аст. Дар ин ҷо якчанд қабри занҳо ёфт шуд ва яке аз ҷасадҳо мумиё карда шуда буд. Аз ҷасад тамоми узвҳои дарунӣ гирифта, шикам ва дигар узвҳо бо матоъ пур карда шудааст. Матоъ бо маводи кимиёвӣ, ки онро аз пӯсидан нигоҳ медорад, тар карда шудааст. Воситаҳои мумиёкунанда чунон бақувват будаанд, ки мумиё ва ҳатто кафан бо вуҷуди шароити бади мавҷуда барои нигоҳ доштани ҷасад вайрон нашудааст.

Ҷасади бозёфтаи мумиё кардашуда аз ҷиҳати усули кушодани ҷасад, воситаҳо ва усули мумиёкунии ҷасад аҳамияти калони илмӣ дошта, далели бозёфт гувоҳи сатҳи баланди тараққиёти Осиёи Марказии асримиёнагӣ дар соҳаи илми кимиё ва тиб ба шумор меравад.

Ҳар як бинои маҷмааи Ҳазрати Шоҳ дар вақтҳои гуногун сохта шуда, таърих ва таъиноти хос дорад.

Вақти бунёди мақбара ва биноҳои он дақиқ маълум нест. Гурӯҳе аз олимон оғози сохтмони мақбараро ба асри X- XI мансуб медонанд. Далели ин гуфтаҳо ҷойгиршавии мақбара

дар назди чашма, баъзе монандиҳои тарҳкашии мақбара ба мақбараи Шоҳи Зинда, хусусиятҳои муайяни нақшаи меъморӣ, шабоҳат доштани деворҳои ғафс ва борики иморат, мавҷуд будани долонҳост.

Гурӯҳи дигари олимон таърихи бунёди мақбараро ба асри XVIII мутааллиқ медонанд.

Имрӯз ҳақиқати ҳолро муайян кардан хеле душвор аст, зеро дар тӯли гузашти солҳо бинои мақбара борҳо вайрон ва аз нав сохта шудааст, тарҳи худро дигар кардааст, қисме аз чӯбҳои он рабуда ва ё ба ҷойи ҳезум истифода гардидааст. Илова бар ин, бино солҳои сол аз рӯйи таъиноти худ истифода нашудааст. Солҳои дароз ҳамчун анбори заводи консервабарорӣ истифода гардидааст.

Мақбара дар натиҷаи корҳои тармиму таҷдид тарҳи имрӯзаашро пайдо кардааст.

Ҳоло мақбараи Ҳазрати Шоҳ шакли бинои хиштии дугунбаза дорад, ки аз тарафи шарқ пештоқи чуқури холие онро зиннат медиҳад.

Бинои мақбараи Худоёри Валъамӣ дахмаи якпештоқдори салибмонанд аст. Тарҳи берунии он хеле оддӣ буда, орӣ аз ҳар гуна нақшу нигор ва санъати меъморист.

Масҷиди ҷомеи Намозгоҳ (Ҳазрати Шоҳ) бинои серсутунест барои ба ҷо овардани намозҳои идона. Тамоми сақфи чӯбин, равоқ, сари сутун бо навиштаҷоти хушхат, бо рангҳои сабз, кабуд ва сурх оро ёфтааст. 28 сутуни чӯбини айвон кандакорӣ шудааст. Имрӯзҳо мақбара зиёратҷойи аҳолии таҳҷойи ба шумор меравад. Ҷиҳати ба объекти туристӣ табдил додани ёдгориҳои зикргардида пеш аз ҳама мақомоти маҳаллӣ бояд кори тармиму нигоҳдорӣ, эҳёи анъанаҳои марбут ба ёдгориҳоро дар гирду атроф таъмин намуда, тарғибу ташвиқи ин дастоварди фарҳанги меъмории миллиро ба роҳ монанд.

## 3.2. ШАҲРИ ҚАДИМАИ ПАНҶАКЕНТ.

Шаҳри қадимаи Панҷакент дар гирду атрофи шаҳри имрӯзаи Панҷакент ҷойгир буда, ёдгории беназири асримиёнагии наздик ба ҳисоб меравад. Дар асрҳои V – VIII он аз ҳама шарқитарини шаҳрҳои Суғд – давлати қадима дар Осиёи Марказӣ ба шумор мерафт, ки аҳолиаш танҳо суғдиҳо будаанд, бо яке аз забонҳои шарқии эронӣ ҳарф мезаданд ва гузаштагони тоҷикон маҳсуб мешуданд.

Дар чаҳоряки авали асри VIII ин ҷо маркази мулки князӣ ба ҳисоб мерафт ва ҳокими охирини он Деваштич бо ҳокими умумисуғдӣ рақобат намуда, даъвои ҳукмронии Самарқанд – пойтахти Суғдро дошт.

Деҳоти суғдӣ дар ҳудуди тамоми Шоҳроҳи бузурги абрешим – аз Византия то ба Чин воқеъ буд. Дар асрҳои VI– VIII суғдиҳо дар тиҷорати байни Чин ва Аврупо, байни қабилаҳои шикорчии Урали Шимолӣ ва сокинони империяҳои бузурги Эрон ва Византия миёнарав буданд. Суғдиён ба ҳайси аскарҳои кироя дар артиш ва лашкарҳои давлатҳои дигар хидмат мекарданд. Онҳо чаҳони он вақтаро медиданд, медонистанд, бо тамаддун ошноӣ доштанд, вале худашон давлати ягона ва бузурге бунёд накарданд. Давлати онҳо ихтилоти шаҳр-давлатҳои на он қадар калонро ташкил медод, ки яке аз онҳо Панҷакент, охирон шаҳр дар сари роҳи Самарқанд ба сӯйи Кӯҳистон буд. Ҳокими шаҳр ва ноҳияҳо, ки зери тасарруфи ӯ буданд, дар ҳолати хеле хуб ва афзалиятнок қарор доштанд. Зеро ҳар як корвон ва ё ҳайвони боркаш аз кӯҳсор ба тарафи Самарқанд ва ҳангоми бозгашт ба Панҷакент ҳатман аз ҳудуди он мегузашт.

Шаҳри Панҷакент дар маълумотномаҳои муаррихони араб ва арабизабон оид ба истилои араб дар Осиёи Марказӣ на як бору ду бор зикр шудааст. Бо номи

Деваштич рафтани панҷакентиҳо ба кӯҳ, ки дар наздикии қалъаи Муғ ҷанги ҳалкунанда бо арабҳо доир гашт, сахт марбут аст. Панҷакенттиҳо дар ин муҳориба шикаст хӯрданд, Деваштич асир афтод ва баъдан бар иншооти қабр чормех зада ба ҳалокат расонида шуд.

Худи шаҳр ҳам баъд аз сари ҳокими охиринаш пойдор намонд. Шаҳри Панҷакент, ки аз қалъаи мустаҳкам ҳоким (куҳандиз ё сирк), худи шаҳри аҳолинишин (шаҳристон), атрофашро деворҳои баланди мустаҳкам иҳота намуда, манораҳои зиёд дошт, маҳалҳои аҳолинишини атроф (работ), қабристони калон ва дахмаҳои хурди гилин, ки ба даруни онҳо ҷасадҳои фавтидагон гузошта мешуд, иборат буд. Панҷакент пас аз марги Деваштич барҳам хӯрд ва сокинони боқимондаи он бошанд, шаҳрро тарк карданд. Арабҳо ба Суғд исломро оварданд. Дар асрҳои VIII –X ба тамоми масоҳати Суғд дини ислом ва забони форсии (тоҷикӣ) паҳн шуд.

Харобаҳои Панҷакенти Қадим ҳанӯз дар асри XIX диққати муаррихону бостоншиносоро ба худ ҷалб карда буд, вале танҳо соли 1946 кофтукови ҳафриётӣ оғоз гардид ва то имрӯз идома дорад, ки ин амал қариб ними шаҳри қадимаро дар бар мегирад. Арки алоҳида бо қасри Деваштич, ки дар теппа ҷойгир аст, ду маъбад бо ҳавлиҳои калон дар маркази шаҳр, ҳашт кӯчаи асосӣ ва даҳ паскӯча, биноҳои калон, чорсӯҳо, бозорҳо, дӯконҳо, дӯконҳои ҳунармандон, деворҳои қалъа, биноҳои ду ва сеошёна кофта бароварда шудаанд.

Тазоди байни қудрати меъмории тарҳи сохтмон ва истифодаи маводи оддии сохтмон, мисли похса ва хишти хом, ки иншоот аз онҳо бунёд шудааст, касро дар ҳайрат мегузорад. Ҳар як соҳиби хона, ки каме ҳам имконият дошта бошад, хонаи худро зебу зиннат додааст: болор,

боша ва посутунҳо кандакорӣ шудаанд, деворҳо нақшу нигор доранд.

Асарҳои нотакрори санъат, ки аз Панҷакенти Қадим ёфт шудаанд, имрӯзҳо толорҳои осорхонаҳои зиёдеро, аз ҷумла толори осорхонаи машҳур – Эрмитажро дар Санкт-Петербург (Русия) оро медиҳанд.

Дар байни ёдгориҳои фарҳангие, ки аз Панҷакенти Қадим ёфт шудаанд, санъати тасвирӣ мақоми хоса дорад. Деворҳои биноҳо ҳама мунаққашанд. Ҷолиби қайд аст, ки бо вуҷуди зиёда аз 1300 сол дар таги вайронаҳо хобидан дар деворҳои аз хишти хом сохташуда, баъзе осорҳои нақшу нигор ҳифз шудаанд. Дар нақшу нигори Панҷакенти Қадим асосан рангҳои елимдор бо рангҳои минералӣ истифода шудаанд. Рангҳои рустанӣ (индиго ва марена) хело кам истифода шудаанд.

То имрӯз чандин хона кушода шуданд, ки деворҳояшон мунаққашанд. Сюжет ва мавзӯъҳои наққошони панҷакентӣ гуногунанд: маросимӣ ва қаҳрамонӣ, фолклорӣ ва мавзӯӣ. Аз ҷумла, тасвири ҷирмҳои осмонӣ (офтоб, моҳтоб, сайёраҳои дигари даври офтоб), таҷассуми маросимҳои гузаштагон, оббозӣ ва тасвири худоён ва амсоли ин. Як қатор сюжетҳо бо қаҳрамонони достонҳои «Шоҳнома» алоқамандӣ доранд. Ин – Сиёвуш, Рустам ва аспи ӯ – Рахш, Сӯҳроб – писари Рустам, занону ҷавонони рӯҳияи ҷанговарона дошта ва амсоли ин.

Сюжетҳои жанрӣ манзараҳои корзор, саҳнаҳои иду маросим, шикор, муҳорибаҳои тан ба тан, навохтани ҳар гуна асбобҳои мусиқӣ, бозии нард, рақс,тақсимоти ҳосил ва дигарҳоро таҷассум мекунанд.

Дар давраҳои тоисломӣ кандакории чӯб низ мисли нақшу нигори девор яке аз навъҳои маъмули санъат ба шумор рафта, ба авҷи камолот расида будааст. Чӯб ки дар шароити заминҳои ҷангалзори намнок умри дароз надорад

ёдгориҳои кандакории чӯб дар Панҷакенти Қадим маҳз ба туфайли сӯхторҳо ҳифз гардида, то замони мо омада расидаанд.

Боқимондаҳои чӯби кандакоришуда аз биноҳое ёфт шудаанд, ки аз забонаи оташ ба ангишт табдил ёфтаанд ва дар натиҷаи ба болои онҳо афтидани боми хонаҳо то ба охир насӯхтаанд.

Кандакории чӯб дар Панҷакент бо ду тарзи эҷоди бадеӣ вомехӯрад – кандакорӣ ва пайкарасозӣ.

Боқимондаҳои ҳайкалу муҷассамаҳои азими гилӣ нисбат ба нақшу нигори деворӣ ва кандакорӣ дар Панҷакент хеле кам дарёфт карда шудаанд.

Муҷассамаҳои гилӣ асосан хоси биноҳои маъбад, аз рӯйи мазмун хоси ибодатгоҳ ба шумор мераванд. Дар Панҷакент навиштаҷоти зиёде бо забони суғдӣ – забони модарии сокинони шаҳр, ёфт шудааст. Ин навиштаҷот асосан дар зарфҳои сафолӣ, сангҳо ва деворҳои биноҳо ҳифз гардидааст.

Тангаҳои дар Панҷакент ёфтшуда аҳамияти хосае доранд. Аксари ин тангаҳо дар Самарқанд бароварда шудаанд, ки он ҷо шоҳони тамоми Суғд – ихшидҳои суғдӣ ҳукмфармоӣ мекарданд. То ин дам чанд ҳазор танга ҷамъ оварда шудааст, ки ин қадар пул дар ягон ҷойи дигари Осиёи Миёна ёфт нашуда буд. Ба ғайр аз ин, ҳангоми ҳафриёт тангаҳои мулкҳои майдаи суғдиҳо низ ёфт шудаанд, ки байни онҳо тангаҳои ҳокимони Панҷакент низ вомехӯрад. Дар як тарафи танга аломатҳои авлодӣ, рамзҳои ҳукмронон тасвир карда шудаанд. Дар тарафи дигар бо навиштаҷоти суғдӣ ном ва унвони шахси тангабароранда сабт шудааст.

Бозёфтҳои зиёд дар Панҷакенти Қадим гувоҳӣ медиҳанд, ки суғдиён бо дастовардҳои тамаддуни бузурги замони худ хеле хуб ошноӣ доштаанд: дар ҳунару санъати онҳо

хусусиятҳои санъати юнонӣ, эронӣ ва ҳиндӣ мушоҳида карда мешавад. Илова бар ин, санъати суғдӣ услуби хос ва нотакрор дошт. Дар нақшу нигори суғдӣ адабиёт, эҷодиёти даҳонии халқ, расму русуми суғдиҳо таҷассум ёфтааст, ки то оғози ҳафриёт дар Панҷакент қариб ҳеҷ чиз маълум набуд. Шаҳри Панҷакенти Қадим метавонад яке аз мавзеъҳои ҷҷолибу диданӣ барои сайёҳони ватанию хориҷӣ бошад.

## 3.3. Мамнӯъгоҳи таърихӣ ва фарҳангии Ҳисор

Водии Ҳисор – пастхамии фарохест, ки атрофашро кӯҳҳо ҳалқавор печондаанд.Водӣ ба 72 км тӯл кашида, васеъгиаш аз 2 то 18 км-ро ташкил медиҳад. Аз ҳудуди он дарёҳои Кофарниҳон, Қаратоғ ва Ширкент ҷорӣ мешаванд. Дар ин мавзеъ ҳанӯз дар асри сангин, дар ҳазораҳои IV – III то мелод одамон сукунат доштанд. Баъдтар, масоҳати водӣ ба ҳайати давлати Бохтариён, пас аз он ба давлати Бохтару Юнон ва Кушониён шомил буд. Дар ин хусус бозёфтҳои зиёди археологӣ шаҳодат медиҳанд. Дар натиҷаи корҳои ҳафриёт боқимондаҳои шаҳру деҳаҳои қадимаи дар шакли теппаҳои доирашакл ва росткунҷаи ба тариқи сунъӣ бунёдгардида ёфт шудаанд. Ба ғайр аз ин дигар ёдгориҳои археологӣ-мадраса, масҷид, қабрҳо, боқимондаҳои каналҳо барои обёрӣ ва амсоли инҳо маълуманд.

Дар асрҳои миёна Ҳисор аллакай шаҳри машҳур дар Шарқи Миёна ҳисоб меёфт ва бо маҳсулоти ҳунармандӣ ва маркази ғании тиҷоратӣ машҳур буд. Бекигарии Ҳисор яке аз 28 мулки Аморати Бухоро ба шумор мерафт. Дар аввали асри XX Ҳисор дар ҳолати таназзул қарор дошт.

Ҳоло дар ҷойи шаҳри қадим ёдгориҳои меъморӣ ва археологии давраҳои гуногун боқӣ мондаанд, ки масоҳати 86 гектарро ишғол менамоянд.

Маҷмааи меъмории хусусияти нотакрори атрофи Қалъаи Ҳисор басо диққатҷалбкунанда аст. Дар ин ҷо қасри волии Бухорои Шарқӣ, яке аз бекҳои бонуфузи Аморати Бухоро вуҷуд дошт.

То замони мо аз истеҳкоми берунии қалъа танҳо дарвозаи аз хишти пухта сохташуда бо ду бурҷи силиндиршакл, ки дар байни онҳо аркаи равоқӣ ҷойгир аст, боқӣ мондааст. Нишебии тепа, ки дар он қалъа воқеъ буд, замоне дар шакли суфаи хиштин сохта шуда буд. Ҳоло суфаҳо ва зинапояҳои ҳар ду тараф, ки ба дарвоза мебурд, вайрон шудаанд. Аз рӯйи шакл, хусусиятҳои офариниш дарвозаи Қалъаи Ҳисор ба аксари дарвозаҳои Бухорои асрҳои XVIII- XIX шабоҳат дорад.

Яке аз биноҳои каму беш ҳифзшуда бинои Мадрасаи кӯҳнаи асрҳои XVI – XVII аст, ки он гунбазу арк ва ҳавлии васеъ дошт ва дар он ҳуҷраҳо ва китобхона мавҷуд буд. Бинои дигар Мадрасаи Нав аст, ки дар асрҳои XVII – XVIII бунёд гардида, ҳоло аз он танҳо намои дуошёна боқӣ мондааст. Баъдҳо ҳамаи маҷмааҳои меъморӣ, ки бо баъзе хусусиятҳояшон маҷмааҳои меъмории Бухоро ва Самарқандро ба ёд меоварданд, тармиму таҷдид карда шуданд ва имрӯз ба назари бинанда дар шакли ба сохти аввалаашон наздик ҷилвагар мегарданд. Дар оғози асри XX дар Мадрасаи кӯҳна аз 100 то 150 толибилм таҳсил мекарданд. Дарсҳо дар мадраса соли 1921 қатъ гардиданд.

Дар ҷануби мадраса мақбараи Махдуми Аъзам (асри XVI – XVII) воқеъ аст. Маҳдуми Аъзам ном набуда, балки тахаллус, лақаб ва ё унвон аст. Зеро дар ҳудуди Осиёи Марказӣ чандин мақбараҳо бо ин ном мавҷуданд, ки аксари онҳоро ба ходимони давлативу динӣ мансуб медонанд. Ҳарчанд дар бораи ин мақбараи Ҳисор фарзияву тахминҳо хеле зиёданд, муҳаққиқон бояд муайян кунанд, ки дар он мақбара мушаххасан кӣ дафн карда шудааст.

Боз як ёдгории ҷолиби ин ҷо масҷиди гунбаздори Сангин аст, ки дар асрҳои XII – XVI бунёд гардидааст. Номи масҷид аз он бармеояд, ки деворҳои он то ними баландиаш аз санг сохта шудаанд. Хусусияти беназири ин иншоот мавҷуд будани чор акскунандаи садо дар зери зергунбазҳо дар шакли кӯзаҳои сафолии бетаг, ки ба қабати хиштҳо васл карда шудаанд, мебошад. Чунин воситаи бозтоби садо барои баланд бардоштани сифати акустикии овози бино, ки он ҷо ибодат мекарданд, ваъз мегуфтанд, пешбинӣ шудааст.

Боз як иншооти дигар дар ҳудуди маҷмаа корвонсаройи «Хиштин» аст. Дар назари аввал чунин менамояд, ки ин иншоот хусусияти муҳиме надорад. Вале дар асл иншоот қобили таваҷҷӯҳ аст. Корвонсарой дар асрҳои XVII – XVIII бино ёфта, аз он танҳо пойдевор ва девори якметраи харобгардидаи хишти пухта боқӣ монда буд. Дар оғози кори барқарор кардани бино дар дасти тармимгарон сурати ягонаи соли 1913-и корвонсарой мавҷуд буду халос. Мутахассисон ин расм ва ҳуҷҷатҳои дигарро, ки дар он ин иншоот тасвир шуда буд, пурра омӯхта, ба кор шурӯъ намуданд.

Мардум дар бораи Қалъаи Ҳисор ривоятҳои зиёд нақл мекунанд. Аз ҷумла, қаҳрамони абадзиндаи «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ – Рустам ва Афросиёб ёд мешаванд, ки гӯё ҷанги байни онҳо дар ҳамин ҷойҳо ба вуқуъ пайвастааст. Аз рӯйи ривоят, Қалъаи Ҳисор аз тарафи Афросиёб барои ҳимоя аз Рустам бунёд карда шудааст.

Ривояти дигар чунин аст, ки гӯё халифа Алӣ бо аспи худ Дул-дул барои тарғиби ислом омадааст ва дар кӯҳе, ки имрӯз номи «Пойи Дул-дул» дорад, қарор гирифтааст. Кӯҳи Пойи Дул-дул дар тарафи ҷануби Ҳисор ҷойгир шудааст. Алӣ аз кӯҳ то ба қалъа арғамчин кашид ва дар зери ниқоби дорбоз ба қалъа даромад, вале ин ҷо шинохта шуд ва асир афтод. Барои аз асорат раҳоӣ ёфтан Алӣ аспи худро ба ёрӣ

чеғ зад, ки он шамшери Зулфиқорро ба Алӣ овард. Бо ёрии ин шамшери ӯ тамоми душманон , аз ҷумла, ҷодугари бадкорро, ки он замон қалъаро соҳибӣ мекард, несту нобуд намуд.

То ба Мамнӯъгоҳи таърихию фарҳангии Ҳисор, ки осорхонаи кушод ҳисобида шуда, дар он далелҳои бисёрасраи таърихӣ ва фарҳангии халқи тоҷик ҳифз карда мешавад, ба воситаи нақлиёти ҷамъиятӣ аз Душанбе то шаҳраки Ҳисор ва сипас пиёда ва ё бо таксӣ рафтан мумкин аст.

Дар назди қалъа, дар сояҳои ду чинори бузург, ки аз 500 то 700 сол умр дорад, чойхона ҷойгир аст ва шумо метавонед хӯрокҳои миллиро чашед ва бо чойи кабуди хуштаъм ташнагиатонро шиканед.

## 3.4. МАЪБАДИ БУДДОИИ АҶИНАТЕППА.

Аҷинатеппа («Теппаи шайтонҳо», «Теппаи албастӣ», «Теппаи деву иблис») – чунин номидаанд аҳолии ин макон ҷойи ба назар нонамоёнеро, ки аз се тараф заҳбурҳои обпарто иҳота карда, пуштаи нимҳамвораш ба теппаю чуқуриҳои хорзор табдил ёфтааст.

Соли 1959 бостоншиносон корҳои азназаргузаронии аввалияро иҷро карда, ба хулосае омаданд, ки ин на танҳо теппа ва пуштаҳои бешакли заминӣ, балки боқимондаҳои ким – кадом иншооти қадими шакли чоркунҷа дошта аст ва аз ду қисми мураббаи баробар иборат аст, ки бо садди хокӣ аз ҳам ҷудо мешавад.

Соли 1961 дар ин мавзеъ корҳои ҳафриётӣ оғоз гардида, чанд сол идома ёфт. Аз қаъри замин зиёда аз якуним ҳазор ёдгории фарҳангӣ: ҳайкалчаҳо, расмҳои деворӣ ва пораҳои он ёфт шуданд. Дараҷа ва ҳолати ҳифозати ин бозёфтҳо гуногун буда, баъзеи онҳо ба пуррагӣ ҳифз гардида, аксари

боқимонда пора-пора шудаанд. Дар натиҷаи ҳафриёт маълум шуд, ки вайронаҳои Аҷинатеппа маҷмааи ягонаи биноҳои истиқомат ва фарҳангии маъбади буддоии асрҳои VII- VIII будааст.

Даромадани равияи буддоӣ ба Осиёи Марказӣ ва мавҷудияти маъбади буддоӣ дар ин ҷо дар сарчашмаҳои хаттии чинӣ ва арабӣ тасдиқ шудааст. Аз ҷумла, Абӯрайҳони Берунӣ қариб ҳазор сол муқаддам навишта буд: «Дар замонҳои қадим дар Хуросон, Форсу, Эрон ва Мосул то ба ҳудуди Сурия дини буддоиро парастиш мекарданд, то замоне ки зардуштӣ аз Озарбойҷон паҳн ва дар Балх маздоизм парастиш нашуд».

Ақидаҳое ҳастанд, ки таърихи мавҷудияти буддоияро дар Осиёи Марказӣ «...аз замони шоҳигарии Юнону Бохтар ҳисоб бояд кард, ҳарчанд маълумот дар бораи таълимоти Буддо ва шояд тарафдорони алоҳидаи буддоизм ба ин ҷо хеле пештар, дар давраи Ҳахоманишиҳо омада бошанд».

Маъбад дар Аҷинатеппа масоҳати 50 х 100 метрро ташкил дода, аз ду қисм иборат буд (мавзеи маъбад ва мавзеи дайр). Ду ҳавлии чоркунҷаи бо биноҳо иҳоташуда ва деворҳои мустаҳкам (2,4 м ғафсиаш) дошт. Дар маркази ҳар яке аз биноҳо ҳавлие буд, ки ба сӯйи маъбад мебурд. Дар яке аз ҳавлиҳо теппагии калон (иншооти ёдгорӣ барои ҳифзи муқаддасот ва ишораи ҷойи муқаддас) вуҷуд дошт. Ин теппагӣ суфамонанд ва салибу ситорашакл буд. Ҳар кадоми чаҳор намо зинаҳо дошт. Дар кунҷҳои ҳавлӣ теппачаҳои хурди ба теппагии калон монанд вуҷуд доштанд.

Дайр хеле оро дода шуда буд. Девору токҳо пур аз расму нақшу нигор буданд. Дар деворҳо токҳое сохта шуда буданд, ки дар он ҷо ҳайкалу ҳайкалчаҳо гузошта мешуданд. Дар байни ҳайкалу ҳайкалчаҳои Аҷинатеппа ҳайкали образи Буддо ҷойи асосиро ишғол мекард.

Дар баландии ин ҷойи муқаддас ҳайкали азими Буддои нишаста ҷойгир шуда буд. Дар яке аз долонҳо, дар пояи паст ҳайкали азими гилини Буддо, ки ба тарафи рост хобидааст (дарозиаш 13,5 м) гузошта шуда буд. Ин Буддо дар ҳолати оромӣ (нирван) аст. Нирван дар фалсафаи буддоӣ ҳолати комили рӯҳӣ, ҳолати комил ва бехалали оромию осоиш аст.

Пас аз бозёфти Буддои гилин, соли 1966 барои ҳайкал умри дубора сар шуд. Ҳангоми кофтуков танҳо қисмати поёнии ҳайкал, ки ба пуррагӣ ҳифз шуда буд, дарёфт гардид. Қисми болоии ҳайкал бошад сахт осеб дида буд. 72 пораи ҳайкал дар алоҳидагӣ бозёфт гардид. Аз худи ҳамон сол меҳнати тоқатфарсои тармимгарон барои пораҳои ёфтшударо ба ҷояш часпонида, симои пайкараро барқарор намудан оғоз гардид, ки он то соли 1978 давом ёфт. Баъд танаффуси тӯлоние дар ин кор ба вуқӯъ пайваст ва он то соли 2000 давом кард. Ҳамон сол қарор доданд, ки тармими ҳайкал идома ёбад, пораҳои мавҷуда часпонида ва ҳайкал ба пуррагӣ барқарор гардад. Ниҳоят, моҳи сентябри соли 2001, чанд моҳ қабл аз он, ки толибон ҳайкали азими Буддоро дар Бомиён таркониданд, корҳои тармим бомуваффақият ба анҷом расонида шуд. Имрӯз ҳайкали Буддо дар ҳолати осоиш, ки аз Аҷинатеппа ёфта шуда буд, дар Осорхонаи миллии бостоншиносии Тоҷикистон, дар шаҳри Душанбе ба намоиш гузошта шудааст. Он яке аз калонтарин ҳайкалҳои Буддо ба шумор меравад, ки дар ҳудуди Осиёи Марказӣ ёфта шудааст.

Бояд қайд кард, ки тасвири ҳайкали ростистодаи Буддо дар Аҷинатеппа ёфт нашудааст. Аҷиб аст, ки дар ҳайкалҳои Аҷинатеппа тарзи ороиши мӯйи сари Буддоҳо хеле гуногун аст.

Дар байни ҳайкалҳои аз Аҷинатеппа ёфтшуда ҳайкали бодхисатв (санскрит: он ки ҷавҳараш равшанӣ аст) низ

вуҷуд дорад. Назар ба ҳайкалҳои Буддо хурдтар будани онҳо далели он аст, ки объекти асосии парастиш Буддо буда, бодхисатв мавқеи дуюмдараҷаро ишғол мекардааст.

Дар пораҳои ҳайкалҳои Аҷинатеппа тасвири мавҷудияти азозилӣ дар шакли махлуқи аъҷуба ва ё девмонанд бо даҳони кушоду чашмҳои кофта, ё ниқобҳое, ки бо рангҳои дурахшон оро дода шудаанду дандонҳо аз ду тараф баромада низ зиёд вомехӯранд. Мумкин аст, ин гуна ҳайкалҳо барои тарсонидани душманони будпарастон истифода бурда мешуд.

Дар ороиши дохили бино тасвири ҷонзодҳои одаму ҳайвоншакл бештар вомехӯрад: тасвири ҳайвонот (буққа), паррандаҳо (мурғобӣ, тазарв) ва ҳамчунин тасвирҳое, ки мавзӯъҳои гуногунро (гулу гулбаргҳои ба тарзи аҷоиб печида, нақшҳои геометрӣ) инъикос мекунанд, ба назар мерасад.

Аҷинатеппа дар бораи санъати буддоии Тахористон маълумоти пурра медиҳад, зеро дар ин ҷо ҳам ёдгориҳои таърихӣ ва ҳам наққошию ҳайкалтарошӣ ёфт шудаанд. Сарчашмаи мактаби санъати тахористонӣ-буддоиро дар Ҳиндустон ва Бохтар ҷустан лозим аст. Аз ин рӯ гуфтан мумкин аст, ки Аҷинатеппа намунаи ба ҳам омадани фарҳанги ҳиндию буддоӣ ва осиёимарказӣ, инчунин таъсири мутақобилаи онҳо дар пурра кардани ҳамдигар ба шумор меравад.

Имрӯзҳо барои идомаи корҳои таҳқиқотӣ ва ҳафриётӣ дар Аҷинатеппа нақшаҳо кашида шудаанд. Ин барномаи байналхалқӣ аст, ки онро ЮНЕСКО, Вазорати фарҳанг ва Институти таърих, археология ва этнографияи Академия илмҳои Тоҷикистон якҷоя бо Хазинаи ҷопонӣ оид ба ҳифзи мероси фарҳангии ҷаҳонӣ амалӣ хоҳанд кард.

Дар мавриди худ таъмиру тармими ёдгории Аҷинатеппа бо назардошти таъмини ҷолибияти он барои сайёҳони

ватанию хориҷӣ ва бунёди инфрасохтори рушдкарда дар он ба манфиати пешрафти туризм дар Тоҷикистон хоҳад буд.

## 3.5. ТАХТИ САНГИН «МАЪБАДИ ОКС»

Соли 1877 дар соҳили рости Амударё, ки онро об шуста буд (дар замонҳои антиқа маҷрои миёнаи ин дарё ва шохобҳои он чун Окса маъмул буд), аз тарафи сокинони маҳаллӣ дар минтақаи Тахти Қубод хазинае дарёфт карда шуд, ки он зиёда аз 2000 тангаи тилло ва нуқра, маҳсулоти тиллоии бо санъати баланд сохташудаи давраи Ҳахоманишиҳо ва юнону бохтарихоро ташкил медод. Ин бозёфт ба се нафар тоҷири бухороӣ, ки бо корвон ба Ҳиндустони Шимолӣ (ҳудуди  Покистони имрӯза) сафар доштанд, фурӯхта шуд. Дар роҳ онҳоро кӯчманчиёни қабилаи афғонии гулзой ғорат карданд. Вале баъдан бо даҳолати як нафар англис, ки таъсири муайяне дошт, қисме аз ин ганҷ ба тоҷирон баргардонида шуд ва қисми дигар дар сардори қабилаи кӯчмачиён боқӣ монд. Тоҷирон ба шаҳри Равалпиндӣ расиданд ва ганҷро ба намояндагони дастгоҳи англисҳо фурӯханд, ки онҳо баъдтар ин ганҷро ба осорхонаи Британия супориданд. Ҳамагӣ дар осорхона 521 тангаи тиллою нуқра ва 176 маҳсулоти тиллоӣ ва нуқрагӣ (афзори ороиши либос, ғилофи корд, дастпона, зарф, ҳайкалчаҳои ҳайвонҳо ва дигар ашёҳо), ки сеяки он ганҷи аз соҳили Амударё ёфтшударо ташкил медод, ҷой дода шуд. Ин ганҷ, ки то имрӯз дар осорхонаи Британия ҳифз мешавад, номи «Ганҷи Амударё» (ва ё «Ганҷи Окс»)-ро гирифт. Бозёфтҳои ганҷ асосан ба асрҳои IV – III то мелод тааллуқ дорад. Як қисми маҳсулоти тиллоӣ ва нукрагӣ дар ҷануби Эрон сохта шудааст ва қисми дигар дар Осиёи Хурд. Ин ганҷҳо ба шимоли Бохтар (ин мавзеъ, ки он ҷо ганҷ ёфта шуд, ҳамин тавр номида мешуд) ё ба воситаи аскарони

Искандари Макдунӣ ё ба тарики ғанимати аскарони бохтарӣ, ё ба сифати тӯҳфа ва ё боз бо ягон тарзе оварда шудаанд.

Дар байни ганҷи ёфтшуда ашёҳои истеҳсоли худи бохтариҳо низ мавҷуд буданд. Аз ҷумла, лавҳачаҳои қатшавандаи ҳаккокишуда ва ё нақшбаста, ки дар он сурати коҳинон, ҷанговарон, ҳадякунандагоне, ки дар даст як қабза химча, гул, силоҳ ва ё ҳайвоноти ҳадяшаванда-шутур ё асп доранд, таҷассум ёфтааст.

Соли 1976 бостоншиносони шӯравӣ корҳои ҷустуҷӯиро дар яке аз шаҳрҳо, дар мавзеи Тахти Қубод оғоз намуданд. Ин шаҳри сангине буд, ки археологҳо онро Тахти Сангин номиданд ва дар ҳақиқат он мавзеи нодир аст. Дар маркази шаҳрак маъбади қадимае ёфт шуд, ки номи «Маъбади Окс»-ро гирифт.

Худи шаҳраки Тахти Сангин масоҳати 75 гектарро ишғол мекунад ва дар паҳноии 2 км ҷойгир аст. Дар муқобили арки Тахти Сангин, дар соҳили афғонии Амударё қалъаи Тахти Қубод ҷойгир шудааст. Ин иншоотҳо дар ҷойи мувофиқ, дар минтақаи гузаргоҳи Мелӣ, ки дар Амударё аз замонҳои қадим то асрҳои миёна амал мекард, ҷойгир шудааст.

Дар маъбад, ки андозаи масоҳаташ 51 х 51 м буда, дар асрҳои IV – III то мелод бунёд шуда, то садсолаи аввали баъд аз мелод, дар замони Кӯшониён низ фаъолият намудааст, инчунин дар биноҳои ёридиҳандаи он бозёфтҳои зиёде кашф шудаанд, ки онҳо асосан аз тӯҳфаҳои зиёраткунандагони маъбад иборат буд. Аз ҷумла, тасвири муқарнаси нимпайкараи Искандари Макдунӣ дар тарҳи Гераклл, дастаи шамшер бо тасвири шер, ки дар чанголаш оҳуи ларзонро дорад, рӯйкаши сандукча, ки аз устухони фил сохта шуда, бо расмҳои ҳаккокӣ кардашуда оро ёфтааст, коллексияи аз ҳама зиёди пайкони ҳаданг (зиёда аз

5 ҳазор) дар Осиёи Марказӣ, ашёҳои лавозимоти ҷангӣ ва силоҳи ҷанговарони артиши юнонӣ-мақдунӣ ва амсоли ин.

Танҳо дастаҳои ярокҳои юнонӣ, ки аз устухони фили намунаи давраи эллинистӣ сохта шудааст, чунон бисёр ёфт шудаанд, ки дар тӯли таърихи 150-солаи ҳафриёт дар тамоми дунёи юнонӣ дарёфт нагардидаанд. Дар ин ҷо ҳамчунин пораҳои тоскулоҳи биринҷӣ, ки ба қисмати болоияш оби тилло давонда шудааст ва чунон менамуд, ки гӯё он аз тиллои холис сохта шуда бошад, ёфт шудааст.

Дар байни чизҳои инъомшуда қурбонгоҳи майдаи сангин, ки бо ҳайкалчаи биринҷии худои юнонӣ- Марсия, ки найи дуқӯша менавозад, оро ёфтааст ва матни зерин бо забони қадимаи юнонӣ навишта шудааст: «Бо ният ба Атросок Оқсу бахшидам», хеле диққатҷалбкунанда аст. Атросок номи бохтарии одам аст, ки маънии «мақбули худои оташ» ва ё «шахси дорои оташи сӯзонанда»-ро дошта, шояд ба ягон нафари фидоиёни оташ мансуб бошад. Марсия дар мифологияи юнонӣ худоест, ки бо об ва парастиши он алоқамандӣ дорад. Дар маъбад ҳамчунин боз як тасвири мавҷудоти афсонавӣ-париҳои худои юнонии баҳрӣ ёфт шудааст, ки дар Бохтар шояд ба парии дарёи Окс тағйир ёфтааст. Парӣ дар шакли зани думи мору моҳӣ, пойҳои аспӣ ва қанотҳои парранда дошта тасвир ёфтааст.

Боз як бозёфти аҷиб, ки дар ин маҳал бунёд шудааст, оташгоҳ, нигаҳбони оташи абадист, ки унсурҳои ҳатмии сохтори бунёдии фаъолияти маъбади оташии зардуштӣ ба шумор меравад ва элементи асосии маъбади оташии зардуштӣ аст.

Бозёфтҳои зикршуда шаҳодат медиҳанд, ки дар як маъбад ҳам ибодаткунагони маҳаллӣ – бохтариҳо (зардуштиён) ва ҳам анъанаҳои динии юнониҳо мавҷуд будааст. Яъне дар як вақт ҳам парастиши оташ буду ва ҳам парастиши об.

Ҳафриёт дар Тахти Сангин 15 сол идома ёфт. Зиёда аз 5 ҳазор бозёфти давраи юнонию бохтарӣ (пайкараҳои тиллогун, ҷузъҳои мебел, асбоб, маҳсулоти заргарӣ, варақаи заррин, ки дар рӯяш бохтарии шутурро бурда истода тасвир ёфтааст, тангаҳои нуқраву мисин ва ғайра) кашф карда шудаанд. Дар ин давра олимони дар ҳафриёт ширкатдошта ба хулосаи қатъӣ омаданд, ки байни ганҷи Амударё («Ганҷи Окс»)-и. осорхонаи Британия ва «Маъбади Окс» дар Тахти Сангин алоқаи мустақим ва бевосита вуҷуд дорад, ки заминаи он чунин аст: макони бозёфти ганҷ ва макони ҷойгиршавии маъбад ягона аст – дар мавзеи якшавии дарёҳои Вахшу Панҷ, дар соҳили рости Амударёст ва тамоми ашёи ганҷина ё аҳамияти маросимӣ дошта, ё варақаҳои зарринe, ки дар рӯяшон одамону тӯҳфаҳо ё ҳайвонот тасвир ёфтаанд, ба маъбад барои бахшидан, инъом кардан оварда шудаанд.

Ҷамъоварӣ ва ё бо мақсади дигар истифода бурдани чунин варақаҳо ба ҷуз дар роҳи худо бахшидан имконнопазир аст. Чунин варақаҳо дар байни ашёҳои ганҷина ва дар байни ашёҳои аз маъбад ёфтшуда мавҷуданд ва дар ягон ҷойи дигари Осиёи марказӣ вуҷуд надорад.

Ҳамин тавр, «Ганҷинаи Окс» аз молу ашёи маъбад ва тангаҳои ба маъбад инъомшуда иборат аст. Ашёҳои ганҷинаи Амударё ба «Маъбади Окс» тааллуқ дошта, аз чизҳои инъомшуда иборат буданд ва баъдҳо ба сабаби ким-кадом хатаре дар масофаи на чандон дуртар, дар соҳили дарё пинҳон карда шудаанд.

«Маъбади Окс» аз лиҳози меъморӣ хеле хуб ҳифз шудааст, Бозёфтҳо аз Тахти Сангин имрӯзҳо дар Осорхонаи миллии Тоҷикистон, дар шаҳри Душанбе нигоҳ дошта мешаванд.

## 3.6. ҲУЛБУК

Бохтар (дар ифодаи арабию форсӣ – Тахористон) давлати қадимаи Осиёи Марказист, ки дар мавзеи ҷануби Тоҷикистони имрӯза. Ӯзбекистон ва қисмати шимолии Афғонистони ҷойгир шудааст. Ин сарзамин ҳанӯз дар сарчашмаҳои антиқа ҳамчун минтақаи истеҳсоли зиёди тилло ва парвариши аспҳои беназир ёд мешавад. Дар байни ашёҳои машҳури тиллоии Ганҷи Амударё, ки дар охири асри XIX  дар соҳили рости дарёи Панҷ ёфт шудааст, ашёҳои зиёде бо тасвири аспҳо ва инъикоси равшани зотҳои онҳо вомехӯранд, ки хоси ин сарзаминанд.

Дарёи Панҷ (Ҷарёб) ва Вахш (Вахшоб) дар ин мавзеъ ҷорӣ гардида, ба ҳам васл мешавад ва дарёи бузурги Амударёро ташкил медиҳад, ки дар замони антиқа бо номи дарёи Окс ва дар байни арабҳо бо номи Ҷайҳун маъруф аст.

Масоҳати зиёди байни Вахш ва Панҷро (яъне қисмати чапи соҳилҳои водии Вахш) вилояти Хутал ишғол мекард. Дар давраи қадима Хутал ба ҳайати Бохтар дохил мешуд.

Ягон нафаре аз ҷуғрофишиносони асримиёнагӣ сарҳади ҷуғрофии дақиқи Хуталро муайян накардааст. Вале маълум аст, ки дар он замон маркази вилоят шаҳри Ҳулбук буд, ки бо кадом сабабе дар асри XII «ғайб» задааст.

Дар Хутал чандин шаҳрҳои калону хурд (Леваканд, Ҳалевард, Тамлия, Паргар, Андиҷагар) мавҷуд буданд, ки ҳатто яке аз онҳо –Мунк аз пойтахт ҳам калонтар ба шумор мерафт. Тамоми ин шаҳрҳо имрӯз вуҷуд надоранд, вале макони ҷойгиршавии онҳо муайян карда шудааст.

Пойтахти Хутал-шаҳри Ҳулбук, чӣ гуна шаҳр буд?

Соли 1952 дар мавзеи Хишттеппа, ки ба андешаи олимон, пойтахти асримийнагии «ғайбзада» бояд он ҷо бошад, аз тарафи ҳафриётшиносон аввалин таҳқиқоти илмӣ гузаронида шуд. Ин мавзеъ боз аз он ҷиҳат диққати

олимонро ба худ ҷалб карда буд, ки дар тамоми майдони он (қариб 70 гектар) пораҳои зарфҳои гилӣ ва шиша, дажголи сафолию металӣ, пораҳои хишти пухта (мувофиқи маълумоти сарчашмаҳо, Ҳулбук аз хишти пухта бунёд гардидааст), фаровон будаанд.

Ҳафриёти чандинсола ва тадқиқот исбот кард, ки маҳз дар ҳамин теппа, дар маркази Ҳулбук қасри ҳокими маҳаллӣ ҷойгир буд.

Ҳангоми ковишҳои бостонӣ, ки дар ҳудуди худи шаҳр (шаҳристон) ва қисман дар арк, ки ба қаср дохил мешуд, сурат гирифт, маълум гардид, ки дар аввалҳо қаср дар майдони ҳамворӣ ҷойгир буда, тамоми аркро дар дарозии сесад метр фаро гирифтааст. Деворҳои қаср аз пахса ва хишти хом сохта шуда, дар баъзе ҷойҳо хишти пухта дар рӯйкаши току деворҳо ба кор бурда шудааст.

Қаср аз хонаҳои калони чоркунҷаи дарозу васеъ (қариб 4 м) иборат буд. Фарши хона аз хишти пухта сохта шуда буд, ки он ба паркет шабоҳат дошт.

Дар аввалҳо девор ва сақфи он гаҷкорӣ шуда буд. Деворҳо бо нақшу нигор ва тасвирҳои ҷанговарон, мусиқачиён ва асбобҳои мусиқӣ оро дода шудаанд.

Баъдҳо манзараҳои тасвирёфтаи мусиқачиён ва асбобҳои мусиқӣ бо лой андова карда шудаанд. Мумкин аст, ин бо анъанаҳои ислом, ки тасвири одамонро манъ месозад, робита дошта бошад.

Дар гаҷкорӣ, нақшу нигори набототот, пайвастаҳои шаклҳои геометрӣ, ҳошияҳои тақлидии арабӣ, тасвири моҳиҳо ва ҳайвоноти афсонавӣ, ки шаклу шамоили одамӣ доранд, ба назар мерасанд.

Ҳангоми ковишҳои бостоншиносӣ инчунин маълум гашт, ки шаҳр дорои системаи кубур ва корезҳое будааст, ки он дар шакли чуқуриҳои то ба шашметра, ҷӯйбори аз хишт

сохташуда ва қубурҳои сафолӣ барои дур кардани ифлосиҳо воқеъ гардидааст.

Илова бар ин, дар ҳамаи гӯшаву канори шаҳр қубурҳои хатти оби нӯшокӣ (қутраш қариб 60 см дарозиаш аз 80 то 100 см) ёфт шуданд. Ин шаҳодат медиҳад, ки ҳанӯз дар ҳамон давра системаи бо об таъмин кардани шаҳр марказонида шуда будааст.

Давлатдорони қадим дар бораи шабакаҳои гармидиҳӣ низ фикр кардаанд. Ҳангоми ҳафриёт чанд шакли системаи гармидиҳӣ ёфта шудааст. Аз ҷумла, силсилаи ба ҳам пайвасти қубурҳои сафолӣ (дарозии ҳар яке тахминан 50 см қутраш 10-15 см) ва новадонҳои хиштӣ, ки дар таги фарш ҷой карда шудаанд. Ба андешаи олимон, ба воситаи он бо кадом роҳе ҳавои пешакӣ гармкардашуда паҳн карда мешудааст. Ин ҳама шабакаҳои гармидиҳии марказонидашудаи ҳозиразамонро ба хотир меоваранд.

Дар яке аз чоҳҳои партовгоҳи шаҳри кадим тангаҳое ёфт шуданд, ки онҳо аз номи шоҳи Ғазнавиён Масъуд (солҳои 1030- 1041) сикка зада шудаанд. Ин бозёфт имконияти муайян кардани онро фароҳам овард, ки қаср дар чоряки дуввуми асри XI низ вуҷуд доштааast. Мумкин аст, пайдоиши қаср боз ҳам пештар бошад, зеро дар сарчашмаҳои арабӣ дар асрҳои IX –X вуҷуд доштани пойтахти Хутал ёдрас шудааст. Ҳафриёти баъдина нишон дод, ки дар таги қасре, ки ба асри XI мансуб медонанд, боз як қасри пештар бунёдшуда, вуҷуд доштааст. Яъне қаср дар болои вайронаҳои қасри дигар сохта шудааст.

Боз як бозёфти аҷибе аз чоҳҳои партовгоҳ ёфт гардидааст, ки шатранҷи ҳулбукӣ аст. Ҳамагӣ бист донаи пурра ва ҳашт пораҳои донаҳои шатранҷро дарёфт намудаанд. Ҳамаи онҳо аз устухони фил сохта шуда, донаи аз ҳама зебо донаи асп аст. Мутаассифона, сари аспу савораи он ҳифз нашудааст. Вале авзори асп, ки аз ду тараф

бо медалёнҳои шакли ситораи пурнур ва дар шакли шилшилаи пирамидаҳои сарбурида хеле хуб дида мешавад. Аз савора дасти он, ки лаҷомро медорад, шими васеъ, мӯзаи мулоими баланд, ки дар узангу аст, ҳифз шудааст.

Бозёфти дигар низ мароқангез аст, ки он ҳам тасвири асп дорад. Пораи лаълӣ, ки дар он чор аспи даванди хуталӣ ҳангоми дав тасвир шудааст.

Ин гуна таваҷҷӯҳи зиёд ба асп аз он сабаб аст, ки «аспҳои даванди бодпо»-и Хутал дар он замон хеле машҳур буданд. Танҳо ҳаминро қайд кардан кифоя аст, ки улави аскарони савораи Искандари Мақдунӣ асосан аспҳои хуталӣ буд.

Қандилҳои машҳури сафолии аз шаҳри Ройи Эрон овардашуда низ басо мароқангез буда, аз робитаҳои тиҷоратии Хутал бо кишварҳои дигар гувоҳӣ медиҳанд.

Ҳамчунин ашёҳои зиёде, ки аз шишаҳои сабз, сафед, сиёҳ, бунафш, кабуд, сурх ва ҳатто ултранилобӣ, ки аз тарафи ҳунармандони қадими хуталӣ сохта шудаву ҳини ҳафриёт дарёфт гардидаанд, ҷолиби диққатанд.

Мавриди зикр аст, ки бо шарофати ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ шаҳри Ҳулбук пас аз тармим ба яке аз мавзеъҳои дӯстдоштаи сайёҳони ватанию хориҷӣ табдил ёфтааст. Ҳаводорони сайру саёҳат дар Тоҷикистон ҳатман аз ин ёдгории арзишманди фарҳангӣ-таърихии халқи тоҷик дидан намуда бо таассуроти хотирмон бармегарданд. Барои боз ҳам ҷолибу диданӣ сохтани ин мавзеи фарҳангӣ-таърихӣ ва ба ҷаҳониён бештар муаррифӣ намудани он корҳои ҳафриётӣ бояд идома дода шуда, инфрасохтори рушдкардаю замонавии туристиро ба роҳ мондан зарур аст.

## 3.7. ОРОМГОҲИ МИР САЙИД АЛИИ ҲАМАДОНӢ.

Дар маркази шаҳри Кӯлоб, дар паҳлӯи Осорхонаи кишваршиносӣ, дар иҳотаи чанорҳои садсола оромгоҳи шоири шаҳир, файласуф ва мутафаккири асри XIV Мир

Сайид Алии Ҳамадонӣ ҷой гирифтааст. Дар ин ҷо ҳамчунин писари ӯ Муҳаммад, хоҳарону хешовандон ва собиқ назоратчии ормгоҳ ва масҷид дар давраи зиндагии ӯ, шайх Шоҳи Толиқон, аз шаҳри Толиқони Афғонистон, дафн карда шудаанд.

Бинои оромгоҳ аз хишти пухта сохта шуда сохти аркӣ-гунбазӣ дошта, бо нақшҳои номутаносиб оро ёфтааст. Намои асосии он ба ҷанубу шарқ нигаронида шудааст. Толори марказӣ бо даромади аркӣ ва гунбазии дуқабата дар қисмати шимолу шарқии он қадимтарин иншоот ба ҳисоб меравад ва дар охири асри XIV бунёд шудааст. Баъдтар, илова ба бинои мавҷуда масҷид ва гӯрхона пӯшида шуд.

Дар солҳои 70-уми асри гузашта мақбара тармим карда шуд. Мутахассисон ҳангоми тармими мақбара кӯшиш ба харҷ доданд, ки онро дар шакли пештарааш ҳифз намоянд. Аз ин рӯ ҳангоми корҳои сохтмон ва тармим тарзҳои аслии ороишро истифода бурдаанд.

Дар паҳлӯи ормгоҳ ёдгории мармарии сари қабр бо навиштаҷот вуҷуд дорад, ки бо нақшу нигори геометрӣ оро ёфта, шакли шашрӯяи барҷаста дошта, дарозиаш 176 см, васеъгиаш аз 35 то ба 38 см, баландиаш 51 см ва вазнаш қариб як тонна аст. Аз рӯи ривоятҳо, он аз Ҳиндустон дар филҳо ба Кӯлоб оварда шудааст. Дар тарафи шарқи он чанд сатр бо забони форсӣ навишта шудааст. Навиштаҷоти боқимондаи дигар ҳама бо забони арабист.

Аз нуқтаи назари таърихӣ навиштаҷоти тарафи ғарбии ёдгории сари қабр муҳим ба шумор меравад, зеро дар он силсилаи насабӣ, ки ба ин ёдгорӣ бахшида шудааст, сабт гардида, он писари ҳокими Хатлон – амир Муҳаммад ибн Шайх Абдулло аст.

тадқиқоти иншооти мазкур оғоз шуд ва он бо тарзи зер бозгӯ шудааст: «Ёдгорӣ аз оромгоҳи паҳлӯ ба паҳлӯ истодаи мустақил, ки бо гузаргоҳ пайваст шудааст, иборат аст. Дар нигоҳи аввал гӯё ҳар ду мақбара якхела ба назар мерасад. Аз рӯи хусусиятҳои асосӣ дар ҳақиқат онҳо ба ҳамдигар монананд, вале аз рӯи нақшу нигор ва ороиш аз ҳам фарқ доранд ва маълум аст, ки дар давраҳои гуногун бунёд шудаанд».

Омӯзиши минбаъдаи он ошкор намуд, ки бинои шарқӣ дар асрҳои IX- XII ва бинои ғарбӣ дар асрҳои XI- XII сохта шудааст.

Ҳар ду бино ҳам аз хишти пухта сохта шудаанд. Дар сохтмони бинои ғарбӣ мазмуну усулҳои гуногуни ороиш-хиштро дар шакли арчамонанд чидан истифода шудааст, ки он дар ҳеҷ куҷо вонамехӯрад.

Бинои ҷониби шарқ ҳамчун мақбараи марказии алоҳида сохта шудааст, ки ду даромадгоҳи дар як мақбара воқеъгардида дорад.

Хиштҳои девор тарзе чида шудаанд, ки ҷо-ҷо бо ду хишти рост чида бурида мешаванд. Ороиши девор дар хиштичинӣ ин аст, ки ду хишти рост чида бо се хишти бо қирраашон гузошта бо як низом ҳамдигарро иваз мекунад.

Дар даруни ҳар ду мақбара ҳам иншооти сари қабр мавҷуд аст.

Ҳар ду мақбара бо равоқи камоншакл ба ҳам пайваст карда шудаанд. Беназирии иншоот дар он аст, ки дар сохтори хиштчинӣ ба шакли «арча» ягон таҷҳизоти ёрирасонии чӯбина истифода намешавад: хиштҳои бевосита аз чор кунҷ ба тарзи зина чида қомати деворро нигоҳ медоранд. Дар натиҷа гунбазе ҳосил шуда, ки ғафсии он ба ғафсии як хишт баробар буда, равоқи калонеро пӯшонидааст.

Имрӯз мақбара ҷойи зиёрати мардуми таҳҷойӣ, сокинони дигари кишвар ва сайёҳону зиёратгарони хориҷӣ ба ҳисоб меравад.

## 3.8. МАҶМААИ ХОҶА МАШҲАД.

Дар асрҳои III-II то мелод масоҳати води дарёи Кофарниҳон ва ноҳияҳои гирду атрофи он ба ҳайати давлати Юнону Бохтар дохил буд. Аз асри I то асри III мелод ба империяи Кӯшониён, дар асри VIII бо вилоятҳои дигари Осиёи Марказӣ онро арабҳо забт намуданд ва дар асрҳои XIV – XV ба ҳайати давлати Темуриҳо шомил гашта буд.

Ҳамаи ин далели он аст, ки азхудкунии водии Кофарниҳон таърихи дуру дарозе дорад. Яке аз ёдгориҳои меъмории аҷиби ин мавзеъ маҷмааи Хоҷа Машҳад ба ҳисоб меравад.

Хоҷа Машҳад шахси шинохта дар олами ислом буда, ба Қубодиён аз Эрон ва ё аз ягон давлатҳои Шарқи Наздик тахминан дар нимаи дуввуми асри IX, нимаи аввали асри X (вақти дақиқаш муайян нест) омадааст. Ӯ муббалиғи ислом ва шахси хеле бой буд. Мувофиқи баъзе маълумотҳо, сохтмони мадраса бо маблағи шахсии ӯ ба анҷом расонида, пас аз вафоташ дар ҳамин ҷо гӯронида шудааст.

Сокинони маҳаллӣ ин маҷмааро оромгоҳ меҳисобанд, ки гӯё дар як шаб пайдо шудааст, яъне чун мӯъҷизае аз тарафи Оллоҳ ба Заамин фиристода шудааст.

Мувофиқи таҳқиқоти олимон ин мадрасаи қадим аст ва қисми асосии он оромгоҳи боз ҳам қадимтар ба шумор меравад. Мавзее, ки ормгоҳ ҷойгир шудааст, бо номи Қубодиён аз қадимулайём маълуму машҳур аст. Аз замонҳои қадим ин мавзеъ диққати сайёҳону муҳаққиқонро ба худ мекашидааст. Вале аввалин маротиба соли 1947

таҳоратхона, ҳамом ва баъзан қабри муршид ва ё сардори дарвешон дохил мешуд.

Бо вуҷуди ин маҷмааи меъмории Хоҷа Машҳад макони муқаддас ва ёдгории таърихии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад, ки давраҳои дурударози таърихӣ, осори фарҳангӣ, санъати меъмориву бинокорӣ, диди эстетикиро таҷассум кардааст ва асрори зиёди он ниҳон аст.

Эҳтимол дорад, дар ин мадраса шоири шинохта, олим ва сайёҳи асри XI Носири Хусрав, сокини Қубодиён, таҳсили илм карда бошад.

Инчунин, эҳтимол, маҷмааи Хоҷа Машҳад яке аз қисматҳои марказии шаҳри қадимаи дар ин макон мавҷуда (Қубодиён) бошад, зеро дар атрофи маҷмаа вайронаҳои зиёди биноҳо ёфт шудаанд, ки онҳо далели вуҷуд доштани маркази яке аз шаҳрҳои Тахористон аст.

Имрӯзҳо ин мавзеъ серодам аст. Маҷмааро одамони зиёде аз қаламрави кишвар ва Ӯзбекистони ҳамсоя зиёрат мекунанд. Ҳамчунин меҳмонон, сайёҳон, олимоне, ки диққати онҳоро санъати меъморӣ ва бинокории асримиёнагӣ ба худ ҷалб месозад, ба ин ҷо меоянд.

Маҷмааи Хоҷа Машҳад ёдгории беназири меъморӣ буда, метавонад баяке аз мавзеъҳои ҷолибу дидании туристӣ табдил ёбад.

## 3.9. ШАҲРИ АСРИМИЁНАГИИ БОЗОРДАРА.

Помир асрҳои миёна бо истеҳсоли нуқра шӯҳрат дошт. Оғози ин кор ҳанӯз дар асри X бо коркарди кон дар болооби дарёи Ғунд, аз тарафи дарёи Туқуз Булоқ (шохоби чапи дарёи Ғунд), дар қаторкӯҳҳои Баҷор шурӯъ шуда буд. Бинобар сабаби истифодаи кон дар ин минтақа сукунатгоҳҳои кӯҳканҳо ва металлургҳо: Ҷартим, Варшез, Шозуд, Миёнакӯҳ ва амсоли ин пайдо шудаанд. Ҳаҷми

Дар тарафи шимоли биноҳо ҳавлии васеи чоркунҷа воқеъ аст, ки бо боқимондаҳои деворҳои пахсагӣ ва биноҳо иҳота шудааст. Дар даруntари ҳавлӣ харобаҳои аркаи аз хишти хом сохташуда ва дар атрофи он боқимондаҳои ду бинои гунбаздор, ки онҳо ҳам аз хишти хом сохта шудаанд, хобидаанд. Қариб тамоми масоҳати ҳавлиро қабрҳо пур кардаанд.

Дар фарши толорҳои гунбазӣ низ қабрҳои нимвайронаи болояшон кушода пуранд.

Ҳоло ду бинои дорои гунбазҳои баланди паҳлӯи ҳам истода ва дар байни онҳо боқимондаи арк бо айвон ҳифз шудааст. Аз ҷиҳати сохт дохили иншоотҳои гунбаздор ба санъати меъмории Осиёи Марказӣ дар давраи то муғулҳо хос аст.

Таъиноти хусусии маҷмааи Хоҷа Машҳад дар чист?

То имрӯз ба ин савол ҷавоби саҳеҳ нест. Гурӯҳе аз муҳаққиқон бар он андешаанд, ки ин мадраса аст, зеро дар ҳудуди ҳавлии баста ҳуҷраҳои майда ҷойгиранд. Шояд ин хобгоҳи таълимгирандагон ва ду бинои гунбаздор дар паҳлӯи айвони пайвасткунанда ҳамчун дарсхона ва масҷид истифода мешуданд, ки ин сохти анъанавии мадрасаҳо ба шумор мерафт. Оромгоҳро ба дохили мадраса ворид кардан низ ягон навоварие нест, зеро мисолҳои равшани инро дар Бухоро, Самарқанду Ҳирот дидан мумкин аст.

Бино дар як вақт барои сокинони деҳоти гирду атроф ҳамчун масҷиди панҷвақта хидмат мекард.

Гурӯҳи дигари олимон бар он андешаанд, ки маҷмааи Хоҷа Машҳад маҷмааи ёдгории мураккабест бо хусусиятҳои хонақо. Хонақо- маҳалли ҷамъомади дарвешон ва соликони тариқат, ки таҳти иршоди пир роҳу усули маърифати ирфониро меомӯзанд. Ба сохтори он хобгоҳҳо (зовия) бо ҳуҷраҳо, хонаи муршид, ҷойи таомхӯрӣ, меҳмонхона, толори ибодат ва ҷойи ҷамъомад,

истихроҷ дар ин қонҳо он қадар зиёд набуд. Танҳо пас аз азхудкунӣ ва истифодаи кони нуқра дар шарқи Помир дар асри XI, дар давраи «бӯҳрони нуқра» ҳаҷми истихроҷ боло рафт. Барои назорати кори конканҳо ва бурдани маъдани нуқра ба ҷойи гудохтани металл дар ин ҷо шаҳри конканҳо – Бозордара сохта шуд.

Шаҳр дар водии дарёи Оқчилға, дар нишебиҳои шимолии қаторкӯҳҳои шимоли Аличӯл, дар баландии 4000 метр аз сатҳи баҳр ҷойгир шуда буд. Шаҳр аз корвонсарой, иқоматгоҳҳо (қариб 80-то), қабристон (қариб 500 қабр) иборат буд. Хонаҳои истиқоматӣ суфаю оташдон доранд. Аз бинҳои ҷамъиятӣ маҷмааи маъмурӣ – маъбади оташ, ҳаммом бо шабакаи гармидиҳии зерифаршӣ ҳифз шудааст.

Дар шаҳр ҳангоми авҷи истеҳсолот ҳамагӣ 1200-1500 нафар аҳолӣ зиндагӣ мекарданд. Барои сохтмони бино аз маҳсулоти сохтмонии маҳаллӣ- сангҳои обовардаи дарё ва варақсангҳо истифода шудааст. Варақсангҳо бо ҳамвории худ барои чидан хеле мувофиқанд. Тамоми биноҳо бе пойдевор сохта шуда, ба зери пойдевори деворҳо сангҳои калон чида шудаанд. Бо об таъмин кардани шаҳр, ҳарчанд дарё наздик буд, хеле аҷоиб аст. Азбаски ба дарё фаромадан хеле ноқулай буд, аз обҳои зеризаминӣ бо роҳи чоҳҳо канда баровардани об ба рӯйи замин ва ё сохтани ҳавзҳо – обанборҳо истифода мекарданд.

Хӯроки бозордарагиҳо гуногун буд. Ҳарчанд ба назар чунин мерасад, ки дар ин ҷо танҳо ба шикор ва чорводорӣ умед бастан мумкин аст, ки асосаш гӯшт буд. Вале боқимондаҳои рустаниҳои лубиёгӣ, ғалладона, меваю сабзавот, пӯчоқи чормағз ёфт шудааст. Яъне он чизҳое, ки ин ҷо намерӯянд ва рӯйиданашон мумкин нест. Тахмин карда мешавад, ки шояд қисме аз ин маҳсулот аз Помир ва қисми дигари он аз водии Фарғона бар ивази нуқра ва маъдани нуқрадор оварда шуда бошад.

Коркарди конҳои нуқра 70-80 сол давом кардааст. Аз ин рӯ саволе пайдо мешавад, ки ин одамонро чӣ маҷбур сохта, ки онҳо ба ин ҷо оянд ва муддати дуру дарозе дар ин кунҷи хилвати шарқии Помир, ки дар замони мо ҳам ба он ҷо рафтан осон нест, дар бораи ташкили шаҳраки муваққатӣ ва он ҷо бозмондан ҳоҷати гап ҳам нест, зиндагонӣ кунанд?

Албатта, сабаби асосӣ, пеш аз ҳама, ҷанбаи иқтисодӣ аст. Дар замони тараққиёти истеҳсоли нуқра дар шарқи Помир дар ҳудуди Осиёи Марказӣ ва минтақаҳои ба он наздик бунёд ва рушди шаҳрҳо, истеҳсолоти маҳсулот ва тиҷорати пулӣ ба қайд гирифта шудааст, ки бешубҳа, ин ҳама воситаеро талаб мекард, яъне миқдори зиёди тилло ва нуқраро. Конҳои нуқра дар Афғонистон (минтақаи Панҷшер) ва Эрон (Исфаҳон) дар он вақт хеле коркард шуда буд ва талабот ба нуқраро, ки моли содиротӣ (онро дар шакли тангаву сиккаҳо мебароварданд) ба ҳисоб мерафт, таъмин карда наметавонист. Равшан аст, ки дар он замон талабот ба нуқра хеле зиёд буд, зеро бо он ҳама мушкилиҳо, ки истеҳсоли онро дар шарқи Помир пеш меовард, истифодаи босуръати кон дар шароити мушкили табиию номусоидии обу ҳавои ҷойгиршавии он ба роҳ монда шуда буд.

Дар баробари он баландӣ ва иқлими мувофиқи минтақа ба ҳифзи боқимондаҳои зиёди асбоби рӯзғор мусоидат кардааст. Ин ба муҳаққиқони имрӯза имконият фароҳам овардааст, ки зиндагӣ ва шароити кори конканҳо ва оилаҳои онҳо, муносибатҳои васеи тиҷоратӣ ва ҳолати ҳуқуқии дар ихтиёр доштани конҳоро ба таври пурра муайян ва таҷдид намуда биомӯзанд. Ба ин амал ҳамчунин пораҳои ҳуҷҷатҳои дар қоғаз бо ҳарфҳои арабӣ бо ранги сиёҳи туш иншошуда, ки аз шаҳри қадима ёфт шудааст, мусоидат кард. Қоғаз аз торҳои канаб ва лифи дарахти тут тайёр карда шудааст.

Шароити иқлимии минтақаи ҷойгиршавии шаҳр гуногун аст. Аз миёнаи моҳи июл то моҳи сентябр (маҳз ҳамин давра барои ба ин ҷо омадан мувофиқ аст) шамол мевазад, ки самти он як хел аст-аз тарафи баландӣ (ба ғайр аз баъзе ҳолати истисно) расо соати 12-и нимрӯзӣ (фарқ 5 дақиқа) сар мешавад ва то соати 18-и бегоҳ давом мекунад. Илова бар ин, хунукии доимӣ ҳатто дар тобистон ҳам ҳис карда мешавад.

То ба шаҳри конканҳо ба воситаи автомашина бо роҳи Помир – аз Хоруғ ва ё Мурғоб то ба минтакаи кӯли на чандон калони Оқбалиқ, ки дар масофаи якчанд километр дуртар аз шаҳраки Аличӯл, дар сари роҳ воқест, рафтан мумкин аст. Ин кӯл дар байни мардуми маҳаллӣ хеле маъмул аст, зеро он муқаддас ҳисобида мешавад. Баъдан ба тарафи шимол, ба тарафи чап (агар аз самти Хоруғ ҳаракат кунед ва агар аз  тарафи Мурғоб бошад, мутаносибан ба тарафи рост) аз роҳи асосӣ гашта, даҳҳо километрро бо роҳи ноҳамвор тай намудан лозим меояд. Гуфтан душвор аст, ки чанд километр автомобилсавор меравед, зеро ин ҳама ба ҳолати роҳ дар ин ё он мавсим, навъи мошин ва таҷрибаи ронанда вобаста аст. Ҳар сол вобаста ба шароити обу ҳаво, микдори боришот, дараҷаи гармию сардии ҳаво ва дигар сабабҳо  вазъият тағйир меёбад. Ба ин сафар аз ҳама хубтар автомашинаи ҳарҷогузари «бероҳагард (внедорожник)»-ро истифода кунед. Дар ҳар ҳолат, то ба шаҳри конканҳо бо автомашина рафта расида наметавонед ва лозим меояд, ки то нуқтаи  охирин пиёда биравед.

## 3.10. ҚАЛЪАҲОИ ҚААҲҚА ВА ЯМЧУН.

***Қалъаи Қааҳқа***

Қалъаи Қааҳқа (номи дигараш Қаҳқаҳа) ба номи паҳлавони машҳури шоҳи сиёҳпӯшон-оташпарстон гузошта шудааст.

Боқимондаҳои ин қалъаи қадимаи гилии асри IV то мелод дар баландии сершахи қисми шимолии соҳили дарёи Панҷ, дар ҷойе, ки ба он аз тарафи Афғонистон шохоби серобе мерезад, мавҷуд аст. Баландӣ аз ду теға: ба самти аз шарқ ба ғарб тӯлкашида ва теғаи калони шимолӣ, ки дарозиаш қариб якуним километр буда, ба тарафи шарқ 125 метр аз сатҳи дарё баланд мешавад, иборат аст. Ин теғаҳоро деворҳои сангини мустаҳкам иҳота кардаанд, ки пойдеворашон аз санг ва аз хишти хом сохта шудааст. Боз девори дуввум, девори дарунӣ мавҷуд аст, ки дар шакли фурӯрафтаи хоктӯдаҳо боқӣ мондааст. Бодлес (эрозия) деворҳои қисми дарунии қалъаро сахт вайрон кардааст, вале аз тарафи берун девори мустаҳкам иншооти пурқувватеро бо бурҷҳои сершумор мемонад. Тасаввур кардан мумкин аст, ки дар замонаш ин қалъа дастнорас ва даҳшатноке будааст, ки бо худ роҳи тарафи поёнии Панҷро ба сӯйи Ишкошим ва ба боло ба воситаи Ҳиндукуш пайроҳаро ба ағба аз даромадгоҳи шохоб бастааст ва ҳоло он ҷо деҳаи хушманзараи афғон – Иштарғ доман паҳн кардааст.

Сохтори қалъа мураккаб буда, гӯё аз се қисм (арк ва ду майдон) иборат аст, ки ҳар яке аз қисмҳо баъзан бо ҳудуди иншооти дигар якҷоя ва баъзан дар алоҳидагӣ ҳудуди мудофиавии худро дорад. Майдони ишғолкардаи қалъа хеле бузург аст. Дарозии садди қалъа ба 750 метр мерасад ва васеъгии он 280 метр аст. Вале ягон бинои алоҳидае дар

даруни қалъа ба чашм намерасад. Шояд хонаҳо фақат дар даруни арк мавҷуд буда, дар қисмати дигари даруни қалъа вуҷуд надоштанд, ки ба хусусияти мудофиавии қалъа далолат мекунад: даруни қалъа ҷойи ҷамъшавии аскарон аст, ки сарҳад ва ё минтақаи Вахонии Шоҳроҳи абрешимро ҳифз мекарданд.

Қалъаи Қааҳқа чиро ҳимоя мекард?

Дар ҷавоби ин савол чанд тахмину фарзия мавҷуд аст. Эҳтимол ки дар давраҳои шоҳигарии Юнону Бохтар ва давлатдории Кӯшон қалъаҳои Вахон умуман (дар назди деҳаҳои Лангар, Ямчун, Даршай ва ғ.) ва ба -хусус, қалъаи Қааҳқа бо девор ва бурҷҳои мустаҳками худ гузаштани истилогарони хориҷиро ба воситаи дарёҳои Панҷ, Шоҳдара ва Ғунд ба водиҳои ҳосилхези воҳаҳо бозмедоштанд.

Ҳамчунин тахмин кардан мумкин аст, ки илова бар ҳалли масъалаҳои стратегии ҳифз аз истилогарон, ба воситаи қалъаи Қааҳқа вазифаҳои маҳдудро низ ҳал мекардаанд. Масалан, ҳимояи пули муҳими болои дарё, ки мувофиқи навиштаҳои сайёҳон, дар ин минтақа дар аввали асри XX ҳам вуҷуд доштааст.

Имрӯз боқимондаҳои девори қалъаро аз роҳи автомобилгард ҳам дидан мумкин аст, ки дар масофаи 15-20 метр дуртар аз паҳлӯи он мегузарад.

Азбаски мавзеи қалъа дар ҳудуди Тоҷикистону Афғонистон воқеъ аст, пеш аз ба он ҷо рафтан бояд бо сарҳадбонон мувофиқа карда шавад.

Агар аз Ишкошим оед, дар масофаи садҳо метр дуртар аз қалъа, аз тарафи чапи роҳ мазори Шоҳи Мардон мавҷуд аст. Он дар шакли бинои пешайвон ва сақфи он аз рӯйи тарҳи хонаҳои миллии Бадахшон (чорхона) сохта шудааст. Дар даруни мазор сангҳои равған молидашуда ва шохи бузи кӯҳӣ вуҷуд доранд, ки аз муқаддас будани ин ҷой барои сокинони маҳаллӣ шаҳодат медиҳанд. Ин нишонаҳои

муқаддас будан аз давраҳои қадими пеш аз ислом буданду ҳеҷ вақт гум нашудаанд ва бо гузашти айём маънии нав касб намудаанд.

***Қалъаи Ямчун***

Дар охири ҳазораи якум ғарби Помир аз таҳдиди ҳуҷуми ҳамсояҳо сохтмони қалъаҳои мустаҳкам оғоз мегардад. Аввалин қалъа қалъаи Ямчун (дар минтақаи деҳаи имрӯзаи Ямчун, чун қалъаи Замри Оташпараст ва ё Кофирқалъа машҳур аст) ба ҳисоб меравад. Қалъа дар асри III то мелод дар соҳили рости дарёи Панҷ, дар доманакӯҳҳои қаторкӯҳҳои Вахон сохта шудааст. Қалъа дар кӯҳпорае, ки шохобҳои дарёи Панҷ, дарёҳои Ямчун ва Викхут мешӯяд, воқеъ гардида, соҳилҳои шах ва ростфаромадаи он тамоми сол дастнорасанд. Ҳангоми тарҳрезӣ ва сохтмони он ноҳамвориҳои доманакӯҳ хуб истифода шудааст. Қалъа шакли секунҷа дошта, рӯ ба водӣ нигаронида шудааст ва иборат аз се қисм аст: аркҳо, ки дар онҳо истеҳком, қароргоҳ ҷойгир буда, бо деворҳо иҳота ва бо манораҳои чоркунҷа мустаҳкам карда шудааст, ду майдони бо деворҳои мустаҳкам иҳоташуда, ки бо 36 манораи чоркунҷа ва доирашакли равзанаҳои тиркашдор мустаҳкам карда шудааст. Ҳангоми хатари ҳуҷум дар қалъа шумораи зиёди одамон метавонистанд паноҳ ёбанд.

Девори қалъа пойдевор надорад ва дар он тахтасангҳои коркардшуда бо лой чида шудаанд. Баландии умумии деворҳо қариб 3 метр, бараш 1,5 метрро ташкил медиҳад. Дар баландиҳои гуногуни девор равзанаҳои чоркунҷаи тиркашӣ, ки баландӣ ва васеъгиаш 30-35 см буда масофаи байни онҳо 1,5-2 метрро ташкил медиҳад, мавҷуданд. Аз тарафи берун равзанаҳои тиркашӣ васеътар мешаванд.

Деворҳои қалъа дуқабатаанд. Девори берунӣ, ки ғафсиаш то 2 метр аст, пурра аз санг сохта ва ё қисмати поёнаш сангу аз болояш хишти пухта чида шудааст.

Деворҳои дарунӣ низ бо ҳамин шакл сохта шуда, танҳо ғафсиашон 50-60 см аст. Дар девори дарунӣ низ равзанаҳои тиркашии ба тарафи дарун равона кардашуда мавҷуданд. Масофаи байни деворҳо ду метр аст.

Сохтмончиён ҳангоми бардоштани деворҳо барои мустаҳкамтар шудани онҳо ҷо-ҷо сангҳоро бо тахтаҳои тунук ва ғӯлачӯбҳои ҷурмдори дарахтон табақа ба табақа гузоштаанд. Ва имрӯз аз ин ҳунари одамони қадим дар ҳайрат намондан мумкин нест, зеро ин корро барои тоқатовар шудани девору манораҳо ҳангоми заминларза анҷом додаанд.

Тамоми деворҳо бо силсилаи манораҳо ба ҳам пайваст карда шудаанд. Манораҳо сангарравзанаҳои баландиашон 1 метр ва барашон 30 сантиметр доранд ва онҳо мувофиқи қоида мисли тахтаи шатранҷ дар чанд қабат ҷойгир карда шудаанд. Онҳо аз варақсангҳо сохта шуда, барои фароҳам овардани шароити мусоиди тирпарронӣ ва оташборон кардани водии дарёи Панҷ ва дараҳои паҳлӯӣ, инчунин барои ҳимояткунандагони қалъа каме моил карда сохта шудаанд.

Қутри манораҳо 3,5-4 метр, ғафсии деворҳо аз 1 то 1,5 м масофаи байни равзанаҳои тиркашӣ аз 2 то ба 5 метр баробар аст. Манораҳо аз пораҳои сангу гил ва ё бе санг сохта шуда, баъзе ҷойҳояшон бо гил андова карда шудаанд. Қисми болоии баъзе манораҳо аз хишти хом сохта шудааст. Дар аксари манораҳо равзанаҳои тиркашӣ мавҷуданд, ки ҳам ба берун ва ҳам ба даруни қалъа менигаранд. Ҳатто ба даруни даҳлези байни деворҳо нигаронида шудаанд, ки қудрати ҳимоявии манораҳо ва қалъаро чандин маротиба меафзояд. Аз ин рӯ, ҳимоятгарони қалъа имконият доштанд, ки дар сурати аз ақибгоҳ рахна карда даромадани душман ҳам муҳорибаро бар зидди онҳо давом диҳанд.

Сангҳое, ки қалъа аз онҳо сохта шудааст (садҳо ҳазор), аз ҷойҳои гуногун, ҳатто аз дуриҳо оварда шудаанд, зеро дар он ҷо санги хоро, навъҳои тахтасанг, ҷинсҳои варақасанг ва дигар навъҳои сангҳоро дучор омадан мумкин аст.

Масоҳати ишғолкардаи қалъа ҳайратангез аст. Ин иншооти азими пуриқтидор барои ин маҳалҳо аҳамияти бузург дошт. Ин иншоот аз лиҳози стратегӣ хеле оқилона ва бо ҳисобу китоб дақиқ сохта шуда, имкон медод, ки ҳамаи роҳҳои даромади гирду атроф ҳимоя ва ҳаракати одамон ва корвонҳо аз Помир ба Бохтар (Тахористон) ва баъдан ба Ҳиндустону Эрон ва бозгашти онҳо назорат карда шаванд.

Ҳолати зерин то ба ҳол муаммо боқӣ мемонад: водии дарёи Панҷ бо дарёбоди рӯ ба рӯи қалъа бо васеъгии аз 2,5 то 3 км ҳамворӣ буда, дарёи Панҷ на ин ки дар нишебии шимолӣ, балки дар нишебии ғарбии он ҷорӣ мешавад. Дар ин ҳол одамони қадим чӣ тавр водиро ҳангоми ҳуҷуми душманон бо камон (яроқи асосӣ камон ба ҳисоб мерафт) тирборон мекарданд? Дурии парвози тири камон он қадар зиёд набуд…Шояд дарёи Панҷ дар он замон маҷрои дигар дошт ва бо нишебии соҳили рост ҷорӣ мешуд ва ҳатто ба он такя мекард? Ба ин савол то ба ҳол ҷавобе нест.

Ҳоло то қалъа тавассути нақлиёти автомобилӣ омадан мумкин аст. Барои ин, агар аз тарафи Ишкошим омада бошед, дар минтақаи деҳаи Туғуз аз роҳи асосӣ ба тарафи чап гашта, 5-6 км бо роҳи ноҳамвори каҷу килеб ба боло баромадан лозим меояд, ки он ҷо дар канори роҳи асосӣ, дар нишебии кӯҳ деҳаи Ямчун ҷойгир аст.

Дар маосфаи 1-2 км дуртар аз қалъа чашмаи оби гарми родонии табобатӣ, ки 40-42 дараҷа гарм аст, рост аз таги кӯҳ зада мебарояд. Об барои таботати узвҳои ҳозима, талхадон, банду буғум, устухон, касалиҳои занона ва урологӣ фоида дорад. 1,5 км дуртар аз чашма табобатгоҳ

вуҷуд дорад, ки шабона он ҷо монда истироҳат намудан мумкин аст.

## 3.11. ПЕТРОГЛИФҲО.

Гурӯҳи ёдгориҳои қадимаи махсусро петроглифҳо – нақшу нигори қадимаи рӯйи сангҳо ташкил медиҳанд.

Минтақаи Помир дар Тоҷикистон аз ҷиҳати нақши қадимаи рӯи сангҳо (дар зиёда аз 50 макон) хеле бой аст. Ин нақшҳо дар водии дарёҳои Ғунд- дар тӯдаи Чертим Панҷ – дар наздикии деҳаҳои Намадгут, Лангар, Поршнёв, Шоҳдара, Язғулом, Оқчилға, дар саргаҳи дарёи Бартанг ҷойгир шудаанд. Ин мавзеъҳо нуқтаҳои асосии ҷойгиршавии нақши қадимаи рӯи санг ба шумор мераванд.

Аз рӯи пайдоиш онҳо ба чанд гурӯҳ тақсим мешаванд: давраи биринҷӣ, асримиёнагӣ, давраи тараққиёти асримиёнагӣ ва ҳозиразамон.

Петроглифҳои аз ҳама машҳур дар деҳаҳои Лангар ва Кишт, дар ноҳияи Ишкошим, (миқдори умумии онҳо ҳисоб карда нашудааст, вале он аз 6 ҳазор зиёд аст) ҷойгир шудаанд.

Нақшҳо дар болои харсангҳои васеи хоро канда шудаанд. Онҳо дар «майдонҳои» васеи калон бо силсилаи тасвирҳои алоҳида байни ҳам пайваст шудаанд ва аз доманакӯҳҳои қаторкӯҳҳои Шоҳдара қариб то ба обтақсимкунак мерасад.

Дар ин петроглифҳо асосан нақшҳои бузҳои кӯҳӣ вомехӯранд. Инчунин нақшҳои қутос, оҳуҳо, шикорчиён бо камон ва сагҳо ва саворaҳо низ ба чашм мерасанд. Баъзе нақшҳо дар баландии 3200-3300 метр аз сатҳи баҳр воқеанд.

Қисмати асосии нақшҳои рӯи санг бо «усули техникии хол-хол» кашида шудааст, яъне бо ашёи оҳанӣ ва ё санг канда шудааст.

Дар баъзе ҳолатҳо ҳаккокии чуқури нақшҳо ба назар мерасад, ки бо ашёҳои металӣ канда шудааст. Баъзан нақшҳое дида мешаванд, ки бо нӯги корд кашида шудаанд.

Сюжети бисёр такроршавандаи нақшҳои рӯисангии Лангар саҳнаҳои гуногуни шикор, бештар шикори нахчирҳо ба шумор меравад.

Дарозии аксари нақшҳо 1-12 см буда, баъзан андомҳои то 30-40 см вомехӯранд. Андоми аз ҳама калон 80 см ва аз ҳама хурд 6 см аст.

Навъи дигари аҷиби нақшҳо тасвири рубобҳо, асбоби мусиқии дӯстдоштаи сокинони маҳаллӣ аст. Ҷолиби қайд аст, ки ғайр аз Осиёи Марказӣ дар ҳеҷ ҷойи дигар нақшҳои тасвиршудаи асбобҳои мусиқӣ дар чунин миқдор (дар ин ҷо қариб 300 нақш ёфт шудааст) вонамехӯранд. Дар эҷодиёти халқии Помир фарзияҳое асос карда шудааст, ки мувофиқи он гӯё рубоб таҷассумгари инсон буда, аз ин рӯ тасвирҳои мавҷуда ба расмҳои тансиқии одамон ниҳоят монанданд.

Боз як минтақае, ки бо нақши рӯи санги худ ҷолиб аст, Вибистдара ба ҳисоб меравад. Вибистдара дар масофаи 7-8 км болотар аз Дабаст (30 км дуртар аз шаҳри Хоруғ), дар охири дараи ҳамномаш ҷойгир шудааст. Дар ин ҷо чор гурӯҳи нақшаҳои рӯи санг дида мешавад. Аз байни онҳо дар «гурӯҳи марказӣ» нақшҳои зиёде мавҷуданд.

Нисбат ба аксари нақшҳои рӯи санг дар Помир, ки сюжети асосӣ шикори бузи кӯҳӣ бо камону санг ба ҳисоб меравад, нақшҳои рӯи санги Вибистдара ба мавзӯъҳои одамон ва нақшу нигори ороишӣ бахшида шудаанд.

Гурӯҳи қадимтарини нақшҳои рӯи санг ба нимаи дуюми ҳазораи то мелод тааллуқ дорад.

Нақшҳои зиёде дар варақсангҳои сиёҳ, дар водии дарёи Оқҷилға мавҷуданд, ки андозаи онҳо 23 х 19 метр аст. Онҳо асосан дар тарафи чапи дарёи Бозордара, дар шарқи Помир, дар масофаи якчанд километр аз боқимондаҳои

имрӯза, фарҳанг ва расму русуми динии аҳолии имрӯзаи водии дарёи Ширкентро намоиш медиҳанд.

Роҳи асосии обии дара дарёи Ширкент ва дарёҳои онро ба вуҷуд оранда-Сандалдарё ва Ҳазорхона ба шумор меравaнд. Ширкент ба дарёи Сурхондарё мерезад ва дарозиаш 47 км аст.

Дар болои деҳаи Пашми Кӯҳна пайроҳа танҳо қад-қади дарёи Сандалдарё мавҷуд аст. Дар дарёи Ҳазорхона роҳ нест ва роҳро ба болооби он оббурдаҳо бастаанд.

Олами ҳайвоноти минтақа гуногун аст. Дар ин ҷо паланги барфӣ, хирс, савсор, кокум, бузи кӯҳии сибириро дучор омадан мумкин аст. Баъзе аз навъҳои паррандагон ва ҳашарот, ки дар дара мавҷуданд, ба Китоби сурхи ҳайвоноти нодири Тоҷикистон даровaрда шудаанд.

Дар дараи Ширкент, аз тарафи чапи соҳили дарё роҳи ноҳамвори автомобилӣ сохта шудааст, ки он то ба охири дара рафта намерасад. Дар қисмати поёнии дара, қад-қади дарё хонаҳо, боғу токзорҳо ва заминҳои обчакории аҳолии маҳаллӣ воқеъ шудаанд.

Қисмати болоии дара азхуд нашудааст.

Дара барои дӯстдорони саёҳат ва кӯҳнавардон мароқангез аст. Зеро он дорои табиати асрорангезу нотакрор мебошад. Иқлими мусоид, талу теппаҳо ва манзараҳои нотакрори Ширкент дили ҳар сайёҳро ба тасхир меорад. Дараи Ширкент хатсайри алоҳидаи сермаҳсули туристӣ буда метавонад.

## 3.13. ЧИЛУЧОРЧАШМА

Чилучорчашма дар Тоҷикистон ва дар Ӯзбекистони ҳамсоя хеле машҳур аст. Дар ин мазеъ, ки дашту биёбон буд (то обёрӣ кардан ва сохтани шабакаҳои обёрӣ дар давраи шӯравӣ), аз таги теппаи начандон баланд панҷ чашмаи

калон фаввора зада ба 39 чашмаи майда тақсим мешавад. Оби ҳамаи чашмаҳо якҷоя шуда, ҷӯйбори калони васеъгиаш 12-13-метраро ташкил медиҳад ва дар он моҳии зиёде мавҷуд аст.

Мароқовар аст, ки моҳиҳо бо ҷараёни об ба поён намераванд, балки дар худи сарчашмаи обҳо дар масофаи 800-900 метр шино мекунанд.

Дар байни аҳолии таҳҷоӣ дар бораи пайдоиши чашма ривояте ҳаст. Ҳангоме ки ҳазрати Алӣ ба ин мавзеъ барои тарғиби ислом омад, дарёи наздиктарини Ромит хушк шуд. Он вақт Алӣ ба дарё лаънат хонда, онро Кофарниҳон ном кард. То ба макони ҳозираи Чилучорчашма расида, ба худо муноҷот кард, то об бифиристад ва ба таги теппа бо дастонаш зад. Аз ҷойи панҷаҳои ҳазрати Алӣ панҷ чашмаи обаш мусаффо баромад.

Чилучорчашма мавзеи зиёрат ба шумор меравад. Зиёраткунандагон ин ҷо таҳорат мекунанд, намоз мегузоранд, қурбонӣ меоваранд ва дар оби чашма оббозӣ мекунанд. Оби 17 чашмаи он шифобахш ба шумор меравад. Ҳар як чашма хусусияти табобат ва номи маҳаллии хос дорад: Чашмаи мӯйиң-аз рехтани мӯй, Хуни бинӣ-аз бинӣ рафтани хун, Чашмаи морон, Хунукзадагон-аз газидани мор ва аз шамол задан, Устухондард-аз касалиҳои устухон, Табларза- аз табларза, Шифо-шифобахш, Фишори хун- аз фишори хун, Сардард- аз дарди сар, Песҳо-аз песшавӣ, Мурод- аз ҳолати бади рӯҳӣ, Бефарзанд- аз беназлӣ, Гурда – аз бемориҳои гурда, Дилу ҷигар – аз бемориҳои дил ва ҷигар, Девонаҳо – аз бемориҳои рӯҳӣ, Чашму гӯш – аз бемориҳои чашму гӯш, Хориш – аз хориш.

Дар қисмати шарқии ҳудуди чашма теппаи на он қадар баланде вуҷуд дорад, ки дар болои он оромгоҳ ҷойгир аст. Дар он гӯё Қамбар Бобо ном авлиёе гӯронида шудааст. Тибқи ривоятҳо ӯ сарвари аспхонаи ҳазрати Алӣ ба шумор

мерафтааст. Дар қарибии ин қабр боз чор қабри авлиёҳои дигар мавҷуд аст, ки номҳояшон маълум нест.

Имрӯз дар ҳудуди чашма боғи калони дарахтони мевадор воқеъ аст. Ҳамчунин чанд хона барои зиёраткунандагон сохта шудааст. Зиёраткунандагон асосан аз моҳи апрел то моҳи сентябр сершуморанд.

Барои рушди минбаъдаи мавзеи Чилучорчашма бунёди ҳарчӣ бештари иншооти замонавии ба талаботи сайру саёҳат ва зиёрат мувофиқ зарур аст.

## 3.14. КӮҲИ НАМАКИ ХОҶА МӮЪМИН.

Агар ба воситаи роҳи автомобилгард аз шаҳри Кӯлоб ба тарафи шаҳраки Восеъ ҳаракат кунед, аз роҳ ёдгориҳои беназири табиатро хоҳед дид, ки он кӯҳи намаки Хоҷа мӯъмин буда, дар водӣ ба баландии 900 метр қад кашидааст. Гунбази намакӣ тухмшакл буда, дарозии он бо қутраш ба 8,5 км мерасад. Нишебиҳои Хоҷа Мӯъмин дар доманакӯҳ ҷаридор буда, баландии деворҳои урёни намакӣ то ба 500 м мерасад. Хати рах-рахи намак, ки ба сабаби табдили қабати тозаи намак, ки васеъгиаш 5-15 см аст, бо қабати сиёҳранги бо омехтаҳои хоку рег бо ғафсии қариб 1,5 см ба вуҷуд омадааст, ба чашм мерасад. Намак дар ин ҷо қариб 20 ҳазор сол боз ҷамъ шудааст.

Чандсад сол қабл сайёҳи венетсиягӣ Марко Поло ба ин ҷо омада, навишта буд: «Намак дар ин ҷо хеле сахт аст, онро дар шакли пораҳои калон майда мекунанд ва он чунон бисёр аст, ки ба тамоми дунё, то ба охиррасии олам мерасад».

Мувофиқи пешгӯии геологҳо Хоҷа Мӯъмин зиёда аз 30 млрд тонна намаки оширо ҳифз мекунад. Аз рӯйи ҳаҷми гунбази намакии заминӣ Хоҷа Мӯъмин пас аз Кӯҳи намак, ки дар Эрон воқест ва баландиаш тахминан 1200 м аст, дар

ҷойи дуввум меистад. Чунин сарчашмаҳо дар рӯи олам зиёда аз 160-тоянд. Ин сарчашмаҳо метавонанд асоси табобатгоҳҳои балнеологӣ (гармобашиносӣ) ва осоишгоҳҳо бошанд.

Боз як аҷоиботи Хоҷа Мӯъмин ғорҳои он ба шумор меравад, ки аз ҳама калонтаринаш қариб 350 м дарозӣ дорад ва бо «мусиқавӣ» будани худ машҳур гаштааст. Фарзияҳое ҳастанд, ки дарозии он аз 1 км ҳам зиёд аст, вале ин тахминро санҷидан хеле душвор аст, зеро даромади асосӣ аз тарқишҳо ва гузаргоҳҳои танг иборат аст.

Садои хуш ва ғайриоддиро шамолҳое, ки аз байни шӯшаҳои дарозу борики аз сақф овезони намак – сталактитҳо мевазанд, тавлид мекунанд. Он шӯшаҳо ғорро зебу зиннат медиҳанд. Ин ғорҳо дар натиҷаи аз даруни кӯҳ шустани натрийи хлорид ба вуҷуд омадаанд.

Баландии толорҳо дар ғорҳои азим то ба 8-10 м мерасад. Аз таги онҳо оби ҷуйборҳое ҷорист, ки аз байни тарқишҳо ба умқи пурасрори кӯҳ гузашта, дар назди нишебиҳои он ба рӯи замин мебарояд. Дар ғорҳо мушҳои паррон ва ҳашароти дигар зиндагӣ мекунанд. Бориш дар қисмати воқеъгаштаи кӯҳи намак он қадар бисёр нест. Боронҳо одатан дар моҳи май қатъ мегарданд ва то моҳи ноябр ҳавои гарми хушк боқӣ мемонад. Вале ҷӯйчаҳои намакӣ аз кӯҳ ҷориянду ҷорӣ, гӯё Хоҷа Мӯъмин ашкҳои тамомнашавандаи худро мерезад. Аз куҷо ин қадар об пайдо мешавад?

Дар ғорҳо, ки микдори онҳо бешумор аст, бо сабаби дер напойиданашон ҳайкалҳои аҷоиби намакӣ дар шакли бурҷ, махлуқоти афсонавӣ ва монанди ин, ки худи табиат офаридааст, вомехӯранд. Вале мӯҳлати мавҷудияти онҳо мисли ғорҳо кӯтоҳ аст, зеро бо шуста шудани намаки бунёдашон вазни худро нигоҳ дошта натавониста вайрон мешаванд.

Далели дар болои кӯҳ рӯидани дарахтону растаниҳои зиёд, касро ба ҳайрат мегузорад. Дар ин ҷо дарахти писта, нок, арча, заранг, дӯлона, хулон ва боз рустаниҳои буттагию ҳар гуна алафҳоро дучор омадан мумкин аст. Чӣ тавр дар кӯҳе, ки аз намак иборат аст, ин қадар рустаниву буттаҳо мерӯянд, ки ҳатто ба камии хоки намакдор тоқат надоранд? Чӣ гуна ин кӯҳи азими намакӣ ташкил шудааст ва аз куҷо қабати хокӣ бо ғафсии 2-3 метр дар он пайдо гаштааст? Геологҳо тахмин мекунанд, ки дар замонҳои қадим дар ҳудуди Осиёи Марказии ҳозира баҳри бузурги гарме будааст, ки дар натиҷаи хушк шудани иқлим ва пайдо шудани кӯҳҳо оҳиста-оҳиста хурд шуда, паси худ халиҷ ва ё кӯлҳои аз бахр ҷудошуда боқӣ гузоштааст, ки яке аз онҳо дар мавқеи ҷойгирифтаи Хоҷа Мӯъмин будааст. Мӯҳлати тӯлоние ин кӯлҳои аз баҳр ҷудошуда нақши буғкунандаи оби бахрро иҷро кардаанд, ки дар натиҷа намаки зиёде ҷамъ шудааст.

Баъдтар дар натиҷаи пайдошавии кӯҳ қабатҳои дар даруни кӯлҳо хушкшудаи намак ҳангоми ҷараёни тектоник дар ҷараёни тағйирёбии қабатҳои замин он такшонҳои намак ба боло бардошта шуда, кӯҳро ташкил кардаанд.

Хок дар болои кӯҳи намак дар натиҷаи такшон шудани чангу ғуборе, ки шамол овардааст, дар мӯҳлати дуру дарозе пайдо шудааст. Ин ба маънии том замини шамоловарда аст.

Солҳои пеш намаксангро ба воситаи болғаҳои махсус шикаста, он пораҳои намакро, ки дарозиашон қариб 1 метр ва ғафсиашон 20-25 см аст чун маҳсулоти хуби муовиза (бартер) истифода мебурданд.

Ҳоло дар асоси манбаи намаки Хоҷа Мӯъмин заводҳои истеҳсоли намак фаъолият менамоянд, ки бо роҳи буғкунии обҳои намакдор намакоби табобатӣ ва намаки ош истеҳсол карда мешавад.

Дар тахшини хушки намакоб 98% натрийи хлордори аълосифат вуҷуд дорад. Пас аз ғундоштани намак оби ҷӯйчаҳоро боз ба ваннаи сунъӣ равона мекунанд ва ҳамин тавр тамоми мавсим аз моҳи май то моҳи сентябр намак истеҳсол мешавад.

Ҳамчунин дар ин ҷо намаки хӯрокӣ барои ҳайвоноти хонагӣ – «лизунец» истеҳсол карда мешавад.

Ба қуллаҳои Хоҷа Мӯъмин баромадан он қадар осон нест, зеро болои гунбази кӯҳ ҷариҳо, чуқуриҳо, заминҳои фурӯрафта, ки аз 200 метр зиёдтар аст, мавҷуданд. Бисёр чуқуриҳо шакли чоҳҳои амудӣ ва даҳонаи сиёҳии даҳшатангез доранд. Овози санги ба ин чоҳҳо партофта қариб аз боло шунида намешавад. Ба ғайр аз ин, дар девори ноҳамвори чуқуриҳо теғаҳои тези намакии то 1,5 -2 –метра вуҷуд доранд, ки қисми зиёди чоҳро пӯшонида, онро душворгузару хатарнок месозанд. Геологҳо шоҳиди он буданд, ки хуки ваҳшии аз ҷарӣ афтода дар «ханҷари» намакӣ халида мондааст.

Начандон дуртар аз Хоҷа Мӯъмин минтақаи намакии дигар – Хоҷа Сартез воқеъ гаштааст. Захираи намаки Хоҷа Сартез аз Хоҷа Мӯъмин ҳам зиёдтар аст, ки он ба зиёда аз 40 млрд тонна баробар аст.

Кӯҳи намаки Хоҷа Мӯъмин озмоишгоҳи табиии аҷиб барои гидрогеологҳо, хокшиносон, ботаникҳо, экологҳо ва албатта, барои сайёҳон, дӯстдорони аҷоибот ба шумор меравад.

## 3.15. ҚУЛЛАИ ИСМОИЛИ СОМОНӢ

Яке аз мавзеҳои шинохтатарини сайёҳию кӯҳнавардии Тоҷикистон, ки дар Помир ҷойгир аст Қуллаи Исмоили Сомонӣ мебошад. Қулла баландтарин дар миқёси Иттиҳоди давлатҳои мустақил буда, ибтидо бо номи

Қуллаи Сталин ва баъдтар, соли 1962 номи Коммунизмро гирифт. Аз соли 2000-ум ба ифтихори поягузори аввалин давлати тоҷикон дар асри X-Исмоили Сомонӣ қулла Исмоили Сомонӣ номгузорӣ шуд. Баландии қулла 7495 метр аз сатҳи баҳр аст.

Қулла соли 1928 ҳангоми экпедитсияи илмии шӯравию олмонӣ кашф карда шуд. Соли 1933 аз тарафи гурӯҳи экспедитсияи илмии Тоҷикистону Помир аз пиряхи Бивачний баромадан ба қуллаи баландтарин сурат гирифт ва дар собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ аввалин маротиба қадами одамӣ ба он расид. Қулла 2 сентябр маротибаи нахустин аз тарафи Е. Абалаков фатҳ карда шуд.

То соли 1962 қулларо танҳо кӯҳнавардони шӯравӣ фатҳ карданд. Аввалин кӯҳнавардони хориҷӣ, ки қулларо фатҳ карданд, англисҳо буданд.

Воситаи аз ҳама мувофиқи расонидани сайёҳон ва кӯҳнавардон ба минтақаи қулла 30 – 40 дақиқа парвоз кардан бо чархбол аз фурудгоҳи Ҷиргатол аст. Ба шаҳраки Ҷиргатол сайёҳон ба воситаи автомобил ва ё ҳавопаймо аз Душанбе оварда мешаванд.

Макони мувофиқи қароргоҳ барои иштирокдорони экспедитсияҳо, сайёҳон ва кӯҳнавардон болооби пиряхи Фортамбек ба шумор меравад, ки табиат он ҷо ду ҷои хуберо барои ин мақсад офаридааст. Ин майдончаҳои ба номи Сулоев ва Москвин аст, ки дар он ҷо хатсайрҳои оддӣ ва бехатари ба қуллаҳои Исмоили Сомонӣ ва Е. Коженевская (7105м.) наздик ҷойгирифта мавҷуданд.

Майдончаи Сулоев дар баландии 4100 метр аз сатҳи баҳр, дар «кисаи» чапи пиряхи Турамис (сарчашмаи пиряхи Фортамбек) воқеъ аст.

Солҳои 1971 – 1977 дар майдончаи Сулоев экспедитсияи тиббию биологии Академияи илмҳои РСС

Тоҷикистон фаъолият намуда, масъалаи мутобиқшавии организми (ҷисмҳои) зиндаро ба шароити баландкӯҳ омӯхта, ҳамон вақт дар он ҷо ду хоначаи бемористон бунёд карда буд. Аз ин ҷо кӯҳнавардони Ҷамъияти варзиши «Буревестник» роҳи оддиеро ба боло, ба барфхонаи пуштакӯҳи Помир (кӯҳи ҳамвори 12-километра дар баландии 6000 м.) ва баъдан ба қуллаи Коммунизм бо яке аз қирраҳои кӯҳ кушоданд. Аз он вақт то ҳол онро «Қирраи Буревестник» меноманд.

Дар солҳои 80-уми асри XX дар барфхонаи пуштакӯҳи Помир роҳи боз ҳам кӯтоҳтаре аз пиряхи Валтер ба воситаи қирра – қирраи кӯҳ кушода шуд, ки номи «Қирраи Бородник» - ро гирифт. Маркази фаъоли кӯҳнавардон оҳиста – оҳиста ба майдончаи дигар - майдончаи ба номи Москвин гузашт, ки имрӯз маркази кӯҳнавардии ширкати «Алп - Наврӯз» ҷойгир аст.

Қароргоҳ дар минтақае, ки иқлими баландкӯҳ наздик аст, дар баландии 4200 метр аз сатҳи баҳр, дар зинаҳои соҳили шарқӣ, дар ҷойи якшавии пиряхҳои Валтер ва Москвин (шохоби шарқии пиряхи Фортамбек) ҷойгир шудааст. Ин қароргоҳ ба сабаби наздикиаш ба доманаи баландии кӯҳ барои фатҳи қуллаҳои Исмоили Сомонӣ ва Е. Корженевская хеле мувофиқ ҳисоб меёбад. Майдон дар пиряхи Москвин (масоҳати умумиаш қариб 10 га.) дар бобати сангғелӣ ва фаромадани тарма ҳам бехатар аст.

Дар майдони Москвин кӯли начандон калон, ки оби чашмаҳо ба он мерезад, 4 хаймаи гарм барои дунафарӣ, ки ҳангоми мавсими сайёҳиву кӯҳнавардӣ маъмурияти қароргоҳ ҷойгир мешавад, 11 хоначаи дунафараи чӯбину алюминӣ барои кӯҳнавардону сайёҳон, маркази муоширaт (павилёон - ошхона), душ, ҳаммоми хушк ва

дигар иншоот мавҷуд аст. Дар ҳолати зарурӣ хаймаҳои брезентии каркасӣ гузошта мешаванд.

Сарчашмаи асосии қувваи барқ дар майдончаи Москвин дизел – генератор ба шумор меравад. Барои тайёр намудани хӯрок бошад, аз гази табиӣ истифода мебаранд. Сӯзишвории дизелӣ ва гази табиӣ ба воситаи чархбол аз Душанбе оварда мешаванд. Дар ҳамин ҷо ҳамчунин майдончаи мувофиқ барои чархбол вуҷуд дорад.

Ҳоло ду усули расонидани одамон, бор ва хӯрокворӣ ба майдончаи Москвин истифода мешавад. Яке бо чархбол аз шаҳри Душанбе (вақти парвоз ба як тараф якуним соатро ташкил медиҳад) ё ба воситаи автомобил (350 км). Роҳ аз пойтахт ба шарқ, қад – қади дарёҳои Вахш, Сурхоб ва Муксу то шаҳраки Депшар (дар наздикии шаҳраки Ҷиргатол) ва пас аз он 7 рӯз пиёда то нуқтаи охирин, ба воситаи чор ағба (Белканд, Иргай, Тамошо ва Қурайшапак) ба шохаҳои шимоли силсилакӯҳҳои Пётри 1 бо ҳамроҳии борбардороне, ки омодагии махсуси кӯҳгарди доранд, сурат мегирад.

Имрӯзҳо муддати фаъолияти қароргоҳ дар майдончаи Москвин аз ду – се моҳ зиёд нест (июл - сентябр). Вақтҳои дигар ба он ҷо ба сабаби дастнорас ва хунук будани шароити обу ҳаво (ҳарорати паст, шамол, барф, баландӣ) тамоман касе намеравад ва дар ҳолати бефаъолият қарор дорад. Айни ҳол ҷиҳати истифодаи мақсаднок ва манфиатовари ин дастоварди табиӣ зарур аст, ки сохторҳои марбута онро миёни дӯстдорони варзиши кӯҳнавардӣ, сайёҳони ватанию хориҷӣ ҳарчӣ бештар муаррифӣ намоянд. Зеро дар ҷаҳон аз ҳисоби варзиши кӯҳнавардӣ ва сайёҳии кӯҳнавардӣ даромадҳои зиёд ба даст меоранд.

## 3.16. МАҶМААИ ТАБОБАТӢ-ИСТИРОҲАТИИ ГАРМЧАШМА

Чашмаи минералии Гармчашма дар баландии 2325 метр аз сатҳи баҳр, дар ғарби нишебии силсилакӯҳҳои Шоҳдара, дар миёнаи ҷараёни дарёи Гармчашма, шохоби дарёи Панҷ ҷойгир шудааст.

Чашма умри чандинҳазорсола дорад, зеро дар тӯли чандинасраи мавҷудияташ дар ин ҷо таҳшинҳои оҳаксанг (шӯшаҳои оҳак) ҷамъ шуда, ба тарафи дарё чун шалола овезонанд.

Ин шалолаҳо ва шӯшаҳо ранги сафеди равшан, зардчатоб ва хурмоӣ дошта, дар шакли теппаҳои сарбурида ба масофаи қариб 1,5 километр, паҳноияшон 40-45 метр, баландиашон аз 7 то 35 метр, тӯл кашидаанд. Оби минералӣ ба болои ин теппаҳо рост чун теға аз қаъри замин найзавор фаввора зада мебарояд, ки қади ҷаҳиши он аз 10 см то ба 1,5 метр мерасад. Дар як сония аз ин найзачаҳо аз 5 то 7 литр об мебарояд. Об ба қабати болоии замин ҳубобчаҳои оҳакию – калситиро дар шакли дуруст мебарорад, ки қутри он аз 0,5 то ба 3-4 см баробар аст. Ин ҳубобчаҳои об хусусияти моддаҳои омехтаи тираи оҳаксанг – гаҷ ва бӯр доранд. Таҳшинҳои ҳубобчаҳо, шалолаю шӯшаҳо ва теппаҳои ҳавзмонанди оҳаксангиро ташкил медиҳанд, ки масоҳаташон аз 0,5 то 20 метри мураббаъ ва ҷуқуриашон то ба ним метр мерасад. Ин ҳавзҳо бо оби гарми фирӯзаранг, ки дар таркибаш оҳан, алюминий, магний, стронсий, фтор ва дигар микроэлементҳои аз ҷиҳати биологӣ фаъол дорад, пур шудаанд. Об ҳамчунин дар таркибаш ба миқдори зиёд сулфид (170 миллиграмм дар литр), кислотаи силитсийдор (135 миллиграмм дар литр), ангидриди карбон (381 миллиграмм дар литр) дорад.

Ҳарорати об ҳангоми баромадан аз найзачаҳо ба берун қариб ба 62 дараҷаи Селси мерасад. Дар ҳавзҳо бошад, ҳарорати он вобаста ба наздик будани чашма, аз 38 то ба 50 дараҷа мерасад. Деворҳои берунии обанбор бо шушаҳои оҳакии ба он часпида ва бо рангҳои мухталифи шушаҳо оро ёфта манзараи наҷиберо пеш назар ҷилвагар месозанд. Таги ҳавзи аз ҳама калон бо таҳшини тунуки нарми карбонати калсий ва омехтаи сулфид пӯшонида шудааст.

Дар ин минтақа сарчашмаҳои ангидриди карбондоре низ мавҷуданд, ки мудом 14 дараҷа гарм буда, оби онро сокинони маҳаллӣ чун оби нӯшокӣ истифода мебаранд.

Сарчашмаи оби гарм чун ҳастии нодир дар табиат аз давраҳои пеш диққати сокинони маҳаллиро ба худ мекашид. Дар обҳои он худро табобат мекарданд, дар натиҷа шифо мeёфтанд ва ё бемориашон каме сабук мешуд ва ин амал боиси муқаддас эълон шудани чашма мегашт. Мувофиқи қайдҳои сафари сайёҳоне, ки дар охири асри XIX ба ин ҷойҳо омадаанд, сокинони ин мавзеъҳо дар паҳлӯи ҷое, ки оби чашма мебаромад, дар танаи шахи кӯҳ мисли меҳроб тоқчаҳо сохта, дар онҳо ҳар гуна ашёҳои муқаддасро мегузоштанд ва дар он шамъ фурӯзон буд. Анъанаҳои эҳтиром доштан ба сарчашмаҳои об ба қаъри асрҳо меравад ва таърихи муқаддас доштани обанборҳо ва сарчашмаҳои об хеле кам омӯхта шудааст.

Як омили муҳими осоишгоҳ қарор гирифтани макони ҷойгиршавии чашмаҳо бар замми табобат бо оби чашма обу ҳавои форами маҳал аст, ки барои шифо ёфтан аз бемориҳои дил, системаи асаб, миён пой, пӯст ва касалиҳои занона мусоидат менамояд.

Соли 1957 дар ҷои баромади обҳои минералӣ табобатгоҳи «Гармчашма» бунёд гардид, ки баъдан чандин маротиба тармиму бозсозӣ шудааст.

Ба ин ҷо аз шаҳри Хоруғ бо таксӣ дар муддати як соат омадан мумкин аст. Маблағи роҳкиро шартномавист ва аз 20 то 30 доллари амрикоиро ташкил медиҳад. Дар коттеҷҳои алоҳидаи ободи «Гармчашма» ҷой гирифтан мумкин аст. Маблағи он айни ҳол аз 5 то 7 доллари амрикоиро ташкил мекунад.

## 3.17. КӮЛҲОИ ПОМИР: ҚАРОКӮЛ, ЯШИЛКӮЛ ВА БУЛУНКӮЛ.

***Қарокӯл***

Аз ҳама обанбори табии калони Тоҷикистон кӯли Қарокӯл (Кӯли сиёҳ) ба шумор меравад, ки дар шарқи Помир, дар баландии қариб 3900 метр аз сатҳи баҳр ҷойгир шудааст. Масоҳати сатҳи оби кӯл 380 километри мураббаъ, ҷуқурии он 238 метр буда, дарозиаш 33 километр ва васеъгиаш 23 километрро ташкил медиҳад. Ҷазираи калони сисилакӯҳ, ки аз соҳили шимолии кӯл ба соҳили ҷанубии он дароз кашидааст, кӯлро ба ду қисм ҷудо мекунад: қисмати шарқии кӯл, ки сатҳи обаш на чандон чуқур аст ва ғарбӣ, ки обаш чуқур аст. Ҳанӯз дар охири асриXIX қисмати шимолии кӯл ба соҳил ба воситаи гарданаи танге пайваст буд. Ҳоло ин гардана нест шудааст. Ба кӯл оби дарёҳои Қароҷилға, Қароарт, Музкол ва чандин дарёчаҳои хурд мерезад, вале аз кӯл ягон қатрае ҷорӣ намешавад. Оби кӯл бемаҷро ва талху шӯр аст. Дар саргаҳи дарёчаҳои кӯҳӣ, ки ба кӯл мерезанд ва оби онҳо тоза ва ширин аст, моҳичаҳои обҳои ширин (голец) зиндагӣ мекунанд. Дар ҷазира моҳихӯракҳои сарсиёҳ лона мегузоранд. Соҳилҳои кӯл саҳрои баландкӯҳи оддӣ буда, танҳо дар баъзе ҷойҳои об ғеша, марҷумаки помирӣ ва шӯрабуттаҳо вомехӯранд.

Хусусияти ҷолиби Қарокӯл он аст, ки соҳилҳояш дар масофаи дурудароз дар зери як хобанд ва инчунин ях дар

таги кӯл ҳам ба чашм мерасад. Дар байни олимон, бобати он ки ин яхҳо аз куҷо пайдо шудаанд, ақидаи якхела мавҷуд нест. Гурӯҳе бар он ақидаанд, ки ин боқимондаҳои пиряххои қадим аст, дигарон онро чун боқимондаҳои сипари пиряхҳо, ки дар давраи яхбандӣ чуқуриро пур кардааст, шарҳ медиҳанд. Гурӯҳи сеюм бар он андешаанд, ки ин яхҳо дар замони ҳозира пайдо шудаанд.

Дар ҳар сурат, яхҳои соҳил оҳиста – оҳиста об мешаванд ва дар натиҷа фурӯравиҳо, гулӯгоҳҳо, кӯлчаҳо пайдо гардида, аз соҳилҳо ҷазираҳои хурд ҷудо мешаванд ва худи кӯл ҳаҷмашро оҳиста – оҳиста тағйир медиҳад.

Ҳавзаи Қарокӯл боз аз он ҷиҳат ҷолиб аст, ки вай биёбони бедолу дарахти Помир ба шумор меравад. Дар ин ҷо боришоти аз ҳама кам, бист миллиметр дар як сол мушоҳида мешавад.

Сатҳи оби Қарокӯл сиёҳ набуда (чунон ки номаш ин маъниро медиҳад), вобаста ба расидани нурҳои офтоб ба сатҳи ороми кӯл кабуди баланд, кабуд ва сабзранг ба назар метобад.

Дар соҳили шарқии кӯл, дар наздикии роҳи автомобилгард водии машҳури Қарокӯл, ки он ҷо асосан қирғизҳо зиндагӣ мекунанд, доман паҳн кардааст. Номи ин водиро баъзеҳо чун Води гирдбодҳо ва дигарон чун Води марг маънидод кардаанд. Вале саҳеҳтар аз ҳама номи он Води оби мурда аст. Барои чӣ онро чунин номидаанд, гуфтан мушки ласт. Шояд барои он ки ин макон дар роҳи сайёҳон аввалин мавзеъ пас водии зархези Олой буда, ва фарқи онҳо аз замин то осмон аст.

Дар ин ҷо қароргоҳи оламшумули давраи сангӣ Ошхона (асри VIII то мелод) кушода шуда буд, ки он макони зиндагии мавсимии шикорчиён ба шумор мерафт. Дар минтақаи шаҳраки Қароарт, тахминан 1 километр дуртар аз роҳи автомобилгарди Мурғоб – Ош, дар баландии 3950

метр аз сатҳи баҳр маҷмааи меъмории миёнаи ҳазораи якум, ки аз расадхона ва ибодатгоҳи парастиши ҳайвонот иборат аст, вуҷуд дорад.

Минтақаи Қарокӯл аз лиҳози обу ҳаво бисёр минтақаи сахт, вале аз ҷиҳати он ки сарзамини дар ҳолати асл боқимонда, дастнарасидаю дастнорас аст, ба тарзи худ барои сайёҳон ҷолибу гуворост.

***Яшилкӯл ва Булункӯл***

Агар бо мошин ба воситаи шоҳроҳи Помир равона шавед, тахминан дар миёна, байни ағбаи Кайтезак (4271 м) ва шаҳраки Аличӯл гардишгоҳе аз роҳи асосӣ (нишондиҳандаи роҳ гузошта шудааст) мавҷуд аст, ки рост ба кӯлҳои шириноби Булункӯл ва Яшилкӯл мебарад. Аз тарафи шаҳраки Мурғоб бошад, гардишгоҳ ба сӯйи Яшилкӯл дар километри 145 –ум воқеъ гардидааст. Аз гардишгоҳи роҳи асосӣ то ба 15 километр масофа роҳи ноҳамвор аст.

Тарҷумаи Яшилкӯл маънии «Кӯли сабз»-ро медиҳад. Он дар баландии 3700 метр аз сатҳи баҳр ҷойгир шуда, дарозиаш қариб 19 километр, васеъгиаш аз 1 то 4 километр, ҷуқуриаш то 50 метр аст ва ҳарорати об аз 14 дараҷа гарм зиёд намешавад. Обаш софу шаффоф буда, аз зери он селаи моҳиҳоро (осмонмоҳиву ширмоҳӣ) дидан мумкин аст, ки дар тунукобаҳо ва шоху баргҳои буттаҳои обӣ, байни сангҳо шино мекунанд. Дар байни ҷойҳои ғайритабиии олами кӯҳҳои Помир чунин мавзеъҳои ба худ хос, мисли Яшилк вомехӯранд.

Кӯл дар натиҷаи кӯчидани кӯҳ ва бастани пеши дараи Аличӯл пайдо шудааст. Дарозии кӯчиш зиёда аз 4 километр, қутраш 100- 110 метр аст. Об ба воситаи канораи ҷанубии сангтӯда ҷорӣ гардида, маҳз аз ҳамин ҷо дарёи Ғунд сар мешавад ва пас аз 200 км ба дарёи Панҷ мерезад. Дар тӯда пайроҳаи қадим мавҷуд аст, ки аз канори он аз тарафи

геологҳо харсанги хорое ёфта шудааст. Дар харсанг бо забони арабӣ навиштаҷоте ҳаст, ки дар он номи онҳое, ки дар замони гузашта ин пайроҳаро сохтаанд, сабт ёфтааст.

Дар саргаҳи Аличӯл мавзеи ботлоқзор ва ғӯшазор вуҷуд дорад. Дар ин ҷо қисмати шарқии Яшилкӯл, тарафи аз ҳама тунукобаи кӯл ҷойгир аст. Ҷои ба кӯл рехтани дарё чун нуқтаи равшани сабз намудор аст. Дар наздикии саргаҳи дарёи Аличӯл сарчашмаи оби гарми сулфиддор-Иссиқбулоқ мавҷуд аст. Дар он об аз чор найзачаи дар қад – қади доманаи массиви хоросанг ҷойгиршуда фавора зада мебарояд ва ҳарорати об то ба 71 дараҷа гармӣ мерасад.

Чашма бо биноҳои нимвайронаи гилӣ иҳота шудааст (шояд мазор ва ё мақбарае бошад) ва сокинони маҳаллӣ онро муқаддас мешуморанд. Дар даруни иншооти на он қадар калони гилӣ барои ҷамъ кардани об аз чашмаи гарм ҳавзе мавҷуд аст.

Харсангҳои ноҳамвори хоро аз тарафи шимолии кӯл қариб то ба сатҳи об омада мерасанд. Танҳо як гузаргоҳи танге, ки васеъгиаш чанд метр аст, онро аз об ҷудо месозад. Агар бо соҳили шимолӣ ҳаракат кунед, то ба тӯдае, ки кӯлро ташкил додааст, расидан мумкин аст. Роҳи автомобилгард ва тарафи шимол фақат то ҷойи резиши оби дарёи Марҷонаи Калон ба кӯл меравад, минбаъд то ба худи тӯда танҳо пайроҳаи пиёдагард мебарад.

Барои расидан ба соҳили чапи кӯл лозим меояд, ки дар ҷои резиши дарёи Аличӯл ба кӯл аз ҷое, ки тунукоба аст, аз дарё гузаред.

Бо кӯл ривояту афсонаҳои зиёде алоқамандананд. Ривояти аз ҳама қадима афсонаи ҳайвони азим аст, ки қирғизҳои ин ҷо Туясу – Шутури обӣ меноманд ва он гӯё дар кӯл зиндагӣ мекунад.

Дар Яшилкӯл сохтмони иншооте давом дорад, ки сохтани он ба танзими об барои истифодаи соҳаи кишоварзӣ ва коркарди нерӯи барқ мусоидат мекунад.

Кӯли Булункӯл аз ҷиҳати ҳаҷм аз кӯли Яшилкӯл хеле хурд аст ва ба он бо маҷрои танге пайваст аст. Оби кӯл ширин аст, рустаниҳои обии зиёде дорад, мурғобӣ ва ғозҳоро дидан мумкин аст, ки дар сатҳи оби ороми кӯл шино мекунанд ва инчунин моҳихӯракҳо, ки дар болои онҳо парвоз доранд. Қобили қайд аст, ки дар ин кӯл соҳаи моҳипарварии аввалин дар Помир ташкил дода шуд. Аз моҳи май то ба моҳҳои сентябр, октябр моҳигирон дар даҳанаи дарёчаҳо, ки ба кӯл мерезанд, тӯри моҳидорӣ мегузоранд ва моҳӣ медоранд.

Минтақаи кӯли Булункӯл боз бо он машҳур аст, ки зимистон дараҷаи аз ҳама паст дар Осиёи Марказӣ – 63 дараҷа хунук ба қайд гирифта шудааст.

Вақти аз ҳама хуби ба кӯл омадан моҳҳои июл – сентябр аст. Шабро дар шаҳраки Булункӯл, ки дар назди кӯли ҳамномаш ҷойгир шудааст, гузаронидан мумкин аст. Кӯлҳои зикргардида дар Помир мӯъҷизаи нотакрор ва арзишманди табиат дар Помир буда, дили ҳар нафаре, ки ин ҷо ба саёҳат меояд ба тасхир меорад.

# АДАБИЁТ


Азар В. Туризм-ещё один феномен XX в. // Туризм: практика, проблемы, перспективы. – М.: РМАТ, 1992.

География рекреационных систем СССР. – М.: Наука, 1980.

Гуляев В.Г. Туризм: экономика и социальное развитие.- М.: Финансы и статистика, 2002.

Ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ ва табиии Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, Ирфон, 2006.

Зорин И. В., Квартальнов В.А. Энциклопедия туризма: справочник. – М.: Финансы и статистика, 2000.

Квартальнов В.А. Международный туризм.-Москва, 1998.

Квартальнов В.А. Теория и практика туризма: Учебник.- М.: Финансы и статистика, 2003.

Козлов В.Н., Филиппович Л.С., Чалая И.П. и др. Рекреационные ресурсы СССР: Проблемы рационального использования. – М.:. Наука, 1990.

Косолапов А.Б. Теория и практика рекреационного природопользования. – Владивосток: ДВГАЭУ, 2001.

Қодиров Ф.С. Саёҳатшиносӣ: луғати мухтасари калимаву ибороти маъмули соҳавӣ.-Душанбе, Истеъдод, 2010

Қодиров Ф.С. Фаъолияти сайёҳӣ.- Душанбе, Эҷод,2010.

Қодирова М.И., Қодиров Ф.С. Асосҳои туризм.- Душанбе, Ирфон, 2012.

Маргунов А.И. Таджикистан-край туризма. - Душанбе,1980.

Мадаминов А. Интуристические маршруты Таджикистана.-Душанбе, 1981.

Муҳаббатов Х. Ганҷинаи табиати Тоҷикистон.- Душанбе,1987.

Патрунов Ф.Г. По Таджикистану.-Душанбе, 1987.

Панагуци Н. По горним тропам.-Душанбе, 1983.

Раҳимов М. Табиат ва сарватҳои табиии Тоҷикистон.-Душанбе, ПИК «Офсет», 2001.

Родичкин И.Д. Человек, среда, отдых. – Киев: Будильник, 1977.

Салимов Т.О., Сафаров Н.М. Тоҷикистон дар масири муҳити зист (20 соли истиқлолият),-Душанбе, 2011

Сапожников Г.Н. Мамнӯъгоҳҳои Тоҷикистон.-Душанбе, 1973.

Сенин В.С. Организация международного туризма. Учебник.- М.: Финансы и статистика, 2004.

Туризми фарҳангӣ: ташаккулёбӣ, рушд ва проблемаҳо дар шароити Тоҷикистон // Маҷмӯаи мақолаҳо ва баромадҳои иштирокчиёни семинари ҷумҳуриявӣ.-Душанбе, 2011.

## МУНДАРИҶА


Муқаддима

Боби 1. Асосҳои назариявии ҳифз, барқарорсозӣ ва истифодаи ёдгориҳои фарҳангӣ-таърихӣ ва табиӣ.....................................5

1.1. Мафҳуми ёдгорӣ. Хусусиятҳои фарққунандаи ёдгориҳо......5

1.2. Мафҳум ва моҳияти ҳифз, барқарорсозӣ ва истифодаи ёдгориҳои фарҳангӣ-таърихӣ ва табиӣ..............................7

1.3. Танзими раванди ҳифз ва истифодаи ёдгориҳои фарҳангӣ-таърихӣ ва табиӣ..............................................9

1.4. Идоракунӣ ва назорати раванди ҳифз ва истифодаи ёдгориҳои фарҳангӣ-таърихӣ ва табиӣ..............................12

1.5. Заминаҳои ҳуқуқии ҳифз ва истифодаи ёдгориҳои фарҳангӣ-таърихӣ ва табиӣ.............................................15

1.6. Таснифоти ёдгориҳои фарҳангӣ-таърихӣ ва табиӣ...... .... 18

1.7. Омӯзиш ва азхудкунии ёдгориҳои фарҳангӣ-таърихӣ ва табиӣ....................................................22

Боби 2. Нақши захираҳои фарҳангӣ-таърихӣ ва табиӣ дар туризм.....................................................25

2.1. Ёдгориҳои фарҳангӣ-таърихӣ ва табиӣ ҳамчун захираи туристӣ..............................................................25

2.2. Мероси таърихӣ – фарҳангӣ омили рушди туризми фарҳангӣ..................................................34

2.3 Нақш ва вазифаҳои мероси фарҳангӣ-таърихӣ ва табиӣ дар сиёсати минтақавӣ.........................................38

2.4. Иқтидори фарҳангӣ-таърихӣ ва табиӣ дар системаи туризми байналмиллалӣ..................................41

2.5. Захираҳои рекреатсионии фарҳангӣ-таърихӣ. Моҳият, таснифот ва баҳодиҳӣ..........................................44

2.6. Принсипҳои асосии азхудкунии рекреатсионии мероси фарҳангӣ-таърихӣ ва табиӣ……………………………………..… …48

2.7. Ёдгориҳои фарҳангӣ- таърихӣ ва табиии Тоҷикистон ҳамчун асоси рушди туризм ……………………………………………50

2.8. Ҳифз ва истифодаи ёдгориҳои фарҳангӣ-таърихӣ ва табиӣ дар фаъолияти осорхонаҳо…………………………………………… …62

Боби 3. Захираҳои фарҳангӣ-таърихӣ ва табиии Тоҷикистон.66

3.1. Оромгоҳи Шайх Муслиҳиддин ва ёдгории таърихӣ-меъмории Ҳазрати Шоҳ…………………………...………66

3.2. Шаҳри қадимаи Панҷакент………………………………71

3.3. Мамнӯъгоҳи таърихӣ-фарҳангии Ҳисор……………..… …75

3.4. Маъбади буддоии Аҷинатеппа……………………………78

3.5. Тахти сангин «Маъбади Окс»……………………………80

3.6. Ҳулбук……………………………………………………86

3.7. Оромгоҳи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ………………… ….89

3.8. Маҷмааи Хоҷа Машҳад…………………………….. ….91

3.9. Шаҳри асримиёнагии Бозордара…………………..…… ..…94

3.10. Қалъаҳои Қааҳқа ва Ямчун………………………… ..…98

3.11. Петроглифҳо……………………………………….…103

3.12. Ёдгориҳои табиат: Дараи Ширкент……………….. ..…105

3.13. Чилучорчашма………………………………..… …..107

3.14. Кӯҳи намаки Хоҷа Мӯъмин……………………… ……..109

3.15. Қуллаи Исмоили Сомонӣ……………………… ……..112

3.16. Маҷмааи табобатӣ-истироҳатии Гармчашма…… ……..116

3.17. Кӯлҳои Помир………………………… ………………118

Адабиёт …………………………………………………123

ҚОДИРОВ Ф.С.

# ЗАХИРАҲОИ ТУРИСТӢ: ЁДГОРИҲОИ ФАРҲАНГӢ-ТАЪРИХӢ ВА ТАБИӢ

Муҳаррири ороиш Раҳмонов А.А.
Муҳаррири техникӣ Маҳмудов Г.
БН№4591

Ба матбаа 12.03.2012 супурда шуд.
Ба чоп 13.03.2012 имзо шуд.
Андозаи 84х108 1/32. Қоғази офсетӣ.
Ҳуруфи адабӣ. Чопи офсетӣ.
Ҷузъи чопии шартӣ 8,125
Супориши № 73
Адади нашр 200

Муассисаи нашриявии «Ирфон» - и Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, 764018, ш. Душанбе, кӯчаи Н. Қарабоев, 17

Дар матбааи нашриёти «Паёми ошно» чоп шудааст.
Суроға: ш. Душанбе, хиёбони Борбад 54

КОДИРОВ Ф.С.

# ТУРИСТСКИЕ РЕСУРСЫ: КУЛЬТУРНО-ИСТОРИЧЕСКИЕ И ПРИРОДНЫЕ ПАМЯТНИКИ
## (УЧЕБНОЕ ПОСОБИЕ)

Душанбе
«Ирфон»
2012



УЗБЕКИСТОН
КИРГИЗИСТОН
АФГОНИСТОН
ПОКИСТОН
ХИНДУСТОН
ХУЧАНД
ДУШАНБЕ
Бустон
Табошар
Шайдон
Конибодом
Исфара
Зафаробод
Спитамен
Истаравшан
Шахристон
Панчакент
Айнӣ
Мехрон
Зарафшон
Сирдарё
Чиргатол
Сурхоб
Мукснсу
Саукой
Маркансу
Рашт
Точикобод
Варзоб
Рогун
Хингоб
Тавилдара
Балаңдкиик
Обихингоу
к. Қарокул
Музкол
Шахринав
Турсунзода
Хисор
Вахдат
Файзобод
Хованинг
Норак
Балчувон
Дарвоз
Ванч
Язгулом
Кокуйбел
к. Рангкул
к. Шуркул
Сомонийн
Ёвон
Обикиик
Муъминобод
Кизилсу
Яхсу
Дангара
Чомӣ
Темурмалик
Кӯлоб
Мургоб
Оксу
Сарбанд
Кӯргонтеппа
Исмоили Сомонӣ
Вахш
Восеъ
Шурообод
Хамадонӣ
Рушон
Бартанг
к. Сарез
к. Яшилкул
Аличур
Чалолиддини Румӣ
Хоруг
к. Зоркул
Помир
Кофарнихон
Чиликул
Дӯстӣ
Бахорӣ
Кубодиён
Шахритус
Панч
Роштқалъа
Шохдара
Ишкошим
ЧИН